ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ**: 343(575.3)
**ТКБ**: 67.99(2)93(2Т)
**Ш** – 32

**ШАРИФЗОДА РАҲМАТУЛЛО ФАЙЗУЛЛО**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**РОҲБАРИ ИЛМӢ**:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**САФАРЗОДА А. И.**

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**.........................3
**МУҚАДДИМА**..........................................................................................4-16
**БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ**...................................................................................17-65
1.1.Табиати ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................17-44
1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан..........................................................44-65
**БОБИ 2. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**..................................................................................66-142
2.1. Объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан..............66-90
2.2. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан...........90-119
2.3. Таҳлили аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан...................................................................119-142
**ХУЛОСАҲО**..........................................................................................143-149
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.............................................................................................150-152
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**..................................................153-172
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**...................................................................................................173-174

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**КИҶҶ ҶТ** – Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ ҶТ** – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КНА ҶТ** – Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодкуси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КО ҶТ** – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВКД** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СМИТ** – Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилӣ

**КТ ҶТ** – Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ФР** – Кодекси ҷиноятии Федератсияи Руссия

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ВМКБ** – Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ҚҲД** – Қоидаи ҳаракат дар роҳ

**РҚД** – Рақами қайди давлатӣ

**ғ**.– ғайра

**с**.– сол

**с**.– саҳифа

**С**. – саҳифа

**қ**. – қисм

**қ.қ.** – қисмҳо

**б.** – банд

**б.б.** – бандҳо

**м.** – модда

**м.м.** – моддаҳо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар тағйироти куллӣ ба амал омад, ки ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ бетаъсир намонд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд бо риояи принсипи инсондустӣ, ки принсипи бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф шудааст, таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Аз ин рӯ, дар Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, ба ҳимояи ҳамаҷонибаи ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмин гардидааст. Дар ин радиф, бо дарназардошти танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар шароити кунунӣ, зимни таҳияи қонунгузории ҷиноятӣ, ҳифзи манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои ҷинояткорона дар мадди аввал қарор гирифтаанд.

Ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҷинояткориро танҳо дар ҳолате коҳиш додан мумкин аст, ки беэҳтиромӣ ба қонун ва беэътиноӣ ба ҳуқуқ дар маҷмуъ аз байн бурда шуда, риояи ҳатмии тартиботи ҳуқуқӣ ҳамчун рафтору кирдори табиӣ ба шуури мардум ворид карда шавад»[1].

Новобаста аз ин, дар шароити муосир ҳолатҳои гуногуни таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон вуҷуд доранд, ки мухолифи меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва қонунгузории ҷиноятӣ мебошанд ва барои содир кардани ин гуна кирдорҳо қонуни ҷиноятӣ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст. Ба чунин ҳолатҳо кирдорҳои мазкур мисол шуда метавонанд: вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби иштирокчиёни он (масалан, истифодаи телефони мобилӣ, гӯшмонакҳо ва ғайра), муомилоти бозичаҳои пастсифат, иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби падару модар ва ё шахсони онҳоро

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана ба муносибати рӯзи милитсия [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //http://dushanbepolice.tj/page/ (санаи муроҷиат: 14.01.2023).

ивазкунанда вобаста ба нигоҳубини нобол иғ, ҷалби ноболиғон ба кор ва ғайра.

Яке аз чунин ҳолатҳо, ки метавонад ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдид кунад, истифодаи телефони мобилӣ ва гӯшмонакҳо ба ҳисоб меравад. Мутахассисони соҳа дар баробари ҷанбаҳои мусбат, паҳлуҳои манфии истифодаи телефонҳои мобилӣ ва гӯшмонакҳоро низ муайян кардаанд. Махсусан, барои иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ, дар мисоли ронандагон, пиёдагардон ва дучархаронҳо, ки метавонанд ба ҳолати садамавӣ гирифтор шаванд ва дар натиҷа, хатар ба ҳаёти худ ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро ба вуҷуд оранд. Мутаассифона, дар аксари ҳолатҳо ронандагон ба ҷойе, ки ба ҷабрдида ёрии аввалияи тиббӣ расонанд ё ба беморхона интиқол диҳанд, аз ҷойи ҳодиса фирор мекунанд, ки ин метавонад ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида зарари ҷиддӣ ворид намояд ва ҳатто боиси марги ӯ шавад.

Дар шароити муосир иддае аз соҳибкорон бозичаҳои пастсифатро ба бозорҳои кишвар ворид менамоянд, ки волидайн барои шавқу ҳавас ва осоиши кӯдакон ба хариди онҳо даст мезананд. Мутаассифона, чунин бозичаҳо метавонанд саломатии кӯдаконро зери хатар гузоранд. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз дошт, ки «Тибқи маълумоти Прокуратураи генералӣ, фаъолияти гуруҳи корӣ вобаста ба санҷиши сифати маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз бист давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯйи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд»[2].

Ҳолати дигаре, ки ҳаёт ва саломатии ноболиғонро дар хатар мегузорад, аз ҷониби волидайн риоя накардани уҳдадориҳои, ноболиғон ва бепарвоёна

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри 2017. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 26.07.2021).

рафтор кардан нисбат ба онҳо мебошад. Иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби волидайн ба ҳаёт ва саломатии ноболиғ хатар дорад. Масалан, танҳо гузоштани ноболиғ дар манзили истиқоматӣ.

Масъалаи дигаре, ки дар рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва он метавонад боиси ба миён омадани таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии ноболиғон гардад, ҷалби онҳо ба меҳнат маҳсуб меёбад. Тавре ки маълум аст, низоми иқтисодии давлатҳои пешрафтаро ҷомеаи иқтисоди бозоргонӣ ташкил медиҳад. Чунин низоми иқтисод аз як ҷиҳат фарогири ҷанбаҳои мусбат барои шаҳрвандон дошта бошад, ҳамчунин, чандин пайомади манфӣ низ ба бор оварда метавонад. Аз ҷумла, мушкил гардидани зиндагии як қишри осебпазири ҷомеа, метавонад боиси ҷалби ноболиғон ба меҳнат, аз ҷумла, меҳнати маҷбурӣ гардад. Зеро аз синни муқарраркардаи қонунгузории меҳнатӣ поёнтар, ба меҳнат ҷалб кардани ноболиғон оқибатҳои ногуворро ба миён меорад ва боиси таҳдиди воқеӣ ба ҳаёт ва саломатӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки қонуни ҷиноятӣ барои дар хатар мондани ҳаёт ва саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ кардааст, ки он дар моддаи 127 КҶ ҶТ инъикоси худро ёфтааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар сурати содир кардани кирдорҳои дар боло зикршуда, ки боиси дар хатар мондани ҳаёт ва саломатии шахс мегарданд, субъектони дахлдор тибқи талаботи моддаи 127 КҶ ҶТ ба ҷавобагарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

Ҳолатҳои мазкур аз он гувоҳанд, ки мавзуи дар хатар монондан яке аз масоили мубрами рӯз буда, таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмиро тақозо карда, зарурат ба такмили қонунгузорӣ дорад. Зеро, ҷинояти дар хатар монондан дар моддаи 127 Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1998 пешбинӣ гардида, аз замони қабули қонуни мазкур то ба ҳол вобаста ба он ягон таҳқиқоти илмии ҳамаҷониба аҷом наёфтааст ва ба такмил ниёз дорад.

Ҳамчунин, дар шароити шаклгирии «фазои ҳуқуқӣ», дар муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқсозии минбаъдаи қонунгузории ватанӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан бо санадҳои ҳуқуқии

байналмилалӣ, инчунин, омӯзиш ва истифодабарии моделҳои қобили қабули танзими ҳуқуқии кирдори зикргардида бисёр муҳимму мубрам ба назар мерасад.

Дар баробари ин, мубрамии таҳқиқоти мазкур бо омилҳои зерин асоснок карда мешавад: дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ҷинояти дар хатар монондан ба таври мукаммал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст; тафсири беҳтару бештари ҷинояти дар хатар монондан ва барои омма мушаххас намудани натиҷаҳои ҷинояти мазкур муҳим дониста мешаванд; ҳангоми бандубаст намудани ҷинояти дар хатар монондан мушаххасу ҷудо кардани он аз дигар кирдорҳои ба ин монанд зарур шуморида мешавад; таҳлили парвандаҳои бандубастгардидаи ҷинояти дар хатар монондан, дар амалияи мақомоти тафтишотиву судӣ ва ошкор намудани камбудиву нуқсонҳо дар таъмини ҷавобгарӣ мубрам мебошад.

Ҳамин тавр, ҷинояти дар хатар монондан бо сохтори мураккабу ҳолатҳои номуаянӣ ба таҳқиқу пажуҳиши бештар ниёз дорад. Бояд паҳлуҳои мухталифу баҳсноки он мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва дар оянда сохтори қонунгузории ҷиноятиро вобаста ба кирдори мазкур такмилу мукаммал намоем.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз мавзуъҳои камомӯхташуда ба ҳисоб меравад. Доир ба ин масъала, таҳқиқоти махсус ва ё асари мукаммале таълиф нагардидааст. Вале ҷанбаҳои мухталифи он аз ҷониби муҳаққиқони дохилию хориҷӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст, ки осори онҳоро аз рӯйи мундариҷа, мазмун ва моҳият метавон ба ду гуруҳи асосӣ тақсим кард.

Ба гуруҳи якум, муҳаққиқони ватанӣ дохил мешаванд. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ба омӯзиши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан ва ба ин масъала наздик чанде аз донишмандон ба монади У.А. Азиззода (У.А. Азизов)[3], З.А. Камолов[4], Н.А. Қудратов[5], М.М. Муллоев[6],

[3] Ниг.: Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследования: дис. ... д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. –

С.С. Нарзулозода[7], А.И. Сафарзода[8], Ф.Т. Тоҳиров[9], И.Р. Тулиев[10], С.С. Шарипов[11], Т.Ш. Шарипов[12] ва дигарон машғул шуда, паҳлуҳои гуногуни онро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Яке аз муҳаққиқе, ки ба масъалаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳдиди хатар ба саломатии инсон машғул гардидааст, С.С. Нарзуллозода мебошад. Ӯ зимни таҳқиқ масоили рушди қонунгузории миллӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии аломатҳои таркиби ҷиноят, омӯзиши маълумоти омории маъмуриву ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ вобаста ба мавзуи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ба гурӯҳи дуюм, осори муҳаққиқони хориҷӣ дохил мешаванд. Ба монанди Ю.А. Власов[13], М.И. Ковалев[14], И.Я. Козаченко[15], А. Кригер[16], А.В.

---

413 с.

[4] Ниг.: Камолов З.А. Система наказаний по Уголовному Кодексу Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2009. – 193 с.

[5] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – 216 с.; Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми умумӣ ва пешбурди то судӣ) / Зери таҳрири номз. илм. ҳуқуқ, дотс. Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2013. – 362 с.; Кудратов Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть: учебно-методический комплекс. – Душанбе, 2012. – 342 с.

[6] Ниг.: Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. – Сталинабад: Изд-во Таджик. гос. ун-та, 1960. – Ч. 1. – 159 с.

[7] Ниг.: Нарзуллозода С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 217 с.

[8] Ниг.: Сафарзода А.И. Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 53 с.

[9] Ниг.: Тахиров Ф.Т. История государства и права Таджикистана (1917-1929). – Т. 2. – Ч. I. – Душанбе: Амри илм, 2001 – 492 с.

[10] Ниг.: Тулиев И.Р. Наказание по уголовному праву Таджикистана (система, виды наказаний и их назначение): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2010. – 30 с.

[11] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 204 с.

[12] Ниг.: Шарипов Т.Ш. Асосҳои умумии таъйини ҷазо / Т.Ш. Шарипов // Устувории низоми судии Тоҷикистон: проблема ва мулоҳиза. – Душанбе: Матбуот, 2002. – С. 128-140; Шарипов Т.Ш., Камолов З.А., Раҳматҷонов Б.Н. Маҷмӯаи санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазои қатл (1917-2005) / Зери таҳрири З.М. Ализода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2014. – 257 с.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқов Ш.Л. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2018. – 224 с.

[13] Ниг.: Власов Ю.А. Уголовная ответственности за оставление в опасности: дис. ... канд. юрид. наук. – Омск, 2004. – 162 с.

[14] Ниг.: Ковалев М.И. Проблемы учения об объективной стороне состава преступления. – Красноярск, 1991. – 176 с.

[15] Ниг.: Козаченко И.Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья. – Томск, 1987. – 232 с.

[16] Ниг.: Кригер Г.А. Еще раз о смешанной форме вины / Г.А. Кригер // Сов. юстиция. – 1967. – №3. – С. 7-10.

Кузнетсов[17], В.В. Лунеев[18], В.Б. Малинин[19], А.В Наумов[20], Л.К. Рафиева[21], Г.В. Тимейко[22] ва дигарон.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар доираи лоиҳаи илмии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба мавзуи «Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии ҶТ дар даврони муосири рушд» бахшида шудааст, иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертарсионӣ таҳлили қонунгузорӣ вобаста ба ҷинояти дар хатар монондан, омӯзиши амалияи тафтишотӣ ва судӣ доир ба бандубасти ин кирдор ва таҷрибаи амалишавии санадҳои судӣ, таҳқиқи маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ, ба амал баровардани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ доир ба паҳлуҳои мухталифи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан ва коркарди пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба мақсади зикршуда, иҷрои вазифаҳои зерин зарур мебошанд:

– омӯзиши табиати ҳуқуқии ҷиноятии дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Тоҷикистон;

– ба амал баровардани таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан;

– таҳқиқи ҳамаҷонибаи объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан;

– мушаххас намудани субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан;

[17] Ниг.: Кузнецов А.В. Уголовное право и личность. – М.: Юридическая литература, 1977. – 168 с.
[18] Ниг.: Лунеев В.В. Преступность ХХ века. Мировой криминологический анализ. – М.: Норма, 1997. – 525 с.
[19] Ниг.: Малинин В.Б. Обоснование уголовной ответственности за бездействие / В.Б. Малинин // Вестник ЛГУ. – 1984. – Сер. 6. – №23. – С. 114-116.
[20] Ниг.: Наумов А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: комментарий судебной практики и доктринальное толкование. – М.: Волтерс Клувер, 2005. – 384 с.
[21] Ниг.: Рафиева Л.К. Честь и достоинство как правовые категории / Л.К. Рафиева // Правоведение. – 1966. – №2. – С. 57-58.
[22] Ниг.: Тимейко Г.В. Общее учение об объективной стороне преступления. – Ростов-на-Дону, 1977. – 216 с.

– таҳлили аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан ва таҳдид ба ҳаёту саломатии инсон вобастаанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро табиати ҳуқуқии ҷиноятии дар хатар монондан дар низоми қонунгузории Тоҷикистон, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятиии кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан, объект ва тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷинояти мазкур, ҳамчунин, таҳлили аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи дар хатар монондан ташкил мекунад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан тибқи қонунгузории ҶТ ба таҳқиқи таърихи падидаи мазкур диққати ҷиддӣ дода шуда, аз соли 1998 то инҷонибро фарогир аст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2017-2023 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанию хориҷӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан ташкил медиҳанд. Асоси таҳқиқоти диссертатсиониро асарҳои ҳуқуқшиносону муаррихони шуравӣ ва пасошуравӣ, инчунин, асарҳои илмӣ дар соҳаҳои фалсафа, назарияи умумии давлат ва ҳуқуқ, таърихи ҳуқуқ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи граждании ва ғайра ташкил медиҳад. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқоти илмии мазкур монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси илмӣ истифода шудаанд. Усулҳои умумиилмии фалсафӣ, аз ҷумла, категорияи фалсафии «мафҳум», «низом», «табиат» тавассути усулҳои таҳқиқи диалектикӣ ва материалистӣ муайян карда шуд. Ҳамчунин, бо истифода аз усулҳои умумиилмӣ дар диссертатсия мафҳумҳои илмии «ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан» ва «табиати ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан» таҳқиқ шуда, вобастагии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба талаботҳои объективии ҳаёти ҷомеа нишон дода шуд. Дар баробари ин, дар рафти таҳқиқот методҳои махсуси илмӣ вобаста ба омӯзиши таҷрибаи таърихии танзими ҷинояти дар хатар монондан; расмӣ-мантиқӣ, ки дар таҳлили ҷузъии аломатҳои дар қонун нишондодашудаи таркиби ҷинояти дар хатар монондан ифода гардидаанд; муқоисавию ҳуқуқӣ, ки дар таҳлили қонунгузории баъзе аз давлатҳои хориҷӣ, дар масъалаи танзими ҷинояти дар хатар монондан ва ҷавобгарӣ барои содиршавии он истифода шудаанд; методи ҳуҷҷатнигорӣ-интихоб кардан ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти ҷинояти дар хатар монондан; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ҷинояти дар хатар монондан иборат мебошад, истифода шудаанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2017-2023, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут ба ҷинояти дар хатар монондан, инчунин, парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст. Дар ин самт, зиёда аз 109 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки рисолаи мазкур нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан дар ҶТ ба шумор меравад. Навовариҳои таҳқиқоти мазкур аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

- табиати ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мавриди баррасӣ қарор гирифта, мавқеи он дар низоми қонунгузорӣ муайян гардидааст;

➢ қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан таҳқиқ гардида, гуногунрангӣ, норасоӣ ва бартарияти асоснокии ҷавобгарии ҷинояти мазкур дар КҶ кишварҳои узви ИДМ нишон дода шудааст;

➢ масоили объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан ба таври мукаммал мавриди омӯзиш қарор гирифта, сарҳади ҷинояти мазкур аз дигар кирдорҳои ба он ҳамшабеҳ ҷудо карда шудааст;

➢ дар раванди таҳқиқ субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан мушаххасу муайян шуда, андешаҳои асосноки илмӣ вобаста ба масъалаи мазкур ироа гардидааст;

➢ аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифта, парвандаҳои тафтишотиву судӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, андешаҳои илман асоснок барои бартараф кардани норасоиҳо дар қонунгузорӣ ироа гардидааст.

**Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Ба андешаи мо, субъекти ҷинояти дар хатар монондан умумӣ мебошад. Аммо, ҷинояти мазкур имконият дорад, ки аз ҷониби шахсе содир гардад, ки барои расонидани ёрӣ уҳдадор буд, аммо, аз иҷрои он саркашӣ кард. Аломатҳои субъекти ҷинояти дар хатар мононданро бояд вобаста ба он, ки шахс аз кадом уҳдадорӣ саркашӣ менамояд, муайян намуд. Вобаста ба ин ақида, иброз кардан имконпазир аст, ки субъекти ҷинояти мазкур махсус низ шуда метавонад. Яъне, ҷинояти мазкур аз ҷониби нафароне содир мегардад, ки дар баробари аломатҳои асосӣ инчунин, аломатҳои иловагии субъекти ҷиноятро доро мебошанд.

2. Таҳлилҳои муқоисавии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви давлатҳои ИДМ, моро водор намуд, ки ақидаҳо дар бораи баназаргирии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ин давлатҳоро ироа намоем. Воқеан, омӯзишҳои

муқоисавӣ аз он гувоҳанд, ки таҷрибаи пешқадами қонунгузории хориҷӣ барои мукаммал гардонидани қонунгузории ҷиноятии ҶТ кумак намуда, боиси боз ҳам устувор ва мустаҳкам гардидани меъёрҳои қонун мегардад. Аз ин лиҳоз, бо таҳлили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон пешниҳод месозем, ки дар диспозитсияи моддаи 175 истилоҳи «кӯдак» ба «ноболиғ» иваз карда шавад.

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф чандин тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ ворид намудани тағйиру иловаҳои зеринро судманд меҳисобем:

3. Дар м. 127 КҶ ҶТ истилоҳи дар хатар монондан истифода шудааст, вале мафҳуми дар хатар гузоштан дарҷ нагардидааст. Тибқи назари олимон, кирдори дар хатар монондан ва дар хатар гузоштан аз ҳамдигар тафовут доранд. Пешниҳод мегардад, ки тафовути онҳо дар шакли алоҳида, дар м. 127 КҶ ҶТ дақиқ карда шавад. Аз таҳлили андешаҳои олимони соҳа мо ба чунин хулоса омадем, ки ибораи «дар хатар монондан» аз ибораи «дар хатар гузоштан» вобаста ба тарафи субъективии худ аз ҳамдигар тафовут доранд. Фарқ байни «дар хатар гузоштан» аз «дар хатар монондан» дар он аст, ки субъекти ҷинояти «дар хатар гузоштан» шахси ҷабрдидаро қасдан дар ҳолате мегузорад, ки таҳдиди расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ӯ вуҷуд дорад. «Дар хатар монондан» бошад, маънои онро дорад, ки субъекти ҷиноят шахси ҷабрдирдаро аз беэҳтиётӣ дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатии ӯ хавфнок монондааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки ибораҳои мазкур бамавқеъ дар диспозитсияи моддаи 127 КҶ ҶТ истифода гарданд.

4. Аз таҳлили ҳамаҷонибаи масъала бармеояд, ки дар м. 127 КҶ ҶТ баъзе мушкилоту норасоиҳо ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, барои боз ҳам возеҳу равшан шудани ин модда, ворид кардани тағйирот ба мафҳуми «дар хатар монондан» ба назар гирифта шавад. Ибтидо, номи модда – «дар хатар монондан» ба «дар хатар монондании ҳаёт ва саломатии инсон» тағйир дода

шавад. Зеро дар натиҷаи «дар хатар мононадан» имконияти расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон вуҷуд дорад.

5. Қонунгузорӣ ҷавобгарии ҷиноятиро бо м. 127 КҶ ҶТ муқаррар карда, мафҳуми дар хатарнок мононданро дақиқан шарҳ надодааст. Мо чунин меҳисобем, ки ҳангоми қасдан расонидани зарар ба саломатӣ, ки дар натиҷа ҷабрдида дар ҳолати хатарнок мондааст, амали шахс ҳамчун фарорасии оқибати кирдор дар дигар моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ба назар гирифта шудаанд ва бандубасти иловагӣ бо м. 127 КҶ ҶТ-ро тақозо намекунад. Барои аз байн бурдани мухолифат дар татбиқи м. 127 КҶ ҶТ лозим медонем, ки дар диспозитсияи модда дақиқ карда шавад, ки дар хатар монондан кирдореро амалӣ мекунад, ки ба қасдан расонидани зарар ба саломатӣ алоқамандӣ надорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада, низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан, фарқияти ин ҷиноят аз таркиби дигар ҷиноятҳои ҳамшабеҳро ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Дар баробари ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мондан аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Дар ин радиф, таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф, метавонад оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ ҳангоми татбиқи м. 127 КҶ ҶТ дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба таҳқиқ ва тавсифи ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шаванд.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонад дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, инчунин, дар курсҳои

махсуси таълимӣ, аз ҷумла, фанҳои «Ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ», «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» ва ғайра истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба таҳқиқот ва рисолаҳои як қатор олимон, ки нуктаҳои назари илмии муосирро оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории ҶТ инъикос менамояд, ба даст оварда шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили чандин парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднок мебошанд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи ҶТ, КҶ ҶТ, КИҶҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ, Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, гузориши масъала, сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои худ пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ироа намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва борҳо мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гирифта, ба ҳимоя иҷозат дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ ва миллии зерин, дар шакли маъруза пешниҳод шуда, ба табъ расидаанд:

а) Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, зери унвони «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо», дар мавзуи «Объекти ҷинояти дар хатар монондан». Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019;

б) Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ зери унвони «Илм – асоси рушди инноватсионӣ», дар мавзуи «Таҳлили ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ. – Душанбе, 2020.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи диссертатсия ва муҳтавои асосии он аз ҷониби унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 4 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулосаҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

## 1.1. Табиати ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз масъалаҳои муҳими ҳар давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб рафта, унсури аввалиндараҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Дар масири таърих масъалаи мазкур аз ҷиҳати назария ва амалия ба таҳаввулоти бузург дучор гардида, бозтоби он дар ҳуҷҷатҳову санадҳои меъёрии ҳуқуқии тамаддуни олам ба назар мерасад.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҶТ роҳи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёдро пеш намуда, дар ин замина, дар моддаи 1 Конкститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбуёд, дунявӣ ва ягона эълон гардида, дар м. 5 ин санади олии ҳуқуқӣ бошад, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуд. Дар ин марҳилаи кӯтоҳи таърихӣ қонунгузории ҶТ дар ин самт ба комёбиҳои назаррас ноил гардида, минбаъд ин раванд идома дорад. Далели ин гуфтаҳо, дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон собит ёфтааст: «Давлат минбаъд низ сиёсати демократикунонии ҳамаи паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро устуворона идома медиҳад. Дар доираи ин сиёсат қонунгузории мамлакат мунтазам такмил ёфта, озодиву ҳуқуқҳои шаҳрвандон вусъат пайдо хоҳанд кард. Аз байн бурдани мухолифат миёни қонунҳо ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи қонунгузорӣ мебошад. Ба ин масъала, мо борҳо ишора карда будем, вале ихтилофи байни асноди қонунгузорӣ дар амалияи ҳуқуқӣ ҳанӯз ҳам ба мушоҳида мерасад»[23].

[23] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 30 апрели соли 2007 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/197 (санаи мурочиат 10.02. 2020).

Бояд гуфт, ки дар Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан дарҷ гардида, дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрӣ ва риояву ҳифзи он кафолат дода шудааст[24]. Ҳамзамон, боби дуюми Конститутсия комилан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд марбут аст. Аксари моддаҳои он барои ҳуқуқу озодии инсон меъёр муқаррар намудааст, ки аз низоми мураккабу асоси мантиқӣ ва мазмуну таъиноти махсус бархӯрдор мебошад. Дар баробари муқаррароти конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, давлат принсипҳои қатъии риояи онҳоро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ танзим намудааст. Кирдорҳое, ки бидуни талаботи муқарраргардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегиранд, вобаста ба хусусиятҳои дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиашон ҷазо таъйин карда мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар баробари ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии инсон дар ҳама давлатҳо, хусусан, дар кишвари мо дар мадди аввал меистад. Дар воқеъ, аз даврони ташаккули давлатҳо, бахусус, пайдоиши низоми демократӣ кормандони мақомоти дахлдор ва роҳбарони давлатҳо дар пайи ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон талош кардаанд. Дар ин замина, давлат муносибатҳои ҷамъиятиро танзим намуда, ҳаёт ва саломатии инсонро тавассути ҳуқуқи ҷиноятӣ аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ҳифз менамояд[25]. Махсусан, дар ҶТ ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон дар маркази диққати мақомоти қонунгузорӣ қарор дорад. Ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат бар зиммаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузоштааст. Ҳамин сохтор тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, махсусан, КҶ ҶТ ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва дигар оқибатҳои ҳуқуқии ҷиноят будани онро муқаррар менамоянд.

---

[24] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.05.2013 ва 22.05.2016 с.) // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2020.
[25] Ниг.: Козаченко И.Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья. – Томск, 1987. – С. 90-91.

Масъалае, ки мо дар низоми қонунгузории ҶТ мавриди таҳқиқ карор медиҳем, ҷинояти дар хатар мононданмебошад. Кирдори мазкурро мақомоти қонунгузор дар як зумра санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ танзим намудааст, ки онҳоро пай дар пай шарҳу тавзеҳ медиҳем. Яке аз санадҳои муҳимми танзимкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ КҶ ҶТ мебошад. Мувофиқи м. 2 КҶ ҶТ вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти ҶТ аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин, пешгирии ҷиноятҳо иборат аст. Вобаста ба ин, дар фасли VII КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» меъёрҳое пешбинӣ гардидаанд, ки ҳаёт ва саломатии инсонро ҳифз менамоянд. Дар ин асос, ҳаёт назар ба дигар муносибатҳо муҳимтарин робитаи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт чунин оқибатеро ба бор меоранд, ки барқароркунии он ғайриимкон аст, аниқтараш шахсе, ки аз ҳаёт маҳрум карда мешавад, ба ҳаёт баргардонидани он берун аз тавоноии инсон буда, ҳастии шахс дар ҷомеа хотима меёбад[26]. Аз ин лиҳоз, дар кодекси мазкур оид ба кирдори дар хатар мондан моддаи алоҳида пешбинӣ гардидааст. Моддаи 127-и КҶ ҶТ ҷинояти дар хатар мононданро муқаррар менамояд. Мутобиқи моддаи мазкур дар хатар мондан ин дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад. Ҳангоме ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва уҳдадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст, бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду чил то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба

[26] Ниг.: Ҳусейнов С.Ҳ., Мирзоев С.Б., Муҳаммадиев Н.Б. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт. Дастури таълимӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2014. – С. 13.

андозаи аз дусад то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад[27].

Кодекси ҷиноятии ҶТ моддаи мазкурро дар се қисм ба танзим даровarда, вобаста ба дараҷаи хавфнокии кирдори мазкур ҷазо таъйин намудааст. Қисми дуюми моддаи зикршуда, агар ин кирдор аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдидаро бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо пешбинӣ намудааст. Қисми сеюми он муқаррар намудааст, ки агар аз беэҳтиётӣ кирдори мазкур боиси марги одамон ва ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад, дар ин сурат, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он[28] ҷазо дода мешавад.

Меъёрҳое, ки дар фасли VII КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, 74 моддаро дарбар гирифта, аз рӯйи таркиб ва моҳият ҷойгузорӣ карда шудаанд. Аниқтараш, аз «одамкушӣ» (м. 104) то «бадқасдона саркашӣ намудани фарзандон аз таъминоти волидайни ғайри қобили меҳнат» (м. 178). Баррасии моддаҳои мазкур нишон медиҳанд, ки агар ҷазои ниҳоӣ барои м. 104 КҶ ҶТ то ҳукми қатл пешбинӣ шуда бошад, пас барои м. 178 КҶ ҶТ то ду сол аз озодӣ маҳрум кардан муайян шудааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми содир гардидани ҷинояти дар хатар мондан вайроншавии муносибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дар байни субъектони ҳуқуқ ба вуҷуд меояд. Хусусан, байни шахси ба ёрӣ муҳтоҷ ва шахси барои расонидани ёрӣ уҳдадор. Чунин амал дар фаъолияти ҳаррӯзаи шаҳрвандон метавонад ба вуқуъ пайвандад. Хусусан, кирдори дар хатар мононданро метавон нисбати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаи

[27] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
[28] Ҳамон ҷо

хидматиашон мушоҳида намуд. Вобаста ба ин ҳолатҳо, дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ наздик ба кирдори дар хатар монондан банд ва ё қисме ба мушоҳида мерасад.

Яке аз чунин санадҳо Қонуни ҶТ «Дар бораи агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Дар фаъолияти кормандони мақомоти мазкур эҳтимоли таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломати худ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, қ. 3 м. 5 қонуни болозикр муқаррар кардааст, ки «Корманди Агентӣ ҳуқуқи ҳимоя ва дигар ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва ҳабсгардидаро таъмин мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ муоинаи тиббии онҳоро мегузаронад, инчунин, бетаъхир дар бораи дастгир намудани онҳо ба хешовандон, маъмурияти ҷойи кор ё таҳсил ва дар муддати 12 соат ба прокурор хабар медиҳад, дар мавриди зарурат ба дастгиршудагон барои расонидани кумаки аввалияи тиббӣ, инчунин, барои рафъи хатар, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки онҳо ҳангоми дастгиркунӣ ё ҳабс таҳдид менамояд, тадбирҳо меандешад»[29]. Вобаста ба ин, метавон муайян намудн аст, ки кормандони ин мақомот ҳангоми дастгир намудани субъекти ҷинояти дар қонуни мазкур пешбинишуда, бояд аз таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии худ ва вайронкунандаи ҳамин меъёри ҳуқуқиро ҳифз намоянд.

Масъалаи хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ ба чашм мерасад. Вазифаҳои хизматии кормандони ин мақомот дар м. 4 қонуни мазкур ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст, ки ҳамаи зербандҳои он ҳаёт ва саломатии онҳоро зери суол мебарад[30]. Аниқтараш, ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии кормандони ин ниҳод ва узви оилаи онҳо бештар аст. Дар қонуни

---

[29] М. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи агентии давлатии молявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-агентии-назорати-давлатии-молиявӣ-ва-мубориза-бо (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[30] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи қӯшунҳои сарҳадии кумитаи давлатии амнияти миллӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-қӯшунҳои-сарҳадии-кумитаи-давлатии-амнияти-миллии (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

мазкур пешбинӣ шудааст, ки давлат барои ҳар як хизматчии ҳарбие, ки барои муҳофизати давлат вобаста шудааст, рафъи таҳдиди хатарҳои ба ҳаёт ва саломатии узви оилаи онҳо кафолат дода мешавад. Дар навбати худ, кормандони ин ниҳод уҳдадор гардиданд, ки зимни иҷрои вазифаҳои хидматӣ истифодаи дурусти яроқу аслиҳа ва техникаи ҷангро донанду ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хатар эҷод накунанд.

Мавриди зикр аст, ки боз чунин кирдорро дар Қонуни ҶТ «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» вохӯрдан мумкин аст. Аз рӯйи муқаррароти м. 21 қонуни зикргардида муайян намудан мумкин аст, ки кормандони ин мақомот ҳуқуқ доранд бо худ силоҳ гардонанд ва дар мавридҳое, ки ҳаёт ва саломати инсон зери хатар бошад, аз силоҳ истифода баранд. Ҳамзамон, дар м. 25 қонуни болозикр пешбинӣ шудааст, ки «чораҳо доир ба таъмини амнияти шахсии кормандони мақомоти амнияти миллии ҶТ ва узви оилаи онҳо дар ҳолатҳои хатари воқеӣ ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти онҳо татбиқ карда мешаванд»[31].

Дар радифи қонунҳои зикршуда кирдори дар хатар мононадан дар дигар санади меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, хусусан, Қонуни ҶТ «Дар бораи қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ишора шудааст. Дар ин қонун барои ба танзим даровардани вазъи ҳуқуқӣ, вазифаҳо, таъйинот ва принсипҳои фаъолияти қӯшунҳои дохилии ВКД ҶТ меъёрҳои махсус ҷой доранд, ки дар баъзе бандҳо ва зербандҳои моддаҳои он масъалаи таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон муқаррар шудааст[32]. Масалан, сархати 1 м. 19 қонуни мазкур оид ба дар хатар мононадани хизматчиёни ҳарбӣ ҳангоми истифодаи қувваи ҷисмонӣ, силоҳ ё техникаи ҳарбӣ меъёр дар шакли зерин: «дар бораи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус, силоҳ ё техникаи ҳарбӣ пешакӣ огоҳ намоянд ва зимнан, барои иҷрои

[31] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-мақомоти-амнияти-миллии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[32] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боари қӯшунҳои дохилии ВКД ҶТ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/дар-бораи-қӯшунҳои-дохилии-вазорати-корҳои-дохилии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

талаботаш ба қадри кофӣ муҳлат диҳанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки таъхир намудан дар ин кор ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон, хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ хатар дошта бошад ва боиси оқибатҳои вазнин гардад ё вақте ки чунин огоҳнамоӣ дар вазъияти баамаломада ноҷоя ё номумкин аст», оварда шудааст. Истифодаи силоҳ аз ҷониби кормандони мақомоти мазкур дар банди «б» м. 22 ҳамин қонун ҳангоми дар хатар монондани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ бо чунин тарз пешбинӣ намудааст: «Барои рафъи ҳуҷум ба хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва коркунони муассисаҳои ислоҳи меҳнатӣ, вақте ки ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар таҳдид мекунад, инчунин, барои пешгирӣ намудани кӯшиши гирифтани силоҳи онҳо»[33].

Масоили таҳқиқотиро дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» дидан мумкин аст. Самтҳои фаъолияти кормандони мақомоти милитсия тибқи қонуни мазкур гуногун буда, ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон аз кирдорҳои ғайриқонунӣ дар мадди аввал меистанд. Онҳо дар рафти иҷрои уҳдадориҳо ба ҳолатҳое дучор мегарданд, ки ҳаёт ва саломатии дигарон ва ҳам худи онҳо таҳти хатар қарор мегирад. Қисми 11 м. 11 ин қонун муқаррар кардааст, ки «шахсонеро, ки дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар ҳолати мастӣ қарор доранд ва намуди зоҳирии онҳо шаъни инсон ва ахлоқи ҷомеаро таҳқир месозад ва агар онҳо қобилияти мустақилона роҳ рафтан надошта бошанд ё метавонанд ба атрофиён ё худашон зарар расонанд, нисбати шахсони дар манзилҳояшон буда – дар асоси аризаи шифоҳӣ ё хаттии истиқоматкунандагони он ҷо, агар тахмин равад, ки рафтори шахсони мазкур ба ҳаёт, саломатӣ ва моликият таҳдиди хатар мекунад, ба муассисаҳои тиббӣ ё қисми навбатдори милитсия расонад ва то ҳушёр шуданашон нигоҳ дорад»[34].

---

[33] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боари қӯшунҳои дохилии ВКД ҶТ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/дар-бораи-қӯшунҳои-дохилии-вазорати-корҳои-дохилии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).
[34] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи милитсия // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти

Масъали дигаре, ки дар қонуни мазкур баррасӣ гардидааст, боздошти воситаҳои нақлиёт аз ҷониби кормандони ин мақомот мебошад. Итоат накардани ронандагони воситаҳои нақлиёт ба талаботи қонунии кормандони милитсия метавонад ҳаёт ва саломатии худ ва иштирокчиёни дигари ҳаракати роҳро таҳти хатар қарор диҳад. Матлаби мазкур дар сархати 6 м.15 ин қонун мустаҳкам карда шудааст. Паҳлуи дигаре, ки м. 18 қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ёрии кормандони ин ниҳодро ба шахсони дар натиҷаи ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳодисаи нохуш зарар дидаанд, инчунин, ба онҳое, ки дар ҳолати нотавонӣ ё дар ҳолатҳои барои ҳаёташон хатарнок мебошанд, уҳдадор менамояд[35]. Дар ҳақиқат, таҷрибаи ҳаётӣ нишон медиҳад, ки ҳамарӯза вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва итоат накардан ба кормандони БДА боиси садамаҳои нохушу маргбор мегарданд. Ин масъала дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ[36] то ҳадди зарурӣ мустаҳкам гардидааст.

Дигар масъалае, ки ба мавзуи таҳқиқотӣ наздик аст, истифодаи силоҳ мебошад. Барои ба танзим даровардани истифодаи силоҳ ҶТ санади меъёрии ҳуқуқиеро ба тасвиб расондааст, ки он Қонуни ҶТ «Дар бораи силоҳ» мебошад. Вобаста ба муқаррароти қ. 1 м. 5 қонуни мазкур кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар ашхосе, ки ба онҳо истифодаи силоҳ барои иҷрои вазифаи хизматӣ вобаста шудааст, бояд барои бартараф намудани хатарҳои нисбат ба ҳаёт ва саломатии инсон ба вуҷудомада истифода карда шавад. Вале ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки аз беэҳтиётӣ силоҳи хизматии корманди мақомот боиси таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии дигарон мегардад.

Дар амалияи судии ФР ва дигар давлатҳо чунин кирдор зиёд ба чашм мерасад. Масалан, 14 ноябри соли 2016 дар шаҳри Пскови ФР аз сабаби

---

Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-милитсия (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[35] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи милитсия // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-милитсия (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[36] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, Кодекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

беэҳтиётии волидайн ноболиғони 15-сола Муравёв Д. ва Власова К. бо яроқи шикорӣ нақлиёти кормандони милитсияро аз тирезаи хонаи истиқоматӣ нишон гирифтанд ва дар натиҷа ба худкушӣ даст заданд. Мақомот нисбати волидайни онҳо парвандаи ҷиноятӣ оғоз намуд[37]. Аз чунин кирдорҳо метавон мисоли зиёд овард.

Дигар масъале, ки ба доираи таҳқиқотӣ рабт дорад, дастгир ва нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда мебошад. Чунин шахсон метавонанд ҳар лаҳза ҳаёт ва саломатии худ ва дигаронро дар хатар қарор диҳанд. Ин масъаларо Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда»[38] танзим намудааст. Баъди оғоз ва ё анҷоми правандаи ҷиноятӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда ва ё судшаванда дар ҷойҳои махсусе, ки барои чунин категорияҳои одамон пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта мешаванд. Дар аксар ҳолатҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳаёт ва саломатии гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷониби нафари дигари ба онҳо монанд мавриди хатар қарор мегиранд. Барои бартараф намудани чунин таҳдидҳо мақомоти қонунгузор дар қонуни мазкур меъёрҳо пешбинӣ кардааст. Масалан, м. 19 қонуни болозикр муқаррар кардааст, ки «гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ҳуқуқ ба амнияти шахсӣ доранд. Ҳангоми ба миён омадани хатар ба ҳаёт ва саломатӣ ё таҳдиди содир шудани дигар ҷиноят ба муқобили шахсияти гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда аз ҷониби дигар гумонбаршудагон, айбдоршавандагон ва судшавандагон, кормандони ҷойҳои дар ҳабс нигоҳ доштан уҳдадоранд бетаъхир оид ба таъмини амнияти шахсии ин гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда чораҳо андешанд»[39]. Ё ин ки қ. 4 м. 5 пешбинӣ намудааст, ки «чизу чора,

---

[37] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://meduza.io/feature/2019/11/14/oni-deti-a-vzroslye-ne-smogli-ih-spasti (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[38] Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-тартиб-ва-шароити-дар-ҳабс-нигоҳ-доштани-гумонбаршуда (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[39] Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи

мавод ва озуқавориеро, ки барои ҳаёт ва саломатии одамон хатарноканд ё онҳоро ҳамчун олоти ҷиноят ё барои монеъ шудани мақсади дар ҳабс нигоҳ доштан истифода бурдан мумкин аст, ба гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда додан манъ аст»[40].

Бояд гуфт, ки санади меъёрии ҳуқуқии дигаре, ки оид ба дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон меъёрҳо пешбинӣ намудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳолати ҷангӣ» мебошад. Дар ҳолати ҷангӣ сархатти 6 м. 6 қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, ки «реҷаи махсуси кори иншооти таъминкунандаи фаъолияти нақлиёт, коммуникатсия, алоқа, телевизион, радио, нашриёҳо, иншооти энергетикӣ, инчунин, иншооте, ки барои ҳаёт, саломатии инсон ва муҳити зист хатари зиёд дорад»[41], ҷорӣ карда мешавад. Маълум аст, ки дар ҳолати ҷангӣ ҳаёт ва саломатии ҳама зери хатар қарор мегирад. Ин ва дигар паҳлуҳои масъала дар санади мазкур тавзеҳ дода шудааст.

Фаъолияти инсон дар ҷомеа гуногунпаҳлу буда, дар аксар мавридҳо имкони таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии онҳо ба амал омада метавонад. Ба ин гуна фаъолият алоқаи фелдегерӣ мисол шуда метавонад. Он яке аз намудҳои алоқаи почтавӣ мебошад, ки тавассути он ҳуҷҷатҳои муҳим ва асосан махфиро хаткашонҳои махсуси низомӣ бурда мерасонанд. Таъмини амният, уҳдадорӣ, ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандони ин самт, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи алоқаи фелдегерӣ» инъикос ёфтааст. Моддаи 9 қонуни мазкур оид ба бартараф намудани мушкилот дар ин самт, чунин диспозитсияро истифода намудааст: «Барои таъмини ҳифзи кафолатнок ҳангоми расонидани муросилот мақомоти хадамоти фелдегерӣ дар доираи салоҳияти худ воситаҳои махсуси техникии ҳифз, нақлиёт ва алоқаро истифода мебаранд.

электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-тартиб-ва-шароити-дар-ҳабс-нигоҳ-доштани-гумонбаршуда (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[40] Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-тартиб-ва-шароити-дар-ҳабс-нигоҳ-доштани-гумонбаршуда (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[41] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолати ҷангӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-ҳолати-ҷангӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

Воситаҳои техникии ҳифз, алоқа, ки аз тарафи мақомоти алоқаи фелдегерӣ истифода мешаванд, усулҳои истифодаи онҳо набояд ба ҳаёт ва саломатии одамон таҳдид кунад, инчунин, ба муҳити зист зарар расонад»[42].

Мавриди зикр аст, ки дар тамоми давлатҳо, хусусан, дар ҶТ низ нақши хизматчиёни ҳарбӣ барои бартараф намудани мушкилоти низоми ҳарбӣ бо самар мебошад. Дар ин радиф, Қонуни ҶТ «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ», ки ба мавзуи баррасишаванда наздикӣ дорад, асос гардидааст. Дар қ. 4 м. 9 қонуни мазкур оид ба «муҳлати адои хизмати ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ дар вазифаҳои ҳарбие, ки бо афзоиши хатар барои ҳаёту саломатӣ вобастаанд, ҳангоми муқаррар намудани нафақаи пиронсолӣ вобаста бо шароитҳои махсуси меҳнат ё нафақаи муҳлати хизмат, мутобиқи феҳристи дахлдори тасдиқнамудаи Ҳукумати ҶТ ба собиқаи махсус ҳисоб карда мешавад», нишон дода шудааст. Дар қ. 6 м. 9 омадааст, ки «Ба хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро дар маҳалҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои дорои шароити номусоиди иқлимӣ ё экологӣ, ё берун аз ҳудуди ҶТ, ҳамчунин, дар вазифаҳои ҳарбие, ки бо таҳдиди хатар барои ҳаёту саломатӣ вобастаанд, адо мекунанд, тибқи қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ имтиёзу кафолат ва ҷубронпулиҳои иловагӣ муқаррар карда мешаванд»[43].

Дар баробари ин, қ. 6 м. 10 қонуни мазкур ҳолатҳои хатар ба ҳаёт ва саломатии хизматчиёни ҳарбиро танзим намудааст. Тибқи он, хизматчиёни ҳарбие, ки хизмати ҳарбиро дар мавзеъҳои баландкӯҳ, маҳалҳои дорои шароити номусоиди иқлимию экологӣ, ҳамчунин, дар вазифаҳои ҳарбие, ки иҷрои уҳдадориҳои хизмати ҳарбии онҳо бо афзоиши хатар барои ҳаёт ва саломатӣ вобаста аст, адо менамоянд, давомнокии рухсатии асосӣ ба муҳлати 10 шабонарӯз зиёд карда мешавад[44]. Аз ин метавон чунин хулоса

---

[42] Қонуни Ҷумҳури Тоҷикистон дар бораи алоқаи фелдегерӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/дар-бораи-алоқаи-фелдегерӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[43] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вази ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-вазъи-ҳуқуқии-хизматчиёни-ҳарбӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[44] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вази ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ // Маркази миллии

кард, ки дар қонунгузории ҶТ ба фаъолияти чунин шахсон имтиёз дода шудааст.

Кирдори дар хатар мононданро метавон дар ҳолатҳои бартараф намудани баҳсҳои гражданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва ба танзим даровардани санадҳои судӣ, ҳукм ва қарорҳои судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва ғ. мушоҳида кард. Вобаста ба ин масъалаҳо, Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» қабул гардидааст. Дар қ. 2 м. 9 қонуни мазкур масъалаи дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон чунин оварда шудааст: «Дар ҳолати пайдо шудани шубҳаи асоснок ба рафтори қарздор, ки ӯ метавонад моликияти ситонидашавандаро харҷ ё пинҳон кунад ё дигар амалҳоеро содир намояд, ки метавонанд дар мавриди таъхири иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигарро душвору номумкин гардонанд, инчунин, дар ҳолатҳое, ки ба таъхир гузоштан мумкин нест, аз ҷумла, ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон хатар дошта бошад ё иҷрои амалҳои иҷро дар вақти муқаррарнамудаи қ. 1 моддаи мазкур бо гуноҳи қарздор номумкин бошад, иҷрочии мақомоти иҷро ҳуқуқ дорад амалҳои иҷроро бо иҷозати суди маҳалли ҷойгиршавии молу мулк дар рӯзҳои истироҳат, рӯзҳои ид ва шабона низ гузаронад». Дар м. 39 ҳамин қонун, омадааст, ки агар ҳангоми ба миён омадани монеа нисбати кормандони мақомоти иҷро, кормандони милитсия уҳдадоранд мусоидат намоянд: «Агар ба иҷрочиёни мақомоти иҷро ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматиашон ҷиҳати баамалбарории амали иҷро монеагӣ карда шавад ё ба ҳаёт ва саломатиашон хатар таҳдид кунад, кормандони милитсия уҳдадоранд дар доираи ҳуқуқҳои бо қонун пешбинигардида ба онҳо мусоидат намоянд». Дар қ. 2 м. $98^5$ оид ба таъмини бехатарии ҳафзи ҳаёт ва саломатии хешовандони наздики иҷрочиёни мақомоти иҷро «чораҳо доир ба таъмини амнияти шахсии иҷрочии мақомоти иҷро ва хешовандони наздики ӯ дар ҳолатҳои мавҷудияти хатар ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки ӯ

---

қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-вазъи-ҳуқуқии-хизматчиёни-ҳарбӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад»[45] пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истилоҳи дар хатар мондани ҳаёт ва саломатии инсонро зиёд мушоҳида намудан мумкин аст. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ». Дар қ. 1 м. 6 ин қонун омадааст, ки «шаҳрвандоне, ки ба сифати дружиначии ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ иштирок мекунанд, ҳуқуқ доранд аз иҷрои уҳдадориҳои ҷамъиятӣ даст кашанд, агар ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар таҳдид намояд». Тибқи муқаррароти қонуни мазкур, ҳаёт ва саломатӣ дар мадди аввал истода ва ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад шаҳрвандро ба корҳое, ки таҳдиди хатар ба ҳаёту саломатӣ доранд, ҷалб намояд. Ҳамзамон, дар қ. 5 м. 7 оварда шудааст, ки «мақомоти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ наметавонад шаҳрвандонро барои иштирок дар чорабиниҳое, ки ба ҳаёту саломатии онҳо хатар таҳдид мекунад, ҷалб намоянд» ва ё қ. 1 м. 8 «вайронкунандаи тартиботи ҷамъиятиро дар бораи мақсади ба кор бурдани қувваи ҷисмонӣ огоҳ намояд, ҳамзамон, барои амалӣ намудани талаби худ бо назардошти вазъи мушаххас фурсати кифоя диҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки истифода набурдани қувваи ҷисмонӣ ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон бевосита таҳдид мекунад»[46]. Аз таҳлили қонуни мазкур муайян намудан мумкин аст, ки хатарҳои ба ҳаёт ва саломатии иштирокчиёни таъминоти тартиботи ҷамъиятӣ таҳдидкунандаро давлат ба воситаи мақомоти дахлдор ҳифз менамояд.

Таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсон ва ё дар ҳолати хатар мондан бештар маврид дар ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва иштирокдорони он ба амал меояд. Дар амалияи судӣ кирдори мазкурро дар ҳамин самт бештар дидан мумкин аст. Барои мисол, метавон аз муқаррароти

---

[45] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи истеҳсолоти иҷро // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-истеҳсолоти-иҷро (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[46] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-иштироки-шаҳрвандон-дар-таъмини-тартиботи-ҷамъиятӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

КҲМ ҶТ ишора кард. Дар диспозитсияи м. 326 КҲМ ҶТ оварда шудааст, ки «Барои риоя накардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро ногаҳон ба тағйир додани суръат, самти ҳаракат ё андешидани дигар чораҳо барои таъмини бехатарии худ ё дигарон маҷбур намуда, ба пайдоиши ҳолати садамавӣ мусоидат менамояд, ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба муҳлати аз ду то се моҳ таъин карда мешавад»[47]. Дар навбати худ, аз тарафи пиёдагардон ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ба вуҷуд овардани ҳолати садамавӣ дар м. 327 кодекси мазкур танзим гардидааст. Ҳолати дигаре, ки дар м. 334 КҲМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, тарк кардани ҷойи садамаи нақлиётӣ[48] мебошад. Тавре ки дар боло зикр кардем, чунин ҳолат ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида эҳтимоли расидани хатар мавҷуд аст.

Мусаллам аст, ки воситаи нақлиёти ҳавоӣ яке аз воситаҳои асосии интиқолдиҳандаи шахс, бағоҷ ва мол ба ҳисоб меравад. Дар доираи амалисозии низоми нақлиёти ҳавоӣ мақомоти қонунгузор «Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул кардааст. Аз рӯйи диспозитсияи м. 77 шахсоне, ки барои гусел ё пешвозгирии мусофирон омадаанд, бояд муқаррароти моддаи мазкурро иҷро намоянд, ки чунин оварда шудааст: «Хадамоти бехатарии авиатсионӣ хуқуқ доранд шахсонеро, ки талаботи бехатарии авиатсияро вайрон кардаанд, инчунин, бағоҷ, борҳо ва муросилотеро, ки ашё ва моддаҳои барои ҳамлу нақли ҳавоӣ манъшуда доранд, барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоридан боздошт намоянд ва дар ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофирон, узви ҳайати ҳавопаймо ё дигар шахрвандон хатар таҳдид мекунад, мутобиқи қонунгузории ҶТ чораҳо бинанд». Қисми 6 м. 100 пешбинӣ намудааст, ки «аз тарафи мусофири

---

[47] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмумирии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-ҳуқуқвайронкунии-маъмурии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).
[48] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмумирии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-ҳуқуқвайронкунии-маъмурии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

ҳавопаймо вайрон карда шудани қоидаҳои рафтор дар борти ҳавопаймо, ки ин ба бехатарии парвози ҳавопаймо ё ба ҳаёт ва саломатии дигар шахсон таҳдид мекунад, инчунин аз тарафи мусофири ҳавопаймо иҷро накардани дастурҳои сарнишини ҳавопаймо, ки мутобиқи моддаи 36 ҳамин Кодекс пешниҳод шудаанд»[49].

Бояд гуфт, ки дар баробари таҳлили масъалаҳои дар боло ишорашудаи ба мавзуи таҳқиқотӣ наздик, бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ низ тааллуқ дорад. Мусаллам аст, ки маҳсулоти хурокворӣ дар ҳама давру замон таҳти назорати ҷиддии давлат қарор дорад ва барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти аҳолӣ аз хориҷи кишвар низ ворид карда мешавад. Маҳсулоти ғизоӣ, ки барои аҳолӣ маводи ниёзи аввалӣ мебошад, дар сурати гузаштани муҳлати истеъмол, шароити нигоҳдорӣ, бехатарии гигенӣ ва пастсифат метавонад ҳаёт ва саломатии шаҳрвандонро дар хатар гузорад. Дар замони муосир таъмини бехатарии маҳсулоти хурока зери назорати ҷиддии давлатамон қарор дорад ва барои танзими ин масъала санади меъёрию ҳуқуқӣ, аниқтараш Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» таҳия ва тасдиқ шудааст, ки онро мутобиқи методологияи соҳавии ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Қисми 2 м. 6 пешбинӣ намудааст, ки «арзёбии таҳдид ба ҳаёт ва саломатии инсон дар раванди таҳия ва қабули чораҳо дар соҳаи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ба маълумоти илмӣ бо назардошти равандҳо ва усулҳои истеҳсолӣ, усулҳои санҷиш, интихоби намуна, озмоиш ва шароити мутобиқи муҳити зист асоснок карда мешавад»[50].

Муқаррароте, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» пешбинӣ шудааст, то андозае ба кирдори дар хатар монондан наздикӣ доранд. Барои мисол метавон муқаррароти б. 1 қ. 2 м. 20 ин қонунро ишора

---

[49] Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-фазои-ҳавоии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

[50] М. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии маҳсулоти хурокворӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-бехатарии-маҳсулоти-хӯрокворӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).

кард, ки «ҳуқуқи истифодаи манбаъҳои сарватҳои зеризаминиро мақоми иҷозатномадиҳанда дар мавридҳои зайл пеш аз мӯҳлат қатъ намуда, боздошта ва ё маҳдуд карда метавонад: ба ҳаёт ва саломатии одамоне, ки дар минтақаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ кор ё зиндагӣ мекунанд, хатари бевосита таҳдид кунад»[51]. Аз ин бармеояд, ки қонуни мазкур шахсони дар минтақаҳои сарватҳои зеризаминӣ кор ва ё зиндагикунандаро, агар ҳаёт ва саломатии онҳо дар хатар мононда шавад, пас мақомоти иҷозатномадиҳӣ ҳуқуқ дорад пеш аз муҳлат фаъолияти онҳоро қатъ кунад, боз дорад ва ё маҳдуд намояд.

Дар бораи шумораи шахсоне, ки ба воситаи ҷинояти дар хатар мононадан аз ҳаёт маҳрум шуда, сабти ном гардидаанд, бояд боэътимод сухан гуфт. Тибқи таҳлилҳои В. В. Лунеев, танҳо аз соли 1956 шумораи ҷабрдидагони сабтшуда 9649 нафарро ташкил мекунанд. Вале ин шумора сол ба сол рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Соли 1991 ин рақам ба 25 ҳазору 437 нафар расидааст, ки нисбат ба соли 1956 263% зиёд мебошад. Шумораи ин гуна шахсон дар соли 1992 ба 42,7%, соли 1993 ба 27% ва соли 1994 ба 10,5%, рост меояд, ки дар умум теъдоди шахсони ҷабрдида ба 32 ҳазору 286 нафар расидааст[52]. Ин рақам дар соли 1999 ба 31140 нафар расид. Аз ҳамаи ин нишондод шумораи бештареро соли 2001 ба қайд гирифтаанд, ки он 33583 нафарро ташкил мекард[53].

**Диаграммаи №1. Омори ҷинояти дар хатар мононадан дар Федератсияи Руссия**

[51] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарватҳои зеризаминӣ // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/дар-бораи-сарватҳои-зеризаминӣ (санаи муроҷиат: 19.12.2022).
[52] Ниг.: Лунеев В.В. Преступность XX века. Мировой криминологический анализ. – М., 1997. – С. 25.
[53] Ниг.: Лунеев В.В. Преступность XX века. Региональные и российские тенденции. Изд. 2-е, перераб. и доп. – М., 2005. – С. 414.




Дар ҶТ омори ҷинояти дар хатар мононданро барои солҳои 2017-2023 таҳқиқ намудем. Тибқи маълумоти СМИТ ВКД ҶТ, дар соли 2017 тавассути кирдори мазкур 32 парвандаи ҷиноятӣ сабт гардидааст. Ҳамин кирдор дар соли 2018 ба 30 нафар, соли 2019 ба 23 нафар, соли 2020 ба 22 нафар, соли 2021 ба 32 нафар, соли 2022 ба 22 нафар ва дар моҳи январ ва феврали соли 2023 – 4 парванда ба қайд гирифта шудааст[54].

**Диаграммаи №2. Омори ҷинояти дар хатар монондан дар ҶТ барои солҳои 2017–2023**




Аз маълумоти диаграмма бармеояд, ки шумораи парвандаҳои ҷиноятии дар хатар монондан дар солҳои 2018-2020 рӯ ба коҳиш ёфтааст. Вале дар соли 2021 афзоиш ёфта, ба ҳолати соли 2017 баробар гардидааст. Ин рақам дар

[54] Ниг.: Маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Мактуби расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.04.2023, таҳти №14/3-393.

соли 2022 низ коҳиш ёфта, ба 22 ҳолати ҷиноятӣ расидааст. Дар умум, аз соли 2017 то соли 2022 161 нафар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд. Аз шумораи 161 нафар 5 нафари он то синни 14 - сола, 11 нафар ноболиғ, 141 нафар аз синни 18 - сола боло ва 4 нафар пиронсол мебошанд[55].

Бояд гуфт, ки вобаста ба ҳолатҳои мухталиф, кирдорҳои наздик ба ҷинояти дар хатар мононданро дар таркиби моддаҳои 128, 129, 143 (1), 174, 175 КҶ ҶТ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар баробари ин, татбиқи чораҳо нисбат ба кирдори мазкур дар бисёр санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда низ пешбинӣ шудааст.

Масалан, қ 2 м. 10 КИҶҶ ҶТ барои азобу шиканҷаи шахсони маҳкумшуда нигаронида шудааст. Тибқи он, муносибати бераҳмона ва ғайриинсонӣ ё таҳти татбиқи тиббӣ ё тадқиқоти илмӣ қарор додани одамон, ки метавонад ҳаёту саломатии онҳо таҳти хатар гузорад, қатъиян манъ мебошад. Яъне, қонунгузор дар ягон ҳолат иҷозат намедиҳад, ки ҳаёт ва саломатии инсон таҳти хатар гузошта шавад. Ҳатто м. 20 кодекси мазкур ба шахси маҳкумшуда имкон додааст, ки ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатӣ ё таҳдиди содир шудани дигар ҷиноят ба муқобили ӯ бо ариза ба шахсони масъул муроҷиат кунад[56].

Дар шароити муосир яке аз мушкилоти муҳим на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми олам нарасонидани ёрӣ ба бемор ё беэҳтиётӣ нисбати он ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, чунин кирдор дар байни табибон низ дида мешавад. Рафтори номатлуби табиб таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии инсонро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, шаҳрвандони ҶТ бояд дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳояшон вобаста ба ҳаёт ва саломатӣ дар беморхонаҳои шаҳру навоҳӣ муқаррароти Қарори Ҳукумати ҶТ дар бораи «Тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

[55] Ниг.: Маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Мактуби расмии Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.04.2023, таҳти №14/3-393.
[56] Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-иҷрои-ҷазои-ҷиноятии-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 03.08.2021).

муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ»[57] – ро донанд. Санади мазкур ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо – табиб ва беморро дар беморхона муқаррар намудааст.

Санади дигаре, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ ба танзим даровmember, ба татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатӣ равона карда шудааст, КТ ҶТ мебошад. Дар Кодекси мазкур ҳолатҳои гуногуни таркиби ҷинояти дар хатар монондан вобаста ба ҳаёт ва саломатии инсон ба назар мерасад. Дар м. 53 ишора шудааст, ки «шаҳрвандони мубталои бемориҳои сил, зуком, вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният, узвҳои таносулӣ ва дигар бемориҳои хатарнок уҳдадоранд, бо талаби ташкилотҳои тиббӣ аз муоинаи тиббӣ гузаранд ва худро табобат кунанд». Воқеан, нафаре ба чунин бемориҳо гирифтор бошаду аз ташхису табобат даст кашад, имкон дорад, ки нафарони дигарро сироят кунад ва ҳаёту саломатии онҳоро таҳти хатар гузорад. Қисми 2 м. 54 Кодекси ишорашуда шаҳрвандонро уҳдадор намудааст, ки дар ҳолатҳои ба ҳаёти бемор таҳдиди хатар барои бо нақлиёт ба беморхона бурдан ва кумаки тиббӣ расондан мусоидат намоянд[58]. Дар таҷрибаи ҳаётӣ борҳо мушоҳида гардидааст, ки шаҳрвандон нисбат ба шахсони бемор ва ё ҳолатҳои табиӣ, садамавӣ беэътиноӣ зоҳир менамоянд. Дар ҳоле ки имкон доранд ба шахси бемор ё ҷабрдида кумак расонанд. Мутаассифона, чунин рафтори шаҳрвандон метавонад ба таҳдиди расидани хатар ба саломатӣ ва ё аз ҳаёт маҳрум шудани чунин шахсон оварда расонад.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таваҷҷуҳ карор мегирад, «гузаронидани озмоишҳои клиникӣ ва тиббию биологӣ, истифодаи усулҳои нави пешгирӣ, ташхис ва табобат» мебошад. Дар ин замина, б. 1 м. 65 КТ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки «озмоишҳои клиникӣ ва тиббию биологӣ дар ҳайвонот татбиқ

[57] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби хизматрасонии тиббию санитарӣ ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии тандурустӣ» аз 2 декабри соли 2008, таҳти №600 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.immt.tj/site_il/sveden/national_laws/КАРОРИ%20№600.pdf (санаи муроҷиат: 12.07.2021).
[58] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.04.2021).

мегарданд, нисбати инсон, бо розигии хаттии ӯ ва иҷозати махсуси мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешаванд. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст. Озмоиш дар ҳар марҳила бо талаби шахсе, ки таҳти озмоиш қарор дорад ва дар ҳолатҳои ба амал омадани хатар ба саломатии ӯ қатъ карда мешавад»[59].

Дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаи таҳдиди хатар ба саломатии инсонро пешбинӣ намудааст, Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» мебошад. Моддаи 12 қонуни мазкур ташкилотҳои истифодабарандаро уҳдадор намудааст, ки «оид ба ҳимояи ҳаёт ва саломатии кормандон ҳангоми рух додани садама дар объектҳои истеҳсолии хатарнок чораҳо андешанд»[60]. Мутобиқи қонуни мазкур ашхосе, ки дар чунин объектҳои истеҳсолии хатарнок кору фаъолият менамоянд, дар ҳама ҳолат, аз таҳдиди хатар ба саломатии онҳо чораҷӯӣ карда мешаванд. Банди 1 м. 17 қонуни мазкур «ташилоти истифодабарандаи объектҳои истеҳсолии хатарнокро уҳдадор намудааст, ки барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи шахсони дигар ва муҳити зист ҳангоми рух додани садама дар объектҳои истеҳсолии хатарнок масъулиятро суғурта намояд» (Қонуни ҶТ аз 2.01.2020, таҳти № 1682)[61].

Бояд зикр кард, ки Ҳукумати ҶТ дар қонунгузории миллӣ вазъи ҳуқуқии кормандони хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳиро пешбинӣ намудааст. Масъалаи мазкурро Қонуни ҶТ «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» танзим менамояд. Ҳангоми рух додани чунин ҳолатҳо имкон дорад, ки ҳаёт ва саломатии наҷотдиҳандагон таҳти хатар қарор гирад. Дар ҳақиқат, корҳои садамавию наҷотдиҳӣ дорои омилҳое мебошанд, ки ба ҳаёт ва саломатии шахсони ба ин кор мутасаддӣ

---

[59] Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 05.04.2021).
[60] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 11.07.2021).
[61] Ҳамон ҷо.

таҳдид намуда, омодагии зарурӣ, либосу анҷом ва таҷҳизоти махсусро талаб мекунанд. Моддаи 3 қонуни зикршуда принсипҳои асосии фаъолияти онҳоро муқаррар кардааст, ки яке аз онҳо башардӯстӣ ва шафқат буда, вазифаҳои наҷоти ҳаёт, нигоҳ доштани саломатии одамон ва ҳифзи муҳити зистро ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулодда, дар madди аввал гузоштааст[62].

Ҳамарӯза эҳтимоли дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон аз ҷониби иштирокчиёни воситаҳои нақлиёт низ вуҷуд дорад. Ҳам мусофир ва ҳам ронанда бо кирдори ношоиста метавонанд, ки ҳаёт ва саломатии якдигарро таҳти хатар қарор диҳанд. Дар ин замина, КНА ҶТ ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳамлу нақли бор, мусофир, бағоч ва ғ. баромад мекунад. Моддаи 123 Кодекси мазкур «Масъулияти интиқолдиҳанда барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии мусофир»-ро пешбинӣ намудааст. Агар интиқолдиҳанда исбот накунад, ки ҳангоми ҳамлу нақл зарари ба ҳаёт ва саломатии мусофир расида, бо гуноҳи худи мусофир ба миён омадааст, ба ҷавобгарӣ кашида мешавад[63].

Омӯзшу таҳқиқ ва баррасии кирдори мазкур дар сандҳои меъёрии ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва амалияи судӣ нишон дод, ки дар бештар мавридҳолатҳои дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон инҳо мебошанд:

1. Аз ҷониби табибон нарасонидани ёрии тиббӣ ба бемор ё беаҳаммиятӣ зоҳир намудан нисбат ба бемор, ки дар натиҷа ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида таҳдиди хатар ё аз ҳаёт маҳрум шудан имкон дорад;

2. Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ. Ронандагон ҳангоми ҳаракат дар роҳ аз уҳдаи идораи воситаи нақлиёт набаромада, ба садама дучор мешаванд ва дар натиҷа ҳаёт ва саломатии иштирокчиёни дигари ҳаракат дар роҳро зери хатар мегузоранд. Дар бештари мавридҳо айбдоршавандаи кирдори мазкур бояд ба

---

62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон» // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 11.07.2021).

63 Кодекси нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат: 06.08.2021).

ҷабрдида ёрии аввалини тиббӣ расонад ё ӯро ба беморхона интиқол диҳад ё ба мақомоти дахлдор хабар расонад, мутаассифона, аз ҷойи ҳодиса фирор мекунад, ки боиси расидани зарар ба саломатӣ ва ё аз ҳаёт маҳрум шудани ҷабрдида мегардад;

3. Эълон гардидани асри XXI асри илму техника аз он шаҳодат медиҳад, ки зиндагӣ ва фаъолияти шаҳрвандон бидуни технологияи навин ғайриимкон аст. Яке аз технологияҳои паҳншудаи ҷомеаи муосир телефонҳои мобилӣ ва гӯшмонак (наушник) ба ҳисоб меравад, ки он дар баробари имкониятҳо ба ҳаёт ва саломатии инсон зарар доранд. Бемаврид истифода бурдани телефонҳои мобилӣ ва гӯшмонак аз ҷониби иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ (ронандагон, пиёдаравҳо ва дучархаронҳо), ки метавонанд ҳолати садамавиро ба вуҷуд оранд, ҳаёти худ ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳро зери хатар гузоранд.

4. Ҳолати дигаре, ки мисол шуда метавонад, риоя накардани уҳдадорӣ аз ҷониби падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда оид ба нигоҳубини ноболиғ ва бепарвоёна рафтор кардан бо ӯ мебошад. Аксар вақт ҳолатҳое ба чашм мерасад, ки шахсони ба нигоҳубини ноболиғон вобасташуда ба далеле ишора мекунанд, ки онҳо алакай ба воя расидаанд ва қодиранд нигоҳубини худро таъмин намоянд. Чунин рафтори волидайн метавонад ба ҳаёт ва саломатии ноболиғ хатар дошта бошад. Масалан, танҳо гузоштани ноболиғ дар хонаи истиқоматӣ; маҷбур намудани онҳо барои дарёфти маблағ аз ҳолатҳое мебошанд, ки ба ҳаёт ва саломатии ноболиғ хавфи расидани зарар имкон дорад.

Вобаста ба масъалаи ноболиғон мақомоти қонунгузор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро таҳия ва танзим намудааст. Ба ин мазмун Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» мисол шуда метавонад. Қисми 3 м. 4 қонуни болозикр доираи ваколатҳоро доир ба субъектҳои низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон муқаррар кардааст, ки барои таъмини риояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои

ноболиғон аз ҳама гуна шаклҳои ҳуқуқвайронкунӣ, азобу шиканҷа, зӯроварии руҳӣ ва ҷисмонӣ, муносибати бераҳмона, истисмори шаҳвонӣ, меҳнатӣ ва шаклҳои дигари истисмор, муайян намудани ҳолати номусоиди иҷтимоии ноболиғон бояд ба мақомоти дахлдор хабар диҳанд[64]. Қонуни мазкур барои тамоми институтҳои иҷтимоӣ уҳдадорӣ ва ваколатҳои муайяну мушаххасро муқаррар кардааст.

Ҳамзамон, ногуфта намонад, ки дар КҶ ҶТ м. 175 доир ба иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак ҷой дода шудааст. Дар моддаи мазкур вобаста ба дараҷаи кирдори содиршуда маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз 3 то 8 сол ҷазо пешбинӣ кардааст.[65] Дар Тафсир ба КҶ ҶТ объект (бехатарии ҳаёт ва саломати кӯдак) ва суъект (омӯзгорон, тарбиятгарон, кормандони тиббӣ ва шахсони дигаре, ки аз ҷониби қонунгузор ё ки вазифаи хизматиашон оиди тарбияи кӯдак уҳдадор шудаанд)-и м. 175 КҶ ҶТ ба таври возеҳу равшан тавсиф гардидааст[66].

Дигар ҷузъиёти масъалаи мазкурро КО ҶТ танзим намудааст. Масалан, «б» 1 м. 77 КО ҶТ мақомоти васояту парасториро муваззаф намудааст, ки дар сурати ҷой доштани таҳдиди хатар ба ҳаёт ё саломатии кӯдак, дар хусуси бетаъхир гирифтани кӯдак аз падару модар (яке аз онҳо) ё дигар шахсоне, ки кӯдак таҳти васояташон мебошад, қарор қабул намоянд[67]. Ҳамзамон, бояд муайян кард, ки кадом категорияи шахсон барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд:

**а) намояндагони қонунии ноболиғ.** Дар ҶТ намояндагони қонунӣ гуфта, нафароне дониста мешаванд, ки барои тарбияи ноболиғ уҳдадоранд. Аз

---

[64] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон» аз 02 январи соли 2020 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

[65] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 24.11.2021).

[66] Ниг.: Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 340.

[67] Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-оилаи-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 24.10.2021).

ҷониби шахсони масъул, ки тарбия ва нигоҳубини ноболиғро бар ухда доранд, дар хатар монондани онҳо бештар ба назар мерасад. Иддае аз волидайн фарзандони ноболиғи худро баҳри дарёфти маблағ ба фаъолияти меҳнатӣ маҷбур мекунанд, ки дар натиҷа, ба саломатии ноболиғ зарари ҷисмонӣ расида, ҳамчун шахси носолим ба воя мерасанд. Мутобиқи м. 4 КМ ҶТ «манъи табъиз, меҳнати маҷбурӣ ва истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок»[68] ва м. 35 Конститутсия ҶТ «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истисноии мавридҳое, ки қонун муайян кардааст. Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст»[69].

Вобаста ба м. 4 КМ ва м. 35 Конститутсияи ҶТ ҳолати дигаре мисол шуда метавонанд, ки фаъолияти марказҳои савдо мебошанд. Ноболиғон бо хоҳиши худ ба корҳои сангин машғул мешаванд. Дар шароити муосир иддае аз шахсони салоҳиятдори марказҳои савдо нисбат ба фаъолияти ноболиғон беэътиноӣ зоҳир мекунанд, ки ба ҳаёт ва саломатии онҳо хатар дорад. Бояд ҷиҳати ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд, намояндаи қонунӣ ва ҳам шахсони масъул вазифаи бардӯш доштаашонро мутобиқи қонунгузории ҶТ иҷро намоянд.

Ҳолати дигаре, ки ба ин монанд шуда метавонад, беназорат гузоштани нафарони номукаллаф аз ҷониби шахсони масъул, ки ин метавонад ҳаёт ва саломатии шахси дигарро дар хатар гузорад, зеро номукаллаф оқибати кирдори содиркардаи худашро дарк намекунад.

Ҳолати дигар беназоратии ноболиғон мисол шуда метавонад. Зеро волидайн ҳангоми ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан ва дар аксар ҳолатҳо

---

[68] Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-меҳнати-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
[69] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.05.2013 ва 22.05.2016 с.) // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2020.

танҳо гузоштани ноболиғ дар манзили истиқоматӣ сабаби комилан инкишоф наёфтани ақлонии ноболиғ ва дар хатар гузоштани ҳаёту саломатиаш мегардад. Дар чунин ҳолат ноболиғ метавонад таҷҳизоти газиву барқиро нодуруст истифода барад, ки боиси сар задани сӯхтор ё дигар ҳолат мегардад. Мисоли дигар шахсоне шуда метавонанд, ки тарбияи ноболиғро бар уҳда дошта, онро доимо мавриди шиканҷаи ҷисмонӣ ё руҳӣ қарор медиҳад, ки шиканҷа худ дар ҳама ҳолат ба ҳаёт ва саломатии шахс хатар дорад.

б) шахсони масъули муассисаҳои таълимӣ-тарбиявии томактабӣ (боғчаҳо), муҳофизони боғчаҳо, ятимхонаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёна, литсей, гимназия. Муассисаҳои томактабӣ яке аз зинаҳои аввалиндараҷаи омӯзиши кӯдак ба ҳисоб меравад, ки то ба синфи якум қадам ниҳодан таҳкурсии дониши худро касб мекунанд ва шахсони масъули боғчаҳо, хусусан, мураббиҳо уҳдадоранд, ки то ба итмом расидани вақти муқаррарӣ ҳаёт ва саломатии онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд. Муҳофизони боғчаҳои кӯдакона низ яке аз шахсони пурмасъул ба ҳисоб рафта, баҳри таъмини амният, ҳаёт ва саломатии кӯдакон уҳдадоранд, ки вазифаҳои ба зиммаашон бударо бе чуну чаро иҷро намоянд. Дар муассисаҳои таълимӣ роҳбарони синф яке аз қувваҳои асосии баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар сурати беаҳаммиятии онҳо дар вақти дарсӣ дар муассисаи таълимӣ, ки ҳаёт ва саломатии кӯдак зери хатар қарор гирифтааст, ё худ ӯро ба ин ҳолат расонидааст, ҳамчун кирдори дар хатар монондан маҳсуб меёбад.

в) роҳбарони марказҳои бозиҳои компютерӣ. Дар ҶТ яке аз самтҳои дигаре, ки барои ба даст овардани фоида фаъолият мекунанд, ташкили марказҳои бозиҳои компютерӣ мебошанд. Новобаста аз он ки фаъолияти чунин марказҳо тибқи қонунгузории ҶТ иҷозат дода шудааст, аммо яке аз сабабҳои дур гардидани хонандагон аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ рӯ овардан ба чунин марказҳо гаштааст. Дигар аз паҳлуҳои ташвишовари фаъолияти ин марказҳо таъсири манфӣ ба вазъи руҳии ноболиғон дорад,

мебошад, ки дар рафти бозиҳо ҳолатҳои ногувор дар хотираашон ҷой мегирад ва метавонанд онҳоро нисбати шахси дигар амалӣ созанд.

г) Ҷалби ноболиғон ба меҳнати маҷбурӣ ва ё вазнин. Вобаста ба масъалаи мазкур бояд зикр намуд, ки дар ҶТ ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад шахси дигарро ба меҳнати маҷбурӣ ва ё вазнин ҷалб кунад, хусусан, ноболиғонро. Зеро, чунин рафтор метавонад ба ҳаёт ва саломатии ноболиғ хатарро ба вуҷуд биёрад. Даст доштан ба чунин меҳнати маҷбурӣ ва ё вазнин, хусусан корҳои вазнини зеризаминӣ, машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои кимиёӣ, аз ҷониби ноболиғон ва беэътиноӣ зоҳир намудани корфармо нисбати чунин коргар метавонад таҳдиди хатар ба ҳаёт ва саломатии ноболиғ дошта бошад.

ғ) рафтори хунукназарона ё бераҳмонаи шахсоне, ки кӯдаконро ба фарзандхондӣ қабул мекунанд. Инсон аз лиҳози саломатӣ дар як шакл ба дунё намеояд. Илми тиб муайян намудааст, ки бо сабаби нуқсонҳои ҷинсӣ нафарони зиёде соҳиби фарзанд намешаванд. Ин гуна шахсон кӯшиш мекунанд, ки мутобиқи қонунҳои амалкунандаи давлати худ тифлеро аз муассисаҳои дахлдор ба фарзандхондӣ қабул намоянд. Ҳолатҳои кам ба чашм мерасад, ки шахсони тифли навзод ё ноболиғро ба фарзандхондӣ қабул намуда, ба монанди падар ё модари ҳақиқӣ нисбати ӯ меҳрубонӣ ё раҳму шавқат намояд. Бархе нисбати онҳо зулму маломат ё шиканҷаро раво мебинанд, ки ин рафтори онҳо метавонад ҳаёт ва саломатии кӯдакро зери хатар гузорад.

д) дар шароити муосир иддае аз соҳибкорон бозичаҳои пастсифатро ба бозорҳои кишвар ворид менамоянд, ки волидайн барои шавқу ҳавас ва осоиши кӯдакон ба хариди онҳо даст мезананд. Мутаассифона, чунин бозичаҳо метавонад саломатии кӯдаконро зери хатар гузоранд. Вобаста ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз дошт, ки «тибқи маълумоти прокуратураи генералӣ фаъолияти гурӯҳи

корӣ вобаста ба санҷиши сифати маҳсулоти воридотӣ дар 196 ширкати тиҷоратӣ нишон дод, ки ба кишвар ҳамасола 500-600 тонна бозичаҳои гуногун аз бист давлати дунё ворид мешаванд, ки 90 фоизи онҳо аз рӯйи сифат ба талаботи бехатарӣ мувофиқ нестанд ва ба саломатии кӯдакон зараровар мебошанд»[70].

Ҳамин тавр, аз таҳилу баррасии масъалаи таҳқиқшаванда метавон ба чунин хулоса омад:

1. Мафҳум ва моҳияти дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсонро дар чандин банд, қисм ва диспозитсияи моддаҳои кодексҳо ва қонунҳои амалкунанда бо мазмуну муқаррароти гуногун дидан мумкин аст. Аммо ҷинояти дар хатар монондан ҳамчун кирдори мушаххас дар моддаи 127 КҶ ҶТ ягона аст. Кирдори мазкур яке аз ҷиноятҳое ба ҳисоб меравад, ки хатари он доимо ба шаҳрвандон таҳдид мекунад. Барои рафъи чунин ҷиноят, ки ба ҳаёту саломатии инсон хатар дорад, аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни шаҳрвандон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, колеҷҳо, литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва корхонаҳои давлатӣ аз манфиат холӣ нест.

2. Дар миёни санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии амалкунандаи ҶТ табиати ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан ба табиати ҳуқуқии вайрон кардани қоидаи ҳаракат дар роҳ (м. 212 КҶ ҶТ) ҳамбастагӣ дорад. Ба вуқуъ пайвастани ҳолатҳои садамавӣ аз ҷониби иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ва фирор кардан аз ҷойи ҳодиса ба ҳаёт ва саломатии худ ва дигарон хатари расидани зарар ба миён меояд. Аз ин рӯ, дар аксар маврид, бандубасти ҷинояти дар хатар монондан дар якҷоягӣ ба м. 212 КҶ ҶТ ба назар мерасад.

3. Аз таҳлили ҳамаҷонибаи масъала бармеояд, ки дар м. 127 КҶ ҶТ натиҷаи нодурусти истифодаи техника, дар мисоли телефони мобилӣ, гушмонак (наушник) аз ҷониби иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ, афзорҳои

[70] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат: 26.07.2021).

барқӣ (электрошокер) ва ё дигар ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон таҳдиди расидани хатарро дорад, танзим карда шавад.

4. Масъалаи дигаре, ки дар КҶ ҶТ ба танзими ҳуқуқӣ ниёз дорад, хунукназарии намояндаи қонунӣ ва шахсони масъули кӯдакон ва ноболиғон нисбат ба иҷрои уҳдадориҳояшон мебошанд. Беэътиноӣ ва рафтори ғайриқонунии онҳо боиси таҳдиди расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии онҳо мегардад.

## 1.2. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан

Илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ дар татбиқи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҷрибаи бисёрро соҳиб аст. Зеро донишмандону пажӯҳишгарони ватанӣ дар таҳқиқи масоили муҳимми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз ин усул бештар истифода кардаанд. Усули мазкур ҳамчун методи пешрафта ва универсалии пойгоҳи методологии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафта, муқоисаи низоми ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалро бо низоми ҳуқуқи ҷиноятии миллии ҳар як давлат фароҳам меорад.

Ҳуқуқшиноси машҳури фаронсавӣ М. Ансел чунин қайд намудааст: «Ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҳуқуқшинос уфуқҳои навро намоён намуда, имкон медиҳад, ки қонунҳои кишвари худро хубтар дарк намояд ё ин ки хусусиятҳои махсуси онҳоро дар фарқият ба кишварҳои дигар муайян кунад. Қиёси амиқу сазовори ҳуқуқи байналмилалӣ ҳуқуқшиносро соҳиби донишу тафаккури баланд мегардонад, ки ҳатто ҳангоми хуб донистани қонунҳои кишвари худ онҳоро ба даст оварда наметавонад»[71]. Дар ҳақиқат, андешаҳои зикршуда аз он далолат мекунанд, ки ҳар як ҳуқуқшинос дар баробари донистани қонунҳои кишвари, худ бояд қонунҳои кишварҳои дигарро омӯхта, таҳлилу муқоиса ва натиҷагирӣ карда тавонад. Бо ин асос, қиёси

[71] Михайлова И.А., Максименко А.В., Числов А.И. Некоторые вопросы совершенствование норм российского уголовного законадательства о преступлениях против жизни и здоровья (опыт сравнительного анализа) / И.А. Михайлова, А.В. Максименко, А.И. Числов // Вестник Сибирского юридического института МВД России. – 2019. – №1 (34). – С. 50-55.

қонунгузории ҷиноятии ҷумҳурӣ бо кишварҳои узви ИДМ аз манфиат холӣ нест.

Таҳқиқоти муқоисавиро бори нахуст донишманди дигари фаронсавӣ Л. Окок[72] (1890) пешниҳод карда, самтҳои мухталифи онро донишмандоне чун Л.Ж. Константинеско[73], К. Свайгерт, Х. Кётс[74] ва дигарон идомаву такмил додаанд. Дар Конгреси байналмилалии ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (соли 1990, Париж) вобаста ба ин мавзуъ донишмандон – Р. Салей, Э. Юбер, Э. Лембер[75] фикру ақидаҳои ҷолиб ироа кардаанд. Аз ҷумла, Э. Ламбер усули муқоисавии қонунҳоро танқид кард, ки агар компоративист (шахсе, ки қонунҳоро муқоиса мекунад) танҳо ба ҷустуҷӯи ҳалли масъала ба қонунҳо ва кодексҳои кишварҳои хориҷӣ маҳдуд шавад, ӯ асосан зоҳирёбии ҳуқуқи куҳнаро дастрас менамояд, ки имрӯз мавриди истифода нест. Омӯзишу таҳқиқ на танҳо сохти назариявии ҳар як низоми ҳуқуқиро талаб менамояд, балки хусусияти татбиқи ҳар як низомро дар вақт ва амалия меомӯзад. Маълумоти муҳимми қарорҳои амалкунандаи қабулнамудаи судҳои ҳар як давлат низ дар ин маврид кифоя нест. Зарур аст, ки барои пешравии таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ (компративизм) мазмуни ҳар як қарорро бояд донист[76].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таҳқиқоти илмӣ усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ васеъ ба роҳ монда шудааст. Махсусан, дар корҳои илмии С.С. Нарзуллозода[77], М.Ҷ. Раҳмонзода[78], А.И. Сафарзода[79], С.С. Шарипов[80]

---

[72] Ниг.: Aucoc L. Les etudes de legislation comparée en France / L. Aucoc. – Paris : Alfonse Picard, 1889. – P. 8.
[73] Ниг.: Константинеско Л.Ж. Развитие сравнительного правоведения. Сборник // Очерки сравнительного права: сб. – М.: Прогресс, 1981. – С. 214.
[74] Ниг.: Цвайгерт К., Кётц Х. Введение в сравнительное правоведение в сфере частного права: В 2-х тт. / К. Цвайгерт, Х. Кётц. Основы: Пер. с нем. – М.: Междунар. отношения, 2000. – Том I. – 480 с.
[75] Ниг.: Лембер Э. Метод сравнительного права (Материалы доклада на Первом конгрессе по сравнительному праву 1990 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://vestnik.msal.ru/jour/article/viewFile/510/510 (санаи муроҷиат: 20.10.2021).
[76] Ниг.: Lambert É. Conception générale, définition, méthode et histoire du droit comparé. Le droit comparé et l’enseignement du droit; transcription de l’intervention d’E. Lambert / É. Lambert // Congrès international de droit comparé, tenu à Paris du 31 juillet au 4 août 1900. Procès–verbaux des séances et documents: 2 vols. – Paris: LGDJ, 1905. – Vol. I. – P. 50.
[77] Ниг.: Нарзуллозода С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – 217 с.
[78] Ниг.: Раҳмонзода М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 182 с.
[79] Ниг.: Сафаров А.И. Уголовная ответсвенность за легализацию (отмывание) денежных средств либо иного имущества, полученных противозаконным петем: по материалам Республики Таджикистан: дис. … кан. юрид. наук. – М., 2011. – 229 с.

муқоисаи моддаҳои КҶ ҶТ бо кишварҳои ИДМ ба таври дуруст сурат гирифтааст.

Аз ин рӯ, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқушиносӣ, хусусан дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, кирдори дар хатар монондан ва пешгирии ҷиноятҳое, ки ба он алоқамандонд, аҳаммияти хос дорад. Моро зарур аст, ки таҷрибаи давлатҳои мутараққии дунёро, ки дар онҳо сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар сатҳи паст қарор дорад, мавриди омӯзиш қарор дода, қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар қонунҳои амалкунандаи ҶТ-ро мукаммал намоем.

Ҳангоми истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар таҳлили ҷинояти дар хатар монондан бояд ба ҳама паҳлуҳои он диққат дода шавад. Маҳз, интихоби мавзуи муқоисашаванда ва омӯзиши объектҳои муқоисавӣ дар алоҳидагӣ нишонаҳои муҳимтарини онро муқаррар намуда, муқоисаву нишонаҳое, ки дар ин замина ба даст омадаанд, хусусиятҳои умумии онро муайян мекунанд (ба монанди объект ва тарафи объективии ҷиноят) ва фарқиятҳои ҳодисаҳое, ки мавриди таҳлил қарор гирифтаанд (тарзу усулҳои содиркунии ҷиноят) дар шакли комил ва дуруст хулосабарорӣ намудани таҳқиқот аҳаммияти хосса дорад.

Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва кишварҳои узви ИДМ сурат гирифта, ҷанбаҳои фарқкунандаи он мавриди таҳлил қарор дода мешавад. Зеро қонунгузории кишварҳои узви ИДМ ба воситаи қонунгузории он – Ассамблеяи байнипарлумонӣ барои кишварҳои зикргардида қонунҳои намунавиро тасдиқ ва тавсия менамояд. Қонунгузории намунавие, ки Ассамблеяи байнипарлумонӣ коркарду пешниҳод намудааст, барои дар чорчӯбаи ҳуқуқӣ қарор гирифтани собиқ кишварҳои шуравӣ ва дар як низом ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ зарур аст[81]. Маҳз

[80] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – 204 с.

[81] Ниг.: Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 40.

қонунҳои амалкунандаи намунавии давлатҳои узви ИДМ имкон фароҳам меоранд, ки ин кишварҳо аз таҷрибаи мутарраҚии якдигар дар самти ҳуқуқэҷодкунӣ бо самар истифода намуда, зинаҳои нави муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамаҷониба ва комилан мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор диҳанд.

Кишварҳои узви ИДМ, ба истиснои Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар омода намудани қонунгузории соҳаи ҷиноятӣ муқаррароти Кодекси моделии ҷиноятиро, ки 17 феврали соли 1996 аз ҷониби Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ қабул гардидааст ва метавонад хусусияти тавсиявӣ дошта бошад, истифода баранд[82]. Кодекси моделии ҷиноятӣ барои ҳамаи давлатҳои узви ИДМ нисбатан асоси ягона ва барои тақвияти қонунгузории ҷиноятии ин давлатҳо хизмат менамояд. Дар қонунгузории миллӣ Кодекси моделии ҷииноятии кишварҳои узви ИДМ ҳамчун намунаи ҳамгунсозӣ мебошад.

Дар баробари ин, низоми қонунгузории муосир аз он дарак медиҳад, ки Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ барои муаллифони лоиҳаи Кодекси ҷиноятӣ ва қонунгузории давлатҳои узви ИДМ ҳамчун заминаи асосӣ ба ҳисоб рафта, барои мубориза бар зидди ҷиноятҳое, ки барои ҳаёт ва саломатии инсон хатар ба вуҷуд меоранд, равона шудааст[83].

Таҳлили муқоисавии КҶ ҶТ ва Кодексҳои ҷиноятии дигар кишварҳои узви ИДМ нишон медиҳад, ки ҳангоми тавсифи қонунии ҷинояти дар хатар монондан онҳо ба якдигар монандӣ доранд, аммо тафовут низ вуҷуд дорад. Тафовути онҳо асосан дар дараҷаи нозукиҳо мушоҳида мегардад.

Нишонаҳои ин навъи ҷиноят дар Кодекси моделии ҷиноятии узви ИДМ дарҷ гардидааст. Ҳамзамон, дар м. 134-и Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар монондан чунин тавсиф шудааст: «Дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби

[82] Модельный Уголовный кодекс для государств – участников СНГ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/135/154/241 (санаи муроҷиат: 24.10.2021).
[83] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Бахриддинов С.Э. Основные черты уголовного законодательства Республики Таджикистан и некторые проблемы его совершенствования / Т.Ш. Шарипов, С.Э. Бахриддинов // Новое уголовное законодательства стран СНГ и Балтии. Сб. статей. – М.: ЛексЭст, 2002. – С. 274.

хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизӣ ё худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад, ҳангоме ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва вазифадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст»[84]. Мувофиқи муқаррароти ин модда, чунин кирдор амали зишт ба ҳисоб рафта, ҷинояткор уҳдадор аст, ки ба ҷабрдида ёрӣ расонад. Дар сурати ёрӣ нарасонидани ҷинояткор ба ҷабрдида, оқибатҳои нохуше ба монанди расонидани зарари сабук, миёна ва вазнин ба саломатӣ то ба аз ҳаёт маҳрум шуданро ба вуҷуд меояд. Диспозитсияи м. 134 Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ бо м. 127 КҶ ҶТ айнан монанд мебошад. Вале м. 134 Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ танҳо дорои диспозитсия аст. Нуктаҳои асосии фарққунандаи ин моддаҳо дар мадди аввал, дар ҳолатҳои бандубастшавандаи ин ҷиноятҳо мушоҳида мегардад, ки дар қ. 2 м. 127 КҶ ҶТ ҳамин кирдор, агар аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида бошад ва қ. 3 ин модда, ҳамин кирдор аз беэҳтиётӣ боиси марги одамон ва ё боиси дигар оқибатҳои вазнин шуда бошад, ифода меёбад. Дар баробари зикр шудани чунин ҳолатҳо Б.В. Волженкин қайд менамояд, ки «қонунгузории ҷиноятии давлатҳои ИДМ дар бештар маврид аз муқаррароти Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ пайравӣ намудаанд»[85].

Ба навиштаи Н.А. Қудратов, «ҳарчанд қонунгузории ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ аз Кодекси моделии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ пайравӣ намуда бошанд ҳам, омӯзиши алоҳидаи онҳо зурур аст. Зеро имрӯз онҳо субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, дорои қонуни ҷиноятии худ мебошанд ва таҳлили муқоисавии онҳо метавонад барои бартараф

[84] Постановлением Межпарламентской Ассамблеи государств – участников Содружества Независимых Государств. – Санкт-Петербург, 17 февраля 1996 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.cisatc.org/1289/135/154/241 (санаи муроҷиат: 24.10.2021).
[85] Волженкин Б.В. Предпосылки и концептуальные проблемы разработки модельного Уголовного кодекса для государств-участников СНГ / Б.В. Волженкин // Вестн. Межпарламентской ассамблеи. – СПб.: 1995. – №4. – С. 37.

намудани камбудиҳо ва мукаммал намудани қонуни ҷиноятии Тоҷикистон асос бошад»[86].

Зери таъсири чунин санадҳои меъёрӣ қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ бо номҳои дақиқ шабеҳи ҳамдигар мебошанд. Масалан, ҷинояти «дар хатар монондан» дар м. 127 КҶ Тоҷикистон[87], м. 125 КҶ Руссия[88], м. 159 КҶ Беларус[89], м. 117 КҶ Узбекистон[90], м. 119 КҶ Қазоқистон[91], м. 125 КҶ Туркманистон (м. 123 КҶ Туркманистон – иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон)[92], м. 163 КҶ Молдавия[93], бо ҳамин ном сабт гардидаанд.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон аввалин шуда дар миёни кишварҳои узви ИДМ 22 сентябри 1994[94] Кодекси ҷиноятии худро қабл аз Кодекси моделии ҷииноятии кишварҳои узви ИДМ қабул намуд ва он аз 1 апрели 1995 қувваи ҳуқуқӣ гирифт. Ҷиноятҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок дар Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон (минбаъд КҶ Ӯзбекистон) дар боби III «Ҷиноятҳо барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок» пешбинӣ шудааст.

Аз таҳқиқи КҶ Ӯзбекистон бармеояд, ки «дар хатар монондан» таркиби як ҷиноятро ташкил медиҳад, яъне моддаи дигаре, ки ин мафҳумро муқаррар намояд, дар кодекси зикргардида вуҷуд надорад. Бинобар ин, ҷинояти дар хатар мононданро танҳо дар м. 117 КҶ Ӯзбекистон вохӯрдан мумкин аст.

---

86 Кудратов Н.А. Уголовная ответственность за преступления, связанные с банкротством: проблемы теории, практики и законодательства: по материалам Республики Таджикистан: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.dslib.net/kriminal-pravo/ugolovnaja-otvetstvennost-za-prestuplenija-svjazannye-s-bankrotstvom-problemy.html (санаи муроҷиат: 19.11.2021).

87 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

88 Уголовный Кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 19.10.2021).

89 Уголовный кодекс Белорусь от 9 Июля 1999 г. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30414984 (санаи муроҷиат: 19.10.2021).

90 Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрас: https://lex.uz/acts/111457 (санаи муроҷиат: 19.10.2021).

91 Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://online.zakon.kz/document/?doc_id=31575252#sub_id=0 (санаи муроҷиат: (29.12.2021).

92 Уголовный кодекс Республики Туркменистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31295286 (санаи муроҷиат: (30.09.2021).

93 Уголовный кодекс Республики Молдова [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=30394923 (санаи муроҷиат: (29.10.2021).

94 Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрас: https://lex.uz/acts/111457 (санаи муроҷиат: 19.10.2021).

Диспозитсияи қ. 1 м. 117 КҶ Ӯзбекистон бо преюдитсияи ҷиноятӣ дохил мешавад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ шудааст, вале дар қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати аз яксаду чил то дусаду чил соат ё бо ҷарима ба андозаи аз дусад то чорсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол дарҷ гардидааст.

Аз рӯйи сохти таркибиаш ҷинояти м. 117 КҶ Ӯзбекистон расмӣ мебошад, яъне ҷиноят аз лаҳзаи дар хатар гузоштани шахс хотимаёфта эътироф мешавад. Таркиби ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ низ расмӣ буда, ба таркиби м. 117 КҶ Ӯзбекистон тақрибан монанд мебошад, яъне аз лаҳзаи дар хатар монондани шахс ҷиноят хотимаёфта дониста мешавад.

Дар қ. 2 м. 117 КҶ Ӯзбекистон ҳолатҳои бандубастшавандаи ин ҷиноят, дар намуди содир намудани он ки ҳамин кирдор боиси марги ҷабрдида гардида бошад, бо маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то шаш моҳ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо пешбинӣ шудааст, ки дар мувофиқа бо ҳолатҳои бандубастшавандаи қ. 2 м. 127 КҶ ҶТ ба куллӣ фарқ мекунад. Зеро дар қ. 2 м. 127 КҶ ҶТ ҳамин кирдор агар, аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида бошад, бо маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо таъйин карда мешавад[95].

Зимни муқоисаи қисми сеюми моддаҳои кодексҳои зикргардида тафовути ҷиддӣ ба назар мерасад. Ҳолатҳои бандубастшавандаи қ. 3 м. 117 КҶ Ӯзбекистон ҳангоми содир намудани ҳамин кирдор, агар боиси марги дигарон ва дигар оқибатҳои вазнин шуда бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо таъйин кардааст. Вале дар қ. 3 м. 127 КҶ ҶТ содир намудани ҷинояти мазкур дар намуди ҳамин кирдор, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги одамону дигар оқибатҳои вазнин гардидааст, бо маҳрум сохтан

[95] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

аз озодӣ ба муҳлати аз 2 то 8 сол ва аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад. Нуктаҳои асосии тафовути бандубастшавии м. 117 КҶ Ӯзбекистон ва м. 127 КҶ ҶТ дар ду ҳолат зоҳир мегардад: якум, калимаи «аз беэҳтиётӣ» дар ин моддаи КҶ Ӯзбекисон дида намешавад ва дуюм, ҷазо дар қ. 2 ва 3-юми м. 127 КҶ ҶТ маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян таъкид гардидааст, вале дар м. 117 КҶ Ӯзбекистон ин масъала пешбинӣ нашудааст[96].

Федератсияи Руссия яке аз давлатҳои дигари узви ИДМ ба ҳисоб меравад, ки дар самти танзими ҳуқуқии ҷинояти дар хатар монондан фаъолияти босамар дорад. Кодекси ҷиноятии ФР (минбаъд – КҶ ФР) 24 майи соли 1996 қабул гардида, аз 5 июни ҳамон сол ба қувваи амал даромадааст[97]. Ҷинояти дар хатар монондан ҳамчун ҷинояти алоҳида дар м. 125 КҶ ФР, дар фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» ва дар боби 16 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» муқаррар гардидааст. Таҳлили муқоисавии ҷинояти бандубастшавандаи м. 125 КҶ ФР нишон медиҳад, ки диспозитсияи он ба диспозитсияи қ. 1. м. 127 КҶ ҶТ ва м. 134 Кодекси моделии ҷииноятии кишварҳои узви ИДМ монанд мебошад. Моддаи 125 КҶ ФР аз як ва м. 127 КҶ ҶТ аз се қисм иборат аст. Ғайр аз ин, тафовути дигарро дар таъйини ҷазо дидан мумкин аст. Ҳангоми содир кардани ҷинояти мазкур ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи то ҳаштод ҳазор рубл ё ба андозаи маоши ҳадди ақал ё даромади дигари маҳкумшуда бо пешпардохт то шаш моҳ ё ин ки корҳои ҳатмӣ ба муҳлати сесаду шаст соат ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ё корҳои ҳатмӣ ба муҳлати то як сол ё маҳдуд кардан аз озодӣ бо муҳлати то се моҳ ё ин ки маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то як сол пешбинӣ намудааст[98]. Ҳамчунин, м. 125 КҶ ФР қисмҳои 2 ва 3-юм надорад. Метавон

[96] Уголовный кодекс Республики Узбекистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрас: https://lex.uz/acts/111457 (санаи муроҷиат: 19.10.2021).
[97] Уголовный Кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 05.02.2020).
[98] Уголовный Кодекс Российской Федерации [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_10699/ (санаи муроҷиат: 05.02.2020).

гуфт, ки ҷинояти мазкур дар ҚҶ ФР дар як қисм шарҳу тавзеҳ ва намудҳои ҷазоро вобаста ба ин ҷиноят пешбинӣ намудааст. Аммо дар м. 127 КҶ ҶТ ин ҷиноят дар се қисм бо тафовути татбиқи ҷазо ва маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян муқаррар гардидааст.

Барои боз ҳам равшан гардидани масъала м. 127 КҶ ҶТ-ро ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларуссия (КҶ Беларуссия) мавриди таҳлил қарор медиҳем. КҶ Беларуссия 9 июли 1999 қабул гардида, аз 1 январи 2001 ба қувваи амал даромадааст[99]. Ҷинояти мазкур дар фасли VII КҶ Беларуссия, ки «Ҷиноятҳо бар муқобили инсон» ва дар боби XIX – «Ҷиноятҳо бар муқобили ҳаёт ва саломатӣ» пешбинӣ шудааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҷрибаи қонунгузории Беларус ҷинояти «дар хатар монондан» дар м. 159 оварда шудааст.

Ҷинояти мазкур дар мувофиқа ба м. 127 ҚҶ ҶТ ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин дохил мешавад ва барои содир намудани чунин ҷиноят ҷазо дар намуди ҷарима, маҳдуд кардан аз озодӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ, аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян муқаррар шудааст. Зимни таҳқиқ паҳлуи дигари м. 159 КҶ Беларус муайян карда шуд, ки дар он чунин оварда шудааст: «Ёрӣ нарасонидан ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёташ хавфноку ба ёрии таъҷилӣ қарор дорад ва нафари ҳузурдошта дар мавқеи ба ҳаёту саломатии худ ва атрофиёнаш бехавф аст ва ё дидаю дониста ба муассисаҳои дахлдор ва ё шахсони салоҳиятдор хабар намедиҳад»[100], гунаҳкор дониста мешавад.

Аз рӯйи таркиб м. 159 КҶ Беларус ва м. 127 КҶ ҶТ ягонаанд. Аммо зинаҳои фарқкунандаи онҳо танҳо дар ҳолатҳо ва намуди ҷазо, ки дар қисмҳои м. 159 КҶ Беларус пешбинӣ шудааст, дида мешавад. Кирдори дигареро дар ин боби КҶ Беларус во хӯрдан мумкин аст, ки шабеҳи ҷинояти

---

[99] Уголовный Кодекс Республика Белорусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //online.zakon.kz/document/?doc_id=30414984 (санаи муроҷиат: 19.03.2020).

[100] Уголовный Кодекс Республика Белорусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //online. zakon.kz/document/?doc_id=30414984 (санаи муроҷиат: 11.04.2020).

дар хатар монондан аст. Ба ин м. 160 КҶ Беларус «Ёрӣ нарасонидани капитани киштӣ ҳангоми фалокат» мисол шуда метавонад. Чунин модда дар КҶ ҶТ мавҷуд нест. Масъалаи дигаре, ки дар м. 165 КҶ Беларус пешбинӣ гардидааст «Иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии кӯдакон»[101] мебошад. Таҳлили масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки дар м. 165 КҶ Беларус нисбати субъектони махсус, яъне онҳое, ки баҳри таъмини амнияти кӯдакон уҳдадоранд, чораҳои мушаххас пешбинӣ шудааст, вале дар м. 127 КҶ ҶТ субъекти махсус ва мафҳуми кӯдак ба чашм намерасад. Дар КҶ ҶТ кирдори дигаре ҳаст, ки ба м. 165 КҶ Беларус монанд мебошад. Инро метавон дар м. 174 КҶ ҶТ – «Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ» мушоҳида кард. Тибқи муқаррароти моддаи мазкур, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба тарбияи ноболиғ аз ҷониби падару модар ё шахси дигар, ки ин уҳдадории қонунӣ ба зиммааш гузошта шудааст, ҳамчунин, аз ҷониби омӯзгор ё дигар корманди муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ, агар ин кирдор бо муносибати бераҳмона нисбат бо ноболиғ алоқаманд бошад, бо маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ё бидуни он ҷазо дода мешавад[102]. Аз рӯйи ҳолатҳои фарққунанда дар м. 174 КҶ ҶТ ба монанди м. 165 КҶ Беларус субъекти махсус дида мешаванд. Ҳамчунин, дар ин моддаи КҶ ҶТ сухан дар бораи ноболиғ меравад, на кӯдак. Вале м. 175 КҶ ҶТ – «Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак» шабеҳи м. 165 КҶ Беларус мебошад. Қисми аввали моддаи мазкур муқаррар кардааст, ки «иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдаки хурдсол аз ҷониби шахсе, ки ин уҳдадорӣ тибқи вазифаи хизматӣ ба зиммааш гузошта шудааст ё аз ҷониби шахсе, ки ин вазифаро мувофиқи супориши махсус иҷро мекунад, ё ин

---

[101] Уголовный Кодекс Республика Белорусь [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https: //online. zakon. kz/document/?doc_id=30414984 (санаи муроҷиат: 11.04.2020).

[102] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

уҳдадориро ихтиёран ба зимма гирифтааст, агар дар натиҷа аз беэҳтиётӣ ба саломатии кӯдак зарари миёна расида бошад, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол бо маҳрум сохтан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад. Дар қисми дуюми моддаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки «агар ҳамин кирдор аз беэҳтиётӣ боиси ворид гаштани зарари вазнин ба саломатии хурдсол гаштааст, боиси марги ӯ шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад»[103]. Аз рӯйи ҳолатҳои таҳқиқшаванда тафовут дар қ. 2 м. 165 КҶ Беларус нисбат ба м. 175 КҶ ҶТ дар намуди таъйини ҷазо дида мешавад. Аз рӯйи таркиби дигари ҷинояти мазкур, яъне объект ҳаёт ва саломатии кӯдак баромад мекунад.

Масъалаи мазкур дар КҶ Украина (аз 1-уми сентябри 2001)[104] низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Украина, ки собиқ узви ИДМ буд ва низоми қонунгузории ҷиноятии он ба низоми қонунгузории кишварҳои узви ИДМ бештар шабоҳат дорад ва ҳатто кирдори дар хатар монондан аз аъзои дигари ИДМ дида дар КҶ Украина мукаммалтар барраси гардидааст аст. Аз ин рӯ, таҳлилу муқоисаи ҷинояти мазкурро дар КҶ Украина ва КҶ ҶТ зарур шуморидем.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «дар хатар монондан» дар м. 135 ва дар қисми махсус, фасли 2 КҶ Украина – «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият» дарҷ гардидааст. Аз рӯйи категорияи ҷиноят он ба гуруҳи ҷиноятҳои начандон вазнин дохил мешавад. Вобаста ба ҳолатҳои фарққунанда нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ танҳо дар қ. 2 ва намудҳои ҷазоҳои м. 135 КҶ Украина дида мешавад, ки чунин оварда шудааст: «Ҳамин кирдор, агар аз ҷониби модар нисбати кӯдаки навзод содир шуда бошад, ё агар модар

---

[103] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

[104] Уголовный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://femida.news/ugolovnyj–kodeks–ukrainy–2019/ (санаи муроҷиат: 10.09.2021).

дар ҳолати вобаста ба таваллуд қарор надошта бошад, ҷазо дар намуди маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум кардан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат таъйин карда мешавад»[105]. Дар ҳамаи қисмҳои м. 135 КҶ Украина ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он дида намешавад. Паҳлӯи дигари фарқкунандаи м. 135 КҶ Украина нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ дар он аст, ки дар ин моддаи КҶ ҶТ аз ҷониби модар дар хатар монондани кӯдаки навзоди худ, агар дар ҳолатҳои вобаста ба таваллуд қарор надошта бошад, ба чашм намерасад. Субъекти ҷинояте, ки дар қ. 2 м. 135 КҶ Украина оварда шудааст, танҳо зане шуда метавонад, ки кӯдаки навзод дорад, ё дар ҳолати баъд аз таввалуд қарор дорад. Чунин субъект дар м. 127 КҶ ҶТ дида намешавад, яъне он дорои субъекти махсус нест. Қисми 2 м. 135 КҶ Украина то андозае ба м. 105 КҶ ҶТ – «Кӯдаки навзоди худро куштани модар» шабоҳат дорад.

Тарафи объективии ин ҷиноят метавонад дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ содир шавад, яъне ҷинояткор аз рӯйи шакли ҳаракат метавонад барои дар хатар монондани ҳаёт ё саломатии ҷабрдида шароит муҳайё созад ва аз рӯйи беҳаракатӣ ба шахсе, ки ба ҳаёт ва саломатиаш хатари расидани зарар мавҷуд аст, дар ҳоле ки ҷинояткор уҳдадор буд, ба ӯ кумак расонад, аз ин кирдор даст мекашад, мушоҳида мегардад.

Ҷинояти мазкур аз рӯйи сохти таркибиаш расмӣ буда, аз лаҳзаи дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии шахс, новобаста аз он ки кирдор дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ содир шудааст, хотимаёфта эътироф мешавад.

Оид ба ин масъала м. 136 КҶ Украина – «Нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки барои ҳаёташ хатар вуҷуд дорад» ба м. 127 КҶ ҶТ алоқамандӣ дорад. Диспозитсияи м. 136 КҶ Украина ба диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ шабоҳат дорад, вале ҳолатҳои фарқкунандаи м. 136 КҶ Украина дар он зоҳир мегардад, ки танҳо сухан дар бораи шахсе, ки ба ҳаёташ хатар таҳдид

---
[105] Уголовный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://femida.news/ugolovnyj–kodeks–ukrainy–2019/ (санаи муроҷиат: 06.11.2021).

мекунад ва ҳолате, ки ҷинояткор худ ҷабрдидаро дар хатар гузоштааст, дида намешавад. Дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ ҳолати нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки барои ҳаёт ва саломатиаш хатар вуҷуд дорад ва ҳолате, ки ҷинояткор худ ҷабрдидаро ба ин вазъ овардааст, чораҳо пешбинӣ гардидааст. Вобаста ба ҳолатҳои фарқкунандаи қ. 1 м. 136 КҶ Украина нисбат ба қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ ҳаминро зикр кардан мумкин аст, ки дар м. 136 КҶ Украина мафҳумҳои саломатӣ, пиронсолӣ, беморӣ, хурдсолӣ ё аз сабаби оҷизии худ, ки имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад ва аз ҷониби ҷинояткор дар хатар гузоштани ҷабрдида дарҷ нагардидааст. Фарқияти дигар дар таъйини намуди ҷазо дида мешавад. Дар ягон қисми м. 136 КҶ Украина ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муйян пешбинӣ нашудааст. Нуктаи дигар ин аст, ки дар ягон қисми м. 127 КҶ ҶТ мафҳуми «кӯдак» дида намешавад, аммо дар қ. 2 м. 136 КҶ Украина мавҷуд аст.

Ғайр аз ин, м. 137 КҶ Украина доир ба «Иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон»[106] бахшида шудааст. Диспозитсияи ин моддаи КҶ Украина ва диспозитсияи м. 175 КҶ ҶТ якхела мебошанд, аммо фарқиятҳо низ дар ин моддаҳо ба чашм мерасанд. Дар қ. 1 м. 137 КҶ Украина зикр гардидааст, ки иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои касбӣ ё хизматӣ барои ҳифзи ҳаёт ё саломатии ноболиғ аз сабаби беэҳтиётӣ ё беаҳаммиятӣ нисбати онҳо, агар ба ҷабрдида зарари ҷиддӣ расида бошад. Барои қиёс қ. 1 м. 175 КҶ ҶТ-ро меорем, ки дар он «Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдаки хурдсол аз ҷониби шахсе, ки ин ӯҳдадорӣ тибқи вазифаи хизматӣ ба зимааш гузошта шудааст ё аз ҷониби шахсе, ки ин вазифаро мувофиқи супориши махсус ба ҷо меорад, ё ин уҳдадориро ихтиёран ба зимааш гирифтааст, агар дар натиҷа аз

[106] Уголовный кодекс Украины [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://femida.news/ugolovnyj–kodeks–ukrainy–2019/ (санаи муроҷиат: 07.11.2021).

беэҳтиётӣ ба саломатии кӯдак зарари миёна расида бошад»[107] инъикос гардидааст. Таркиби ин ҷиноят аз рӯйи сохт расмӣ буда, он аз лаҳзаи вайрон гардидани амнияти бехатарии ноболиғ ба охир мерасад.

Ҳолатҳои фарққунандаи м. 137 КҶ Украина нисбат ба м. 175 КҶ ҶТ дар инҳо дида мешавад: а) дар қ. 1 м. 137 КҶ Украина ба ҳайси ҷабрдида танҳо ноболиғ, дар қ. 1 м. 175 КҶ ҶТ ҷабрдида танҳо кӯдаки хурдсол баромад карда метавонад; б) намуди ҷазо; в) дар қ. 2 м. 137 КҶ Украина расонидани зарар, ки боиси марги ноболиғ ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад, қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари вазнин ба саломатии хурдсол гашта бошад ва ба қ. 2 м. 175 КҶ ҶТ аз беэҳтиётӣ боиси марги ӯ шуда бошад.

Дар эзоҳи м. 175 КҶ ҶТ чунин омадааст: «Дар кодекси мазкур зери мафҳуми кӯдаки хурдсол шахси ба синни чордаҳсола нарасида фаҳмида мешавад (Қонуни ҶТ аз 17.05.2004, таҳти №35)»[108]. Дар сурати содир гардидани ҷинояти мазкур нисбати ноболиғони аз чордаҳсола боло аз ҷониби ашхосе, ки барои таъмини амнияти ноболиғ уҳдадор аст ва шахсоне, ки худ ҳаёт ва саломатии ноболиғро дар хатар мегузорад, мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Вобаста ба ҷинояти мазкур, қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова (минбаъд: – КҶ Молдова) чунин меъёри махсусро дар боби II «Ҷиноятҳо бар муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият» пешбинӣ кардааст ва он дар м. 163 КҶ Молдова ҳамчун «дар хатар монондан» бандубаст карда мешавад[109]. Диспозитсияи м. 163 КҶ Молдова ба диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ қисман монандӣ дорад. Аз рӯйи таркиби ҷиноят м. 163 КҶ Молдовия ва м. 127 КҶ ҶТ якхелаанд, яъне ба ҳайси ҷабрдида ҷинояти мазкур шахсе баромад мекунад, ки ҳаёт ва саломатии ӯро хатар таҳдид мекунад. Субъекти ин ҷиноят низ дар ҳардуи ин модда ягонаанд, яъне субъект шахси мукаллафи ба синну соли

---

[107] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/%D0 (санаи муроҷиат: 07.10.2021).
[108] Ҳамон ҷо.
[109] Уголовный кодекс Республика Молдова [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https:// www. legislationline. org/download/id/8276/file/Moldova_CC_2002_am2018 _ru.pdf (санаи муроҷиат: 13.11.2021).

қонунгузорӣ расида ба ҳисоб меравад, ки ба ҷабрдида ёрӣ нарасонида, аз сабаби пиронсолӣ, хурдсолӣ, беморӣ, ё ҳолати оҷизии шахс, ки ӯ имконияти худмуҳофизатиро надошт ва ё худ ӯро ба чунин ҳолат овардааст, шуда метавонад.

Тибқи КҶ Молдова, таркиби ин ҷиноят аз рӯйи сохт расмӣ буда, он аз лаҳзаи дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии шахс хотимаёфта эътироф мешавад.

Аз рӯйи ҳолатҳои таҳқиқшаванда қ. 1 м. 163 КҶ Молдова ва қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ фарқ танҳо дар намуди ҷазо дида мешавад. Масалан, ҷарима ба андозаи то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё меҳнати бе музд ба манфиати ҷамъият ба муҳлати аз яксаду ҳаштод то дусаду чил соат ё маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол. Вобаста ба ҳолатҳои фарқкунанда дар қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ бе музд ба манфиати ҷамъият ва дар қ. 1 м. 163 КҶ Молдова ҷазо дар намуди корҳои ислоҳӣ дида намешавад. М. 163 КҶ Молдова нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ як қисм камтар аст, лекин фарогири ҳама ҳолатҳои се қисми м. 127 КҶ ҶТ мебошад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Арманистон (КҶ Арманистон аз 18 апрели 2003) меъёри махсус барои содир намудани ҷинояти «дар хатар монондан» дар Қисми махсус, фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили инсон», боби XVI «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» ва дар м. 128 бандубаст гардидааст[110].

Таркиби ҷиноят аз рӯйи сохт расмӣ буда, он аз лаҳзаи дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии шахс хотимаёфта дониста мешавад. М. 128 КҶ Арманистон ба монанди м. 127 КҶ ҶТ аз се қисм иборат буда, тафовут дар диспозитсия ва таъйини намуди ҷазо дида мешавад. Дар ягон қисмҳои м. 128 КҶ Арманистон мафҳумҳои хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё ҳолати оҷизӣ дида намешавад. Дар КҶ Арманистон таъйини ҷазо дар намуди корҳои

[110] Уголовный Кодекс Республика Армении [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://continent–online.com/Document/?doc_id=30394923 (санаи муроҷиат 23.09.2021).

ҳатмӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян пешбинӣ нагардидааст.

Дар м. 143 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Озарбойҷон (КҶ Озарбойҷон аз 30 декабри 1999)[111] вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «дар хатар монондан» меъёри махсус пешбинӣ шудааст. Таркиби ҷинояти мазкур ба монанди дигар таркибҳои кодексҳои ҷиноятии таҳлилшуда расмӣ буда, он аз лаҳзаи дар хатар монондани шахс хотима меёбад. Моддаи 143 КҶ Озарбойҷон дар маҷмуъ, аз як қисм иборат буда, дар он ҳолати оҷизӣ, пиронсолӣ, беморӣ, хурдсолии ҷабрдида, ки имконияти пешгирӣ кардани таҳдиди хатарро надоранд, дарҷ нагардидааст. Татбиқи ҷазо дар моддаи мазкур ҷарима ба андозаи то сесад манат ё бо корҳои ислоҳӣ, ба муҳлати то як сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то шаш моҳ ҷазо дода мешавад. Моддаи 143 КҶ Озарбойҷон дар фарқият ба м. 127 КҶ ҶТ ду қисм кам буда, дар диспозитсияи он мафҳумҳои хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ, ҳолати оҷизӣ, инчунин таъйини ҷазо дар шакли корҳои ҳатмӣ, маҳдуд кардани озодӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба чашм намерасад.

Дар м. 121 Кодекси ҷиноятии Қирғизистон (КҶ Қирғизистон аз 1 октябри 1997) дар бораи дар хатар монондан ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шудааст, ки он ба таркиби м. 127 КҶ ҶТ қисман монанд мебошад. Бояд қайд намуд, ки фарқи асосӣ дар санксияи ин моддаҳо дида мешавад, зеро барои содир намудани он дар қ. 1 м. 121 КҶ Қирғизистон ҷазо дар намуди ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ аз 120 то 180 соат, ё ҷарима ба андозаи аз 50 то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то як сол ва дар қ. 2 ин модда ҷарима ба андозаи аз 500 то 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то 2 сол, ё маҳдуд кардан аз озоди ба муҳлати то 3 сол пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, қисми 1 ин модда ба категорияи ҷиноятҳои сабук ва қисми 2 он ба категоряҳои ҷиноятҳои миёна

[111] Уголовный кодекс Азербайджанской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://continent–online.com/Document/?doc_id=30420353#pos=5.–124 (санаи муроҷиат: 23.09.2021).

дохил мешаванд. Фарқи дигар вобаста ба ҳолатҳои бандубастшаванда мебошад, ки м. 121 КҶ Қирғизистон дорои 2 қ. ва м. 127 КҶ ҶТ аз 3 қисм иборат аст. Қисми 3 м. 127 КҶ ҶТ ҳамин кирдорро, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги одамон ё дигар оқибатҳои вазнин гардида бошад, тасниф намудааст, вале ин масъала дар ягон қисми м. 121 КҶ Қирғизистон зикр нашудааст.

Вобаста ба зарурият, парлумони Қирғизистон Кодекси нави ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон (аз 22 декабри 2016)[112]-ро қабул намуд, ки бо якчанд навгониҳо аз кодексҳои кишварҳои узви ИДМ тафовут дорад. Дар Кодекси нав ҷинояти «дар хатар монондан» дар м. 152, боби XXIII «Ҷиноятҳои дар хатар гузоштани ҳаёт ва саломатии инсон» пешбинӣ гардидааст. Диспозитсияи м. 150 КҶ Қирғизистон қисман ба м. 127 КҶ ҶТ монандӣ дорад. Паҳлуҳои фарқкунандаи ин моддаҳо дар қисмҳо ва намуди ҷазо дида мешавад. Дар қ. 1 м. 150 КҶ Қирғизистон, ки аз 21.04.2014 қабул гардидааст, вобаста ба садамаи нақлиётӣ оварда шудааст, ки ин ҳолат дар м. 127 КҶ ҶТ дида намешавад. Ҷинояти мазкур мутобиқи м. 212 КҶ ҶТ «Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» бандубаст мегардад. Моддаи 150 КҶ Қирғизистон аз 2 қисм иборат буда, дар онҳо мафҳуми «марг» сабт нагардидааст.

Дар КҶ Қирғизистон вобаста ба ҷинояти дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон ҳолати алоҳидае низ вуҷуд дорад, ки дар м. 151 бо номи «Нарасониданӣ ёрӣ»[113] оварда шудааст. Моддаи мазкур аз як қисм иборат буда, диспозитсияи он ба диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ якхела мебошад. Таркиби ҷинояти м. 150 ва м. 151 КҶ Қирғизистон расмӣ буда, ҳангоми дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии ҷабрдида ҷиноят ҳамчун хотима ёфта эътироф мегардад.

---

[112] Уголовный Кодекс Республики Кыргызстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111527?cl=ru-ru (санаи муроҷиат: 34.09.2021).

[113] Уголовный Кодекс Республики Кыргызстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/111527?cl=ru-ru (санаи муроҷиат: 26.09.2021).

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон (КҶ Туркманистон аз 12 июли 1997)[114] кирдори «дар хатар монондан»-ро дар м. 125, боби XVI «Ҷиноятҳо бар муқобилӣ ҳаёт ва саломатӣ» ва м. 123 «Иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломати ноболиғон» пешбинӣ намудааст. Моддаи 125 КҶ Туркманистон аз як қисм иборат буда, тафовути он нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ дар татбиқи ҷазо дар намуди корҳои ҳатмӣ дида намешавад. Диспозитсияи м. 123 КҶ Туркманистон ба диспозитсияи м. 174 – «Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғ» ва м. 175 – «Иҷрои номатлуби уҳдадорӣ оид ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии кӯдак»-и КҶ ҶТ қисман монандӣ доранд. Субъекти м. 174 падару модар, омӯзгор ё дигар кормандони муассисаи таълимӣ ё тарбиявӣ ва м. 175 КҶ ҶТ шахсе, ки уҳдадории ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдак вазифаи касбиаш мебошад, шуда метавонад. Аммо, ба ҳайси субъекти м. 123 КҶ Туркманистон шахсоне, ки барои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон уҳдадоранду лекин онро дар хатар мегузоранд, баромад мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки фарқи дигар дар диспозитсияи м. 123 КҶ Туркманистон калимаи кӯдак сабт нашудааст, лекин дар диспозитсияи м. 175 КҶ ҶТ баръакс, калимаи ноболиғ истифода нашудааст. Вобаста ба тафовути ин моддаҳо, қайд намудан зарур аст, ки дар Кодекси амалкунандаи ҷиноятии ҶТ моддаи алоҳида барои иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғ пешбинӣ нагардидааст.

Ҷумҳурии Қазоқистон баъди пошхӯрии ИҶШС Кодекси ҷиноятии худро ду маротиба (16 июли 1997 ва 3 июли 2014) қабул намудааст[115]. Дар КҶ қаблӣ ва амалкунандаи Қазоқистон ҷинояти «дар хатар монондан» дар м. 119 пешбинӣ гардидааст. Моддаи 119 Кодекси аз эътибор соқитшуда, дорои 2 қисм ва амалкунанда (аз 2014) 4 қисмро ташкил медиҳад. Мувофиқи м. 119 КҶ амалкунандаи Қазоқистон, дар хатар монондан ҳамчун «дидаю дониста

[114] Уголовный кодекс Республики Туркменистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:// minjust. gov. tm/ ru/mmerkezi/doc_view.php?doc_id=8091 (санаи муроҷиат: 26.09.2021).
[115] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31575252#pos=5 (санаи муроҷиат: 28.10.2021).

нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад, ҳангоме, ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва вазифадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст»[116], ҷиноят эътироф мешавад. Дар қ. 2 м. 119 КҶ Қазоқистон ҳолатҳои бандубастшавандаи содир намудани ҷиноятро дар намуди агар, аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ё вазнин ба соламатии шахсе, ки ба кумак ниёз дошта, пешбинӣ намудааст.

Ҳолатҳои фарққунандаи м. 119 КҶ Қазоқистон дар қ. 4 дида мешавад. Масалан, кирдори қ. 1 ва 2-юми моддаи мазкур, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду ва ё зиёда шахс гардида бошад. Чунин ҳолат, яъне «боиси марги ду ва ё зиёда шахс» дар ягон қисми м. 127 КҶ ҶТ дида намешавад. Аммо, қ. 3 м. 127 КҶ ҶТ ба қ. 4 м. 119 КҶ Қазоқистон шабоҳат дорад, ки чунин пешбинӣ шудааст: ҳамин кирдор, ки аз беэҳтиётӣ: а) боиси марги одамон; б) боиси дигар оқибатҳои вазнин гардидааст.

Барои ҷинояти дар хатар монондан мутобиқи қ. 1 м. 119 КҶ Қазоқистон ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи то 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё бо корҳои ислоҳӣ бо ҳамин муҳлат ё ҷалб кардан бо корҳои ҳатмӣ ба муҳлати то 120 соат ё ҳабс кардан ба муҳлати 45 рӯз пешбинӣ гардидааст. Барои содир намудани ҷинояти дар хатар монондан бо ҳолатҳои бандубастшавада, ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ, ё маҳрум сохтан аз озодӣ танҳо дар қ. 2 ва 4-и ин модда дида мешавад, лекин намуди дигари ҷазо, ки дар м. 127 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, «машғул шудан ба фаъолияти муайян ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё бидуни он» дар ягон қисми м. 119 КҶ Қазоқистон пешбинӣ нашудааст. Ҷинояти «дар хатар монондан»-и КҶ Қазоқистон ба категорияи ҷиноятҳои начандон вазнин (қ. 1 м. 119) ва категорияи ҷиноятҳои дараҷаи миёна (қ.қ. 2, 3 ва 4 м. 119) дохил мешавад.

---

[116] Уголовный кодекс Республики Казахстан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://continent-online.com/Document/?doc_id=31575252#pos=5 (санаи муроҷиат: 28.10.2021).

Аз таҳлилу баррасии Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ бармеояд, ки ҷинояти «дар хатар монондан» аз рӯйи тасниф ва татбиқи ҷазо ягонагӣ дида намешавад. Аммо дар онҳо дигар ҷиноятҳо вобаста ба ҳолати дар хатар монондани шахс, нарасонидани ёрӣ ба шахси ҳаёташ дар хатар, иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдак-ноболиғ, ки зарари онҳо ба ҳаёт ва саломатии инсон мутааллиқанд, вомехӯранд.

Аз ин бармеояд, ки дар КҶ ҶТ вобаста ба мавзуи мазкур танҳо як модда – м. 127 «Дар хатар монондан» вуҷуд дорад, лекин паҳлуи дигаре, ки ба ин мавзуъ алоқамандӣ дорад, моддаҳои 174 ва 175 КҶ ҶТ мебошад, ки онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Зимни таҳлилу қиёс аён гардид, ки иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон, ки дар м. 123 КҶ Туркманистон пешбинӣ гардидааст, чунин кирдор дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ муқаррар нашудааст.

Омӯзишу таҳқиқи моддаҳои марбут ба ҷинояти дар хатар монондан дар Кодексҳои ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ нишон дод, ки объекти ин ҷиноят ҳаёт ва саломатии шахсе, ки ба ёрӣ ниёз дорад, ба ҳисоб меравад. Ногуфта намонад, ки қисми зиёди объекти ҷиноятҳои дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ вуҷуддошта, аз якдигар фарқ доранд. Аммо объекти ҷинояти дар хатар монондан дар қонунгузории давлатҳои узви ИДМ ҳаёт ва саломатии шахсро ташкил мекунад.

Вобаста ба муайянкунии ҷинояти таҳлилшаванда дар байни қонунгузории кишварҳои узви ИДМ мувофиқати якхеларо вохӯрдан номумкин аст ва ҳар як давлат онро дар шакли ба худ хос муайян кардаанд. Агар объекти ҷинояти мазкур ҳаёт ва саломатии инсон бошад, вале аз рӯйи шумораи моддаҳову бандҳо аз якдигар фарқ мекунанд:

а) дар хатар монондан (м. 127 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, м. 125 КҶ Федератсияи Руссия, м. 117 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, м. 119 КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон, м. 125 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон, м. 163 КҶ Ҷумҳурии Молдова, м. 135 КҶ Украина, м. 128 КҶ Арманистон, м. 143 КҶ Ҷумҳурии

Озарбойҷон, м. 159 КҶ Ҷумҳурии Беларус, м. 121 (соли 1997) ва м. 150 (соли 2016) КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон);

б) иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон (м. 123 КҶ Ҷумҳурии Туркманистон);

в) нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки барои ҳаёташ хатар вуҷуд дорад (м. 136 КҶ Украина);

г) иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдак (м. 137 КҶ Украина);

д) нарасонидани ёрӣ (м. 151 КҶ Қирғизистон);

ғ) ёрӣ нарасонидани капитани киштӣ ҳангоми фалокат (м. 160 КҶ Беларуссия);

е) иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон (м. 165 КҶ Беларус).

Ҳамин тавр, қонунгузории ҷиноятии аз эътибор соқитшуда ва амалкунандаи кишварҳои узви ИДМ-ро дар самти ҷинояти дар хатар монондан таҳлили муқоиса намуда, метавон чунин хулоса кард:

1) Дар КҶ ҶТ ва дигар кишварҳои узви ИДМ, ба ғайр аз КҶ Ӯзбекистон Кодекси моделии ҷииноятии кишварҳои узви ИДМ «дар хатар монондан» криминализатсия шудааст. Яке аз таркиб (объект) – ҳои ҷинояти дар хатар монондан сабаб гардидааст, ки онро дар КМҶ ИДМ алоҳида мавриди танзим қарор диҳанд. Бо ташаккул ва таҳкими низоми қонунгузорӣ, ҷинояти дар хатар монондан ҳамчун кирдори алоҳида, дорои заминаҳои ҳуқуқӣ гардида, ба таври дахлдор мавриди танзим қарор гирифт;

– Аз рӯйи таҳлилу баррасии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷинояти дар хатар монондан ба гуруҳи гуногуни ҷиноятҳо, аз ҷумла: Кодекси ҷиноятии Қазоқистон «ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ ба муқобили шахсият»; - Кодекси ҷиноятии Қирғизистон «ҷиноятҳои дар хатар гузоштани ҳаёт ва саломатии инсон»; Кодекси ҷиноятии Ӯзбекистон «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт»; Кодекси

ҷиноятии Украина «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият»; Кодекси ҷиноятии Арманистон «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ»; Кодекси ҷиноятии Молдова «ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият» дохил мешавад ва дар дигар кишварҳои узви ИДМ бошад, ба яке аз ҳамин гуруҳҳо шабоҳат доранд;

2) Аз ҳама фарқияти асосӣ дар КҶ ҶТ нисбат ба кишварҳои узви ИДМ оид ба ҷинояти дар хатар монондан дар татбиқи ҷазо дида мешавад. Масалан, дар КҶ ҶТ таъйини ҷазо нисбат ба субъекти ҷинояти дар хатар монондан ба «корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти мууайян» пешбинӣ гардидааст, вале ин муқаррарот дар баъзе қонунгузории ҷиноятии кишварҳои узви ИДИ дида намешавад;

3) Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқушиносӣ, хусусан, дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар хатар монондан ва пешгирии ҷиноятҳое, ки ба кирдори дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон алоқамандaнд, аҳаммияти хос дорад. Омӯзиш ва истифодаи қонунгузории ҷиноятии кишварҳои хориҷӣ, ки дар онҳо сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар сатҳи паст қарор дорад, барои такмили қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва дигар қонунҳои амалкунанда мусоидат хоҳад кард.

# БОБИ 2. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ТАРКИБИ ДАР ХАТАР МОНОНДАН МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан

Қонунгузор мафҳуми «таркиби ҷиноят»-ро муайян накардааст, гарчанде ки ин истилоҳ ҳам дар моддаҳои қисми умумӣ ва ҳам махсуси Кодекси ҷиноятии ҶТ истифода мегардад. Бори аввал дар таърихи ҳуқуқ истилоҳи «таркиби ҷиноят» аз ҷониби Проспер Фаринаси (дар соли 1581) ба назарияи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ворид гардид. Ҳамин тавр, дар асрҳои XV-XVII, таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмуи далелҳои мустақим ва ғайримустақим, ки аз содир шудани ҷиноят, аз ҷониби шахс гувоҳӣ медиҳад ва дар натиҷа заминаи зарурӣ ва кофӣ барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ҷинояткор мегарданд, муайян карда шудааст[117].

Ҳангоми омӯзиши ягон аломати таркиби ҷиноят бояд дар назар дошт, ки байни тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят робитаи наздик ҷой дорад. Ҳар як аломатҳои таркиби ҷиноят танҳо дар маҷмуъ дар якҷоягӣ бо дигар аломатҳо таркиби ҷиноятро ташкил медиҳанд. Усули таҳлили ҷудогонаи ҳар як унсури таркиби ҷинояти дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ истифодашаванда, барои амиқтар муайян кардани ин нишонаҳо ва дар баробари ин худи таркиби ҷиноят дар маҷмуъ зарур аст. Усули мазкур бо ягонагии тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят асос ёфтааст[118].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таърифи мафҳуми таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективие маънидод карда мешавад, ки аз тарафи қонуни ҷиноятӣ муқаррар карда шуда, кирдори ба ҷамъият хатарнокро ҳамчун ҷинояти мушаххас тавсиф медиҳад[119].

---

[117] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ / Нашри 4-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2019. – С. 68.

[118] Ниг.: Гельфер М.А. Состав преступления: лекция. – Москва: Всесоюзный юридический заочный ин-т, 1960. – 21 с.

[119] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотс. Ҳ.С. Салимов ва н.и.ҳ., дотс. Н.А. Ғаффорова. – Душанбе, 2010. – С. 80; Уголовное право. В 2 т. Общая часть: учебник для академического бакалавриата / Отв. ред. А.В. Наумов, А.Г. Кибальник. – М., 2019. – С. 66.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятии замони муосир чор унсури таркиби ҷиноятро эътироф намудаанд: объект, тарафи объективӣ, субъект ва тарафи субъективии ҷиноят. Ҳар яке аз ин унсурҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ дорои маънову мазмун ва муҳтавои хос мебошанд. Ба ин тартиб, тамоми унсурҳои таркиби ҷиноятро ба аломатҳои объективӣ ва субъективӣ ҷудо намудан мумкин аст. Ба унсурҳои объективӣ объекти ҷиноят, тарафи объективии ҷиноят ва ба унсурҳои субъективӣ субъекти ҷиноят, тарафи субъективии ҷиноят дохил мешаванд.

Яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят, ки хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдорро муайян месозаду имкон медиҳад, то мазмуну моҳияти он кушода шавад, объекти ҷиноят мебошад. Асосан, мазмуни иҷтимоии кирдори содиршударо объекти ҷиноят муайяну дақиқ менамояд ва барои мушаххас намудани ҷинояти бандубастшаванда хеле муҳим ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи таърихӣ, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаи ягонае ҷой дорад, ки мувофиқи он «ҷиноят ба муносибатҳои ҷамъиятӣ тааррuz меорад ва он ҳамчун объект баромад менамояд»[120].

Таълимот оид ба объекти ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз қисмҳои асосӣ ва хеле мураккаб ба ҳисоб меравад. Объекти ҷиноят дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун ҳуқуқҳои субъективии шахс, арзишҳо ҳамчун шарти ҳаёти солими ҷомеа, манфиатҳои ҳаётӣ, ҳуқуқӣ ва дигар падидаҳои ба инҳо наздик, ки бо санадҳои амалкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз карда мешаванд, фаҳмида мешавад.

Объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие ба ҳисоб меравант, ки давлат ба ҳифзи онҳо таваҷҷуҳ менамояд ва барои вайрон кардани онҳо ҷавобгарии ҷиноятиро зарур мешуморад. Аз руйи объекти ҷиноят дараҷаи ба ҷамъият хавфнок будани кирдорро муайян менамоянд. Бе объект кирдор ҷиноят эътироф намешавад ё чӣ хеле ки Б.А. Куринов қайд менамояд, вуҷуд доштани

[120] Федоров М.И. Понятие объекта преступления по советскому уголовному праву / М.И. Федоров // Ученые записки Пермского университета. Т. XI. Вып. 4. Кн.: 2. – Пермь, 1957. – С. 180-194.

ҷинояти бе объект ғайриимкон аст[121]. Муайян кардани сохтори объекти ҷиноят ба дарки дурусту амиқи мазмуни ҷинояти содиргардида имконият медиҳад. Дар ин замина, нишонаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ низ тавассути таҳлили объекти он имконпазир мегардад. Зарари иҷтимоии кирдор дар асосу вобастагии нишондодҳое муайян карда мешавад, ки барои ҷамъият то чӣ андоза хавфноканд. Ба инҳо арзиши манфиати моддӣ ва маънавии ҳифзшаванда, сатҳи паҳншудаи ҳуқуқвайронкунии мазкур, хусусияти мавзуи тааррuз, хусусият ва ё ҳолати субъект чун объекти ҷиноят, ки дар алоҳидагӣ ҳамчун нишонаи ҷудогона баромад намоянд, дохил мешаванд[122].

Воқеан, чи қадаре ки арзиши иҷтимоии объекти ҷиноят боло бошад, ҳамон қадар дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он зиёд мегардад. Ҳуқуқи ҷиноятии замони шуравӣ танҳо он муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифз менамояд, ба сифати объекти ҷиноят мепиндошт. Бисёре аз олимон объекти ҷиноятро маҳз аз рӯйи ин зинаҳо баррасӣ менамоянд. Ба ақидаи онҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои ҳуқуқие мебошад, ки барои он муқаррар намудани қоидаҳои рафтор танҳо чун воситаи банизомдарорандаи амалҳои шахс мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқони тоҷик Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафаров, Ш.Н. Саидов, объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятӣ дониста мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифз намуда, дар натиҷаи таҷовуз ба он зарар ворид карда мешавад[123].

Ба навиштаи Никифоров Б.С., объекти ҷиноят манфиатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояи қонуни ҷиноятӣ фаҳмида мешавад, ки ҷиноят бар зидди он равона карда шудааст[124]. Ба сифати мазмуни онҳо имконияти ҳолати муайяни

---

[121] Ниг.: Куринов Б.А. Научные основы квалификации преступлений: учебное пособие. – М.: Моск. ун-та, 1984. – С. 60.
[122] Ниг.: Каиржанов Е.К. Интересы трудящихся и уголовный закон (проблемы объекта преступления). – Алма-Ата: Казахстан, 1973. – С. 83-86.
[123] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 143.
[124] Ниг.: Никифоров Б.С. Избранное труды / Составитель канд. юрид. наук А.А. Гравина – М: Институт законодательства и сравнительного правоведения при Правительстве Российской Федерации, 2010. – С. 14.

субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Ин кирдори дорои аҳаммияти иҷтимоӣ тамоми намуди ҳаракатҳои шахсро дар бар мегирад.

Дар ҳақиқат, шахс дар фаъолияти ҷамъиятӣ ва меҳнатии худ қобилиятҳои махсусро ташаккул медиҳад. Ҳамчун мавҷудоти зинда инсон ба қонуниятҳои асосии биологӣ, физиологӣ ва қонуниятҳои тараққиёти ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ тобеъ мешавад. Ногуфта намонад, ки ҳамаи талаботи шахс табиати иҷтимоиро доранд ва инкишофи онҳо ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва тақсимоти онҳо вобаста аст. Талабот қувваи асосию водоркунандаи фаъолияти маърифатӣ ва амалии инсон аст.

Ба ақидаи профессор Н.И. Загородников, на ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ба сифати объекти ҷиноят баромад мекунанд. Танҳо он муносибатҳое, ки аҳаммияти махсуси ҷамъиятӣ доранд, ба сифати оъекти ҷиноят баромад карда метвонанд[125]. Ба навиштаи В.Н. Кудрявсев, тамоми инсон яке аз объектҳои таъсиррасонии номбаргардида буда метавонад[126].

Никифоров Б.С. тасдиқ намудааст, ки ба сифати обекти ҷиноятҳо ба муқобили шахсият на танҳо худи инсонҳо баромад мекунанд, балки муносибатҳои байни инсонҳо низ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад карда метавонанд. Ба чунин муносибатҳои байниинсонӣ дохил мешаванд: некӯаҳволии шахсият, имкониятҳои ба ӯ таъминшудаи иҷтимоӣ-имконияти зиндагӣ кардан аз саломатӣ истифода бурдан. Воло будани мақоми шахсият дар ин мавридҳо, ба он асоснок карда шудааст, ки тамоми шароитҳо дар давлати иҷтимоӣ барои беҳбудии шахсият нигаронида шудааст[127]. Шахсият дар байни зуҳуротҳои иҷтимоӣ мақоми хосса дорад ва дар иерархияи арзишҳои иҷтимоӣ дар ҷойи аввал меистад. Ба қавли дигар, тамоми арзишҳои дигари иҷтимоӣ барои дуруст зиндагӣ намудани шахсият

[125] Ниг.: Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве / Н.И. Загородников // Труды Военно-юрид. Академии. – 1951. – Вып. 13. – С. 36.
[126] Ниг.: Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления / В.Н. Кудрявцев // Сов. государство и право. – 1951. – №8. – С. 51-60. – С. 59.
[127] Ниг.: Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М., 1960. – С. 16.

нигаронида шудаанд. Аз ин лиҳоз, муносибатҳои ҷамъиятиро ҳифз намуда, ҳуқуқи ҷиноятӣ шахсиятро низ аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ҳифз менамояд[128].

Аз ин бармеояд, ки муҳаққиқони ИҶШС дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар доираи мафҳуми объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро[129] дар назар доштанд. Муносибатҳои ҷамъиятиро ҳамчун объекти ҷиноят криминалистҳои хориҷӣ низ эътироф менамоянд[130].

Тавре ки зикр намудем, объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд ва ҳангоми содир намудани ҷиноят ба ин муносибатҳо зарар расонида мешавад ё дар зери таҳдиди расидани зарар қарор мегиранд. Ё ин ки ба шакли дигар объекти ҷиноят – ҳадафест, ки ҳар як кирдори ҷиноятӣ ба он нишон мезанад. Ба ҳайси чунин ҳадаф муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунанд. Дар ҳолатҳое, ки ба муносибатҳои ҷамъиятӣ сӯиқасд нест, ё бо роҳи тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарари иҷтимоӣ расонида намешавад, амали субъект ҳамчун ҷиноят ҳисобида намешавад. Бо мавҷудияти ҳолатҳои зикргардида объекти ҷиноят нафақат муносибатҳои ҷамъиятие, ки зери ҳифзи қонуни ҷиноятӣ қарор доранд, баромад мекунанд. Дар баробари ин, муносибатҳое, ки берун аз соҳаи танзими ҳуқуқӣ (ахлоқӣ, дохилиҳизбӣ ва ғ.) ҷойгиранд ва ҳамчунин, ҳолатҳои дигаре, ки аз тарафи қонун иҷроишашон манъ карда шудаанд (созишнома байни вайронкунандаи қонун), ба ҳайси объекти ҷиноят баромад намекунанд[131].

---

[128] Ниг.: Козаченко И.Я. Санкции за преступления против жизни и здоровья. – Томск, 1987. – С. 90-91.

[129] Ниг.: Загородников Н.И. Понятие объекта преступления в советском уголовном праве / Н.И. Загородников // Труды ВЮА. Вып. XIII. – М., 1951. – С. 32-46; Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления / В.Н. Кудрявцев // Советское государство и право. – 1951. – №8. – С. 51-60; Кригер Г.А. К вопросу о понятии объекта преступления в советском уголовном праве / Г.А. Кригер // Вестник Московского университета. Серия общественных наук. – 1955. – №1. – С. 111-124; Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1960. – 228 с. ; Фролов Е.А. Спорные вопросы общего учения об объекте преступления. Сборник ученых трудов. – Свердловск, 1969; Каиржанов Е. Интересы трудящихся и уголовный закон (проблемы объекта преступления). – Алма-Ата: Казахстан, 1973. – 160 с.

[130] Ниг.: Шуберт Л. Об общественной опасности преступного деяния. – М., 1960. – С. 23.

[131] Ниг.: Раҳмонзода М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 68.

Донишмандони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро ду навъ: амудӣ ва уфуқӣ тасниф кардаанд[132]. Чунин асос, аниқтараш низоми дузинагии таснифоти ҷиноятҳо дар КҶ ҶТ низ босамар истифода гардидааст. Аз рӯйи навъи амудӣ объекти ҷиноят ба умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита ҷудо карда мешавад.

Таҳти мафҳуми объекти умумии ҷиноят одатан муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида мешаванд, ки дар маҷмуъ зери ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ қарор гирифтаанд.

Ё ба таври дигар объекти умумии ҷиноят – ин мафҳуми умумигирдовардашудае мебошад, ки ҳама арзишҳои (молҳо, манфиатҳо)-и бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандаро дар бар мегирад, ки дар ниҳоят ҳар як кирдори ҷиноятӣ дар маҷмуъ ва дар алоҳидагӣ ба он равона карда шудааст. Объекти умумӣ барои ҳамаи кирдорҳое, ки қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят пешбинӣ намудааст, ягона мебошад. Бинобар сабаби оне ки объекти умумии ҷиноят хислати умумӣ дошта, нисбати ҳама кирдорҳои ҷиноятӣ як хел паҳн мегардад, онҳо одатан, дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ ба сифати объектҳои аввалиндараҷаи ҳифзшаванда аз таъқиботи ҷиноятӣ пешбинӣ мегарданд[133].

Дар баробари ин, ҳамчун қоида ба сифати объекти умумии ҷиноят гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар қ. 1 м. 2 КҶ ҶТ дарҷ гардидааст, ба монанди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд. Объекти умумӣ дар умум, ҳамчун муайянкунандаи моҳияти иҷтимоию ҳуқуқии ҷиноятӣ ба шумор меравад.

---

[132] Ниг.:Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 144; Хусейнзода С.Х., Музафаров С.З. Уголовное право Республики Таджикистан (Общая часть): учебное пасобие / Под ред. к.ю.н. Гаффори Н.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. – С. 70.

[133] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 28-29.

Дар баробари ин, ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон низ дар Конститутсияи ҶТ кафолат дода шудааст ва чунин ҳолат дар мавриди қабули КҶ ҶТ, хусусан, дар вақти таҳияи боби 16 – «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» ба назар гирифта шудааст. Дар м. 18 Конститутсияи ҶТ давлат кафолати ҳифзи ҳаёт, дахлнопазирии шахсӣ, шиканҷа, ҷазо ва муносибатҳои ғайриинсонӣ, озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсонро пешбинӣ кардааст[134]. Аз ин бармеояд, ки уҳдадории давлат барои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии аҳолӣ (аз ҷумла, ҳаёт) ва таъмини ин ҳуқуқҳо ифода мегардад. Дар хатар мондани ҳаёт ва саломатӣ муқобили ин муқаррароти Конститутсия равона гардида, на аз ҷониби ягон шахс ва дар ягон ҳолат иҷоза дода намешавад. Зеро дар ҳолати содир намудани чунин кирдор, кафолати конститутсионии пешбинигардида барои таъмини ҳаёту саломатии шаҳрвандон халалдор мегардад.

Объекти хелии ҷиноят гуруҳи муносибатҳои ҷамъиятии хусусияти якхеладошта мебошанд, ки аз ҷониби қонунгузор дар фаслҳои Қисми махсуси КҶ вобаста аз арзиши объект муқаррар карда шудаанд[135]. Аксаран, қисми махсуси Кодексҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла, Қисми махсуси КҶ ҶТ дар асоси объектҳои хелӣ тартиб дода шудаанд. Бо ин, қайд карданием, ки ҳар як фасли Қисми махсуси КҶ ба як гуруҳ ҷиноятҳое, ки объектҳои он якхела мебошанд, бахшида шудааст[136].

Ҷинояти дар хатар мондан дар фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» ва дар боби 16 «Ҷиноятҳо ба муқобли ҳаёт ва саломатӣ» ҷойгир карда шудааст. Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ ба тааррузи манфиатҳои давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон равона карда шудааст. Дар байни мутафаккирони илми ҳуқӯи ҷиноятӣ баъд аз қабули КҶ ҶТ (1998) вобаста ба

---

134 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.05.2013 ва 22.05.2016 с.) // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0 // Вазорати адлияи ҶТ. Душанбе, 2020.

135 Ниг.: Саидов Ш., Сафаров А.И. Муқаррароти умумӣ дар бораи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрас: https://cyberleninka.ru/article/n/obschie-polozheniya-o-prestupleniyah-v-sfere-ekonomicheskoy-deyatelnosti/viewer (санаи муроҷиат 02.01.2022).

136 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири номз. илм. ҳуқуқ, дотсент Н.А. Ғаффорова ва ном. илм. ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С. 98.

намудҳои ҷиноятҳои дар боби 16 – «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» то ҳол андешаҳои ягона вуҷуд надорад.

Вобаста ба масъалаи мазкур, дар адабиёти илмии ҳуқуқи ҷиноятӣ андешае ҷой дорад, ки объекти хелӣ аз рӯйи фасл ва объекти намудӣ аз рӯйи боби мушаххаси Қисми махсуси КҶ муайян карда мешавад. Тавре зикр намудем, ҷинояти таҳлилшаванда дар фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» ва дар боби 16 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ» дарҷ гардидааст. Аз рӯйи муқаррароти КҶ ҶТ ва мантиқи қонунгузор объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, шахс, яъне ҳаёт ва саломатии инсон мебошад. Ҳамин тариқ, аз хулосаҳои зикршуда, объекти хелии ҷиноятҳо муқобили шахсият бо дарназардошти фаси VII КҶ ҶТ ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки онҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон равона карда шудаанд.

Объекти намудии ҷиноятро олимони ватанӣ ҳамчун гуруҳи мушаххаси муносибати ҷамъиятие донистаанд, ки вобаста ба алоқаи байни худ ин ё он намуди манфиатҳоро ифода намуда, дар бобҳои Қисми махсуси КҶ муқаррар шудааст[137]. Объекти намудӣ чун қисми объекти хелӣ баромад намуда, намуди гуногунхели онҳо мебошад[138]. Вобаста ба гуфтаҳои боло, бояд зикр намуд, ки зери объекти хелии ҷиноятҳо ба муқобили шахсият, ҳаёт ва саломатии инсон мавриди таҷовуз қарор мегирад. Дар баробари ин, боиси тазаккур аст, ки барои ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар боби 16 КҶ ҶТ оварда шудааст, объекти намудӣ бояд якхела бошад.

Дар татбиқи дурусти меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ нақши асосиро объекти бевоситаи ҷиноят мебозад. Ҳамчунин, дар мавриди бандубаст (квалификатсия) кардани ҷиноятҳо муқаррар кардани объекти бевоситаи ҷиноят, ки муайян кардани он бояд дараҷаи баланди мушаххасиро доро бошад, бениҳоят аҳаммияти калон дорад. Вобаста ба ин, дар назарияи ҳуқуқи

---

[137] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Нашри 4-ум, такмилёфта. – Душанбе, 2019. – С. 78.
[138] Ниг.: Волженкин Б.В. Преступления в сфере экономической деятельности по уголовному праву России. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2007. – С. 89.

ҷиноятӣ он маъмулан ҳамчун муносибатҳои ҷамъиятии муайян, ки ба он дар натиҷаи содир гардидани ҷиноят бевосита зарар расонида мешавад, мефаҳманд[139].

Объекти бевосита муносибати ҷамъиятии мушаххас мебошад, ки тавассути моддаи алоҳидаи Қисми махсуси КҶ ҳифз карда мешавад. Донишмандон объекти бевоситаро ба се гуруҳ (объекти бевоситаи асосӣ, объекти бевоситаи иловагӣ ва объекти бевоситаи алтернативӣ (факултативӣ) ҷудо намуда, шарҳу тавзеҳ додаанд[140]. Таҳлили адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки бо сабаби гуногунандешӣ муайян намудани объекти ҷинояти дар хатар монондан нофаҳмиҳоро ба вуҷуд меорад. Аз назари муфассирони КҶ ҶТ, мақсади ин модда (127 КҶ) таъмини амнияти ҳаёт ва саломатии шаҳрвандони давлат мебошад. Содир намудани ҷинояти мазкур, боиси таҳдиди расонидани зарар ба саломатии гуруҳи шахсон ва аз ҳаёт маҳрум шудани онҳо мегардад, ки чунин рафтори ношоистаи субъекти ин ҷиноят, нафақат ба ҷабрдида, балки ба давлат низ зиён мерасонад. Дар баробари расидани зарар ба ҷабрдида ва ҳангоми аз даст додани саломатӣ метавонад ҷомеаи носолим ба вуҷуд ояд. Доираи татбиқи ин модда амали ношоистаи субъект ба ҳисоб меравад, ки ба ҷабрдида ёрӣ нарасонидааст ва ё ҳаёт ва саломатии онро зери хатар гузоштааст.

Бояд зикр кард, ки доир ба объекти ҷинояти дар хатар монондан назари муҳаққиқон гуногун аст. Дар маҷмуъ, онҳоро метавон ба таври зайл гуруҳбандӣ кард:

1. Иддае аз муҳаққиқон объекти ҷинояти дар хатар мононданро танҳо ҳаёти инсон номидаанд[141].

2. Гуруҳи дигар, бевосита объекти ҷинояти мазкурро саломатии инсон номиданд[142].

---

[139] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 32.

[140] Ниг.: Нарзуллозода С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – С. 77.

[141] Ниг.: Горелик И.И. Ответственность за оставление в опасности по советскому уголовному праву. – М., 1960 – С. 14; Александрова Н.Г. Ответственность за оставление в опасности по уголовному праву: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 132.

3. Дигар донишмандон ба ҳайси объекти ҷинояти дар хатар монондан ҳаёт ва саломатии инсонро қарор додаанд[143].

4. Нуқтаи назари дигар гуруҳи олимон оид ба объекти ҷинояти мазкур бехатарии шахсият мебошад[144].

Аз омӯзиши илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҳлили андешаҳои дар боло ишорашудаи муҳаққиқон, метавон ба хулосае омад, ки объекти бевоситаи ҷинояти дар хатар монондан амиқу мушаххас пешниҳод нашуда, асосан дар худ таъйиноти объекти бевоситаи дигар таркиби ҷиноятро дорад (асосан объекти бевоситаи нарасонидани ёрӣ ба бемор).

Ба ақидаи ин ҷониб, бояд ҳамаи ҳолатҳоро ба назар гирифта, барои дуруст бандубаст кардани кирдори содиршуда муайян кардани объекти бевосита дар шакли мушаххас, ки дар мувофиқа бо объекти хелӣ ва намудӣ аз рӯйи фасл ва боби КҶ ҶТ муқаррар карда мешавад, аҳаммияти хос дорад.

Мавриди зикр аст, ки ҷинояти дар хатар монондан яке аз амалҳои номатлуб буда, ҶТ дар қонунгузории ҷиноятӣ онро вобаста бо хусусият ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокиаш дар шакли алоҳида ҳамчун ҷинояти мустақил асоснок кардааст. Объекти бевоситаи таркиби ҷинояти дар хатар мононданро он муносибатҳои ҷамъиятие ташкил мекунанд, ки дар ин самт ба амал меоянд.

Ҳамин тавр, ҷинояти «дар хатар монондан» дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ё саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё аз сабаби оҷизии худ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад, ҳангоме ки шахси гунаҳкор метавонист ба ин шахс ёрӣ расонад ва вазифадор буд нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир намояд ё худаш ӯро дар ҳолати барои ҳаёт ё саломатиаш хатарнок гузоштааст, пешбинӣ гардидааст. Дар хатар монондан

[142] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Отв. ред. Б.В. Здравомыслов. – М., 1996. – С. 51.
[143] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть / Под ред. А.И. Чучаева. – М., 2013. – С. 49; Рашковская Ш.С. Преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности. – М., 1959. – С. 46; Уголовное право. Особенная часть / Под ред. Л.В. Иногамовой-Хегай, А.И. Рарога, А.И. Чучаева. – М., 2008. – С. 84.
[144] Ниг.: Горелик А.С. Уголовная ответственность за оставление в опасности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Л., 1964. – С. 2.

мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ он ҳолатҳоеро гуфта метавонем, ки ҷабрдида дар вазъияти ҳаёт ва саломатиаш зери хатар аст ва ӯ аз сабаби беморӣ, пиронсолӣ, хурдсолӣ ё аз сабаби оҷизӣ имконияти ба худ ёрӣ расониданро надорад.

Дар ҷараёни таҳқиқи масъалаи объекти ҷиноят месазад на танҳо таваҷҷуҳ ба таҳлили ҷанбаи амудии объект равона гардад, балки бояд ҷанбаи уфуқии объекти ҷиноят низ мавриди назар қарор гирад. Чунки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро вобаста ба ду ҷанба: амудӣ ва уфуқӣ таснифбандӣ менамоянд[145].

Чи тавре ки қаблан ишора намудем, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ объекти ҷиноятро ба амудӣ ва уфуқӣ ҷудо менамоянд. Вобаста ба ин, объекти ҷиноят аз рӯйи таснифоти уфуқӣ дар сатҳи объекти намудӣ объекти ҳатмӣ (асосӣ, иловагӣ) ва факултативӣ ҷудо мешаванд. Объекти асосӣ дар ҷиноятҳои таркибашон дуобъекта, объекти бевосита ба ҳисоб рафта, бо объекти намудӣ мувофиқ меояд. Объекти дигар, нақши иловагиро иҷро мекунад. Объекти факултативӣ аломати ҳатмии таркиби мушаххас ба ҳисоб намеравад, мавҷудияти он ба бандубасти ҷиноят таъсир надошта, дараҷаи барои ҷамъият хавфнокиро зиёд намекунад, танҳо ҳангоми таъйини ҷазо ба назар гирифта мешавад[146].

Аз рӯйи таҳлилҳои муфассирони соҳаи ҳуқуқ ба хулосае омадан мумкин аст, ки объекти бевоситаи иловагии ҷинояти дар хатар монондан дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таври возеҳу равшан мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифта ва дар ин самт вуҷуд надорад. Ба ақидаи Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода ва дигар олимони ватанӣ объекти бевосита гуфта, арзишҳои мушаххаси шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшавандае

---

[145] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 35.
[146] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Нашри 4-ум, такмилёфта. – Душанбе, 2019. – С. 59.

мебошад, ки дар натиҷаи содир шудани ҷиноят ба онҳо зарар расонида мешавад ва ё таҳдиди расонидани зарар қарор доранд[147].

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки ҳангоми содир намудани ҷинояти дар хатар монондан аломати ҳатмии онро расонидани зарар ба шахсоне, ки дар ҳолати барои ҳаёташон хавфнок қарор доранд, ташкил медиҳанд. Дар асоси назарияҳои таҳлилшуда ва ақидаҳои муҳаққиқони ин соҳа, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки объекти бевоситаи иловагии дар хатар монондан манфиатҳои шахсият (ҳаёт ва саломатии шахс) ба ҳисоб меравад.

Қисмати дигаре, ки ба объекти ҷиноят алоқаи зич дорад, предмети ҷиноят ба ҳисоб меравад. Пайвандии предмет ва объекти ҷиноят то ҳаддест, ки предмети ҷиноят бе вуҷуд доштани объекти он барои муайян намудани воқеа ягон аҳаммияте надорад. Дар докторинаи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба мафҳуми предмети ҷиноят, одатан ашёҳои олами моддӣ фаҳмида мешавад, ки ин ҳолат, дар КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, дар сурати бевосита таъсир расонидан ба онҳо ҷинояти мушаххас содир карда мешавад.

Тавре ки баррасӣ гардид, ҳаёт ва саломатии инсон объекти ҷиноят ба ҳисоб меравад, лекин дар баробари ин, ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон як намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Одатан, дар лаҳзаҳои ҷудогона ҳамон як чиз имконияте дорад, ки ба сифати предмет, восита ё олоти ҷиноят баромад кунад, аммо объект ва предмет ин ду категорияи алоҳида ба шумор мераванд. Дар асл, предмети ҷиноят ҳамчун мавҷудоти моддӣ буда, зери таъсири қувваи ҷисмонӣ қарор мегирад, маҳдуд, тағйир ва нест карда мешавад. Ба андешаи Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, мафҳуми предмети ҷиноят он мавҷудоти моддие дониста мешавад (амвол, дарахт, ҳайвонот), ки таҳти таъсири қувваи ҷисмонӣ қарор гирифтааст: ғайриқонунӣ тағйир, тасдиқ ва нест карда шудааст[148].

---

[147] Ниг.; Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ / Нашри 5-ум, такмилёфта. – Душанбе. 2020. – С. 79.
[148] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе. 2020. – С. 80.

Дар ин асос, доир ба мафҳуми предмети дар хатар монондан розӣ шудан мушкил аст, чунки категорияҳои «ҳаёт» ва «саломатӣ» наметавонанд предмети ҷиноят шаванд. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳайси предмети ҷиноят молу мулк ё ашёҳои дигари олами моддӣ ва арзишҳои маънавӣ баромад мекунанд, ки ҳангоми аз тарафи ҷинояткор таъсир расонидан ба онҳо ҷиноят содир мегардад. Ба ҳайси предмети ҷиноят он чизе баромад мекунад, ки барои дарк кардан, чен кардан, зикр намудан ва баҳо додани он имконият аст. Масалан, дар сурати содир гардидани ҷинояти дуздӣ ҷинояткор ба муносибатҳои молумулкӣ бо тарзи таъсиррасонӣ ба моликияти шахси дигар тааррuz мекунад.

Тавре зикр намудем, агар объект унсури ҳатмии таркиби дилхоҳ ҷиноят бошад, пас предмети ҷиноят дар ҳамаи таркибҳо ҷой надорад, он фақат дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки агар тааррузи ҷинояткорона бо таъсир ба предмети моддии олами беруна ё арзиши маънавӣ алоқаманд бошад. Аз рӯйи назарияи муаллифони мазкур предмети ҷиноят аломати факултативӣ мебошад, ки объекти тааррузро тавсиф мекунад. Дар асоси гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар сурати содир намудани ҷинояти дар хатар монондан предмети ҷиноят ҷой надорад.

Ҳамин тавр, таҳлили тавсифи объекти ҷинояти дар хатар мононданро ҷамъбаст намуда, барои комилан дарк намудани он ба таҳлили нишонаҳои тарафи объективии ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ мепардозем.

Унсури дигари таркиби ҷиноятро тарафи объектвии ҷиноят ташкил медиҳад. Дар баробари объекти ҷиноят, аломатҳои тарафи объективии ҷиноят барои муқаррар кардани таркиби ҷинояти мазкур мавқеи муҳимро мебозанд. Тарафи объективии ҷиноят амали зоҳирии кирдори барои ҷамъият хавфноке мебошад, ки ба объекти аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзгардида тааррuz мекунад ва дар натиҷа, ба он объект зарар мерасад. Донишмандони ватанӣ мафҳуми мазкурро шарҳу тавзеҳ додаанд. Масалан, Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, Ш.Н. Саидов ба он назаранд, ки тарафи объективии ҷиноят

маҷмуи аломатҳоеро дар бар мегирад, ки ҷониби беруна (акт) – кирдори ҷиноятиро тавсиф мекунад. Ин унсури таркиби ҷиноят барои ҳамаи таркибҳо ҳатмӣ ва факултативӣ аст. Дар нақши аломатҳои факултативии тарафи объективӣ тарз, афзор, восита, ҷой, вақт ва шароит (вазъият)-и содиршавии ҷиноят баромад мекунанд. Дар ҳолатҳое, ки аломатҳои мазкурро меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, онҳо ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷинояти мушаххас баромад мекунанд.

Аҳаммияти тарафи объективии ҷиноятро аз рӯйи чунин ҳолатҳо муайян мекунанд:

1) тарафи объективии ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад, ки бе мавҷудияти он таркиби ҷиноят вуҷуд дошта наметавонад;

2) аломатҳои таркиби ҷиноят меъёрест, ки тавассути онҳо бештари ҷиноятҳо аз якдигар ҷудо карда мешаванд;

3) имконият медиҳад, ки дар диспозитсия унсурҳо ва аломатҳои ҷойнадоштаро муқаррар кард;

4) ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ ва чун натиҷа ба намуд ва андозаи ҷазо таъсир расонида метавонад;

5) дар баъзе ҳолатҳо тавассути он кирдори ҷиноятӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ҷудо карда мешавад[149].

Тарафи объективии таркиби ҷиноят тавассути кирдор дар шакли ҳаракат ва беҳаракатӣ муайян карда мешавад. Н.И. Загородников қайд кардааст, ки тамоми ҳаракатҳои инсонӣ худ аз худ наметавонанд ҷиноят бошанд. Танҳо дар он ҳолат ҳаракатҳои инсонӣ ба сифати ҷиноят пиндошта мешаванд, ки ба объектҳои ҳифзшудаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таҳдиди бевосита мерасонанд. Аз ин лиҳоз, ҳаракатҳои инсон хусусияти барои ҷамъият хавфнокиро мегиранд[150]. Тибқи қоидаиҳои ҳуқуқӣ кирдор аз ду ҳолат иборат аст: ҳаракат – чун рафтори фаъол, ки ба объект таъсир мерасонад ва беҳаракатӣ – иҷро накардани уҳдадорӣ вобаста ба таъмини бехатарии ҳаёт ва саломатии шахс.

[149] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2016. – С. 157-158.
[150] Ниг.: Никифоров Б.С. Объект преступления по советскому уголовному праву. – М., 1960. – С. 15-17.

Ҳол он ки ҳангоми беҳаракатӣ шахс имкон дошт, тавассути амалӣ намудани ҳаракатҳои фаъол оқибатҳои нохуши ҳодисаро пешгирӣ намояд. Дар натиҷаи чунин беҳаракатие, ки қонунгузории ҷиноятӣ онро ғайриқонунӣ меҳисобад, расонидани зарар ба объект ба вуҷуд меояд[151].

Донишмандони соҳаи давлат ва ҳуқуқ мафҳуми тарафи объективии ҷиноятро чунин шарҳ додаанд: «Тарафи объективии (воқеии) ҳуқуқвайронкунӣ – кирдори содиршуда, оқибатҳои он ва ҳампайвастагии сабаби байни кирдору оқибат; кирдор дар шакли ҳаракат ва беҳаракатӣ содир мешавад; оқибатҳои кирдор – зиррари моддӣ (барқасдона оташ задани манзили истиқоматӣ), ғайримоддӣ (туҳмат), шахсӣ (аз ҳаёт маҳрум сохтан, расонидани зарар ба саломатӣ) ва ғ. чунин оқибатҳои бавуҷудомада, бояд натиҷаи бевоситаи кирдор бошанд».

Пажӯҳишгароне, ки вобаста ба масъалаи дар хатар монондан кору фаъолият намудаанд, ба ин назаранд, ки дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои муҳимро кирдори дар хатар монондан ташкил мекунад[152]. Маҳз чунин ақидаро дар таҳқиқоти М.И. Ковалев пайдо намудан мумкин аст[153]. Ба ақидаи Г.В. Тимейко, ҳангоми тарафи объективии дар хатар монондан қувваҳои воқеии инсонӣ дар ҳолати оромӣ қарор мегиранд[154]. А.А. Тер-Акопов чунин мешуморад, ки беҳаракатӣ худдорӣ намудани шахс аз содир кардани ҳаракатҳое, ки нисбати онҳо дар шахс уҳдадорӣ мавҷуд буд, маҳсуб меёбад[155]. П.И. Орлов бошад, зери мафҳуми беҳаракатии шахс иҷро нагардидани уҳдадориҳо барои таъмини бехатарии шахсро, медонад[156]. Шарҳ додани чунин намуди тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан, метавонад тафсири васеъро талаб намояд, чунки муайян намудани тарафи

[151] Ниг.: Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно-правовой охраны. – М., 1980. – С. 50-51.
[152] Ниг.: Малинин В.Б. Обоснование уголовной ответственности за бездействие / В.Б. Малинин // Вестник ЛГУ. – 1984. – Сер. 6. – №23. – С. 114.
[153] Ниг.: Ковалев М.И. Проблемы учения об объективной стороне состава преступления. – Красноярск, 1991. – С. 38.
[154] Ниг.: Тимейко Г.В. Общее учение об объективной стороне преступления. – Ростов-на-Дону, 1977. – С. 53.
[155] Ниг.: Тер-Акопов А.А. Бездействие как форма преступного поведения. – М., 1980. – С. 16.
[156] Ниг.: Орлов П.И. Основы конструирования / Справочно-методическое пособие в 2-х книгах. – М.: Машиностроение, 1988. – С. 29.

объективии ҷинояти мазкур аз нуқтаи назари ҳар як мутафаккири ин соҳа дар шакли ба худ хос муайян гардидааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷинояти ягонаи мураккаб ба воситаи мувофиқати амал ё беамалии тибқи қонуни ҷиноятӣ муқарраргардидае, ки ба муносибатҳои ҷамъиятии аз ҷониби қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда зарар расонида, дар оянда бо таври объективӣ ё субъективӣ бо ҳам алоқаманд буда (ягонагии гуноҳ, сабаб ва мақсад), хеле зиёд ва бо чунин пайвастагӣ содир мешаванд ва бинобар ин, қонунгузор онҳоро чун як ҷиноят пешбинӣ кардааст, муайян карда мешаванд[157].

Маълум аст, ки кирдори дар хатар мондан аз рӯйи маъно дорои ду навъи рафтори ҷиноятӣ мебошад: дар хатар мондан ва дар хатар гузоштан. Таркиби чунин кирдорҳо вобаста ба гуногунии шакл ва мазмун (дар хатар мондан дар шакли беҳаракатона ва дар хатар гузоштан дар шакли ҳаракатона) бо ҳамдигар мувофиқат намекунанд[158].

Барои асоснок кардани он дар қонуни ҷиноятӣ назарияе мавҷуд аст, ки мутобиқи он дар хатар мондан дар маҷмуъ ҳамчун кирдори беҳаракатона ба ҳисоб меравад ва ба ду навъи мустақил тақсим карда мешавад: 1) беҳаракатона, ки метавонад бевосита боиси оқибатҳои муайяни зараровар гардад (беҳаракатона, ки хатари мушаххасро ба вуҷуд меорад). 2) беҳаракатона, яъне дахолат накардан ба оқибатҳои зарароваре, ки бо сабабҳои беруна ба вуҷуд омадаанд[159]. Дар ин назария, дар хатар мондан нақши беҳаракатиро иҷро мекунад, ки хатари мушаххасро ба вуҷуд меорад.

Аз назари этимологӣ беҳаракатии шахс маънои мавҷуд набудани ҳаракатҳои фаъоли шахсро дар назар дорад[160]. Мафҳуми мазкурро агар мо

---

[157] Ниг.: Калинина Т.А. Формы и виды единого преступления, и ограничение их от множественности преступлений: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 21; Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 43.

[158] Ниг.: Медведев Е.В. Поставление в опасность в структуре оставления в опасности [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/47777-postavlenie-opasnost-strukture-ostavleniya-opasnosti (санаи муроҷиат: 03.01.2022).

[159] Ниг.: Брайнин Я.М. Уголовная ответственность и ее основание в советском уголовном праве. – М., 1963. – С. 213.

[160] Ниг.: Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка. – М., 1996. – С. 37.

нисбат ба рафтори инсон монанд намоем, пас, чунин ҳолат ба миён меояд: агар ҷисми инсон ҳаракат накунад, пас маънои беҳаракатиро дорад. Беҳаракатӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти шахс мебошад, ки ҳангоми ворид шудани инсон ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд. Яъне нисбати ҳар як шахси воқеӣ уҳдадориҳои муайяни ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст, аммо шахс нисбати чунин уҳдадориҳо беэътиноӣ зоҳир намуда, аз иҷрои онҳо саркашӣ мекунад. Ақидаи зикргардидаро бисёре аз олимоне, ки дар ин самт таҳқиқот бурдаанд, ҷонибдорӣ менамоянд[161].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба масъалаи расонидани зарар ба объект тавассути беҳаракатӣ ақидаи ягонае мавҷуд нест. В.Н. Кудрятсев беҳаракатиро чун рафтори иродавӣ баҳогузорӣ намудааст, ки ба объектҳои гуногуни бо қонун ҳифзшаванда зарар мерасонад[162]. Мутафаккири зикргардида андешаи худро чунин асоснок месозад: дар миёни шахсоне, ки шиновариро метавонанд, яке аз онҳо дар об ғарқ шавад ва дигарон шоҳиди ин ҳолат бошанд. Агар бо сабабҳои гуногун ба шахси ғарқшаванда касе аз шоҳидон ёрӣ нарасонанд, он гоҳ онҳоро барои беҳаракатӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст. Аммо чунин ҳолат хеле баҳснок аст. Зеро ягон нафар шоҳидон, ки дар соҳил қарор доштанд, барои шахси ғарқшуда маргро намехостанд ва ӯро ба чунин ҳолат нарасонидаанд. Беҳаракатӣ худ аз худ ба предмет зарар расонида наметавонад, ҳол он ки метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятӣ зарар расонад. Беҳаракатӣ дар чунин намуди ҷиноятҳо ҳамчун шарти асосӣ баромад менамояд. Ба ибораи дигар чунин ҷиноятҳо ҳамеша тавассути беҳаракатии шахс содир карда мешаванд[163].

Шаргородский М.Д. ба консепсияи расонидани зарар тавассути беҳаракатӣ тамоман зид буд. Аз рӯйи ақидаи ӯ, ҳангоми содир гардидани

---

[161] Ниг.: Красиков Ю.А., Алакаев А.М. Лекции 2-3. Понятие преступления. Множественность преступлений / Уголовное право. Общая часть: Курс лекций / Под ред. проф. А.Н. Игнатова. – М., 1996. – С. 23; Горелик А.С. Уголовная ответственность за оставление в опасности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Л., 1964. – С. 7; Шарапов Р.Д. К вопросу о бездействии в уголовном праве / Р.Д. Шарипов // Правоведение. – 1998. – №3. – С. 98-102.

[162] Ниг.: Кудрявцев В.Н. К вопросу о соотношении объекта и предмета преступления / В.Н. Кудрявцев // Сов. государство и право. – 1951. – №8. – С. 59.

[163] Ниг.: Коржанский Н.И. Объект и предмет уголовно правовой охраны. – М., 1980. – С. 131-134.

ҷинояти мазкур тавассути беҳаракатӣ, робитаи сабабӣ вуҷуд надорад. Ба назари ӯ, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои беҳаракатӣ танҳо дар он ҳолате ба миён меояд, ки агар қонунгузор бевосита шахсро барои беҳаракатӣ ҷазо диҳад[164].

Аз ин бармеояд, ки дар мавриди содир гардидани ҷинояти «дар хатар монондан» байни беҳаракатӣ ва оқибати бавуҷудомада робитаи сабабӣ вуҷуд надорад. Агар дар КҶ бевосита вобаста ба масъалаи беҳаракатӣ муқаррарот мавҷуд бошад, дар ин ҳолат, шахсро барои беҳаракатии содиркарда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин аст.

Иддае аз муҳаққиқон (Ю.А. Власов ва Т.В. Кирпиченко) объекти ҷинояти мавриди назарро ҳаёт ва (ё) саломатӣ намеҳисобанд[165]. Онҳо ақидаашонро чунин тақвият медиҳанд, ки объекти бевосита тааррузи ба муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида шуда, бевосита зарар расонидан ё таҳдиди расонидани зарар ба онро дорад. Ба назари онҳо, ҳангоми дар хатар монондан бевосита зарар расонидан ба ҳаёт ё саломатии инсон вуҷуд надорад, аммо, дар ин ҳолат, зарар тавассути дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ расонида мешавад. Махсусан, муносибатҳои ёрии байниҳамдигарӣ бехатарии ҳаёти инсонро дар ҷомеа таъмин мекунад. Ин муносибатҳо ба низоми муносибатҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон равона гардидааст.

Ба назари муҳаққиқони болозикр, зарар ба ҳаёт ва саломатии инсон танҳо дар сурати вайрон кардани муносибатҳои ҷамъиятии дар боло зикршуда сурат мегирад. Ҳамин тариқ, ҳаёт ва саломатӣ объекти бевоситаи ҷинояти мазкур шуда наметавонанд.

Аз ин рӯ, объекти бевоситаи дар хатар монондан муносибатҳои ёрии байниҳамдигарӣ эътироф карда мешавад, ки мутобиқи зарурати объективии таъмини бехатарии ҳаёти шахси дар ҳолати оҷизӣ қарордошта, вуҷуд дорад.

---

[164] Ниг.: Шаргородский М.Д. Некоторые вопросы причиной связи в теории права / М.Д. Шаргородский // Сов. государство и право. – 1956. – №7. – С. 12-51; Шаргородский М.Д. Причинная связь в уголовном праве / М.Д. Шаргородский // Учен. тр. ВИЮН. – М., 1947. – Вып. 10. – С. 185.

[165] Ниг.: Власов Ю.А. Уголовная ответственность за оставление в опасности: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2004. – С. 17.

Ҳамин тариқ, тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан аз беҳаракатӣ содир мешавад. Беҳаракатона содир намудани ҷиноят ҳамчун рафтори ғайрифаъол фаҳмида мешавад, аммо рафтори иродавӣ низ кирдори ҷиноятӣ мебошад. Дар ин сурат, бояд ҳадди ақал се унсури ба ҳам алоқамандро дар назар гирифт: якум, субъекти ҷинояти дар хатар монондан уҳдадориҳои иҷрои амалҳои мушаххасро дорад; дуввум, ӯ имконияти татбиқи онҳоро дорад (расонидани кумак); сеюм, уҳдадориҳои ба зиммааш гузошташударо иҷро намекунад ва шахсро дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатиаш хатарнок мегузорад.

Барои боз ҳам возеҳу равшан гардидани ин унсурҳо моро зарур аст, ки онҳоро муфассалтар мавриди таҳлили илмӣ қарор диҳем. Мафҳуми уҳдадорӣ ҳамчун ченаки рафтори дурусти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, мазмуни меъёрии онро дар назар дорад. Вобаста ба масъалаи мазкур, аз рӯйи таҳлилҳо бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ чунин маълумот пайдо кардан мумкин аст. Дар қ. 3 м. 12 Қонуни федералӣ (аз 07.02.2011, таҳти №3-ҚФ) «Дар бораи полис» чунин оварда шудааст: «Расонидани ёрии аввалин ба шахсоне, ки аз ҷиноят, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ҳодисаҳои нохуш зарар дидаанд, инчунин, ашхосе, ки дар вазъияти ба ёрӣ муҳтоҷ буда, ё ин ки дар холати ба ҳаёт ва саломатиаш хатар дошта қарор доранд, агар ёрии махсусро сари вақт дастрас накунанд, ёрии аввалин расонад; ё натавонад, ба хешовандони наздик (хешованд) ё шахси наздики ҷабрдида маълумот дар бораи ёрии аввалин ё муроҷиат ба муассисаи тиббӣ, агар дар ин бора маълумот мавҷуд бошад, ҳарчи зудтар, вале на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи расонидани ёрии аввал ё муроҷиат ба муассисаи тиббӣ хабар диҳад»[166].

Унсури дуюм, беҳаракатона содир намудани ҷиноят мебошад, ки шахси гунаҳкор имконияти расонидани ёрӣ ба ҷабрдидаро дошт, вале чунин уҳдадориро иҷро накард. Имконияти ин тадбир, усул ё ҳолатест, ки барои татбиқи амалҳои мушаххас зарур аст. Вобаста ба ҷинояти мазкур, ин маънои

[166] Қонуни федералӣ аз 07.02.2011 сол, таҳти №3-ФЗ «Дар бораи полис» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document/cons_doc_LAW_110165/b37ce6192e74315fb3964dd181c8ed1ebc8492 (санаи муроҷиат: 28.12.2021).

онро дорад, ки шахс барои расонидани ёрӣ ва бартараф намудани чунин хатар имконияти заруририро дошт, ки ҳаёт ва саломатии ӯро ҳифз кунад, оқибатҳои номусоидро бартараф намояд ва дар ниҳояти кор, барои бартараф намудани ҳолати бавуқуъ омада қарори амиқе қабул намояд. Дар акси ҳол, ҷинояти мазкур мутобиқи диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Ҳолати воқеие, ки ба ин мисол шуда метавонад, парвандаҳои ҷиноятии амалияи мақомоти тафтишотиву суд мебошад. Суди н. Фирдавсии ш. Душанбе муайян кард, ки шаҳрванд Э.М.Ҳ., санаи 12.10.2015 сол, соати 10:30 дақиқа, бо автомашинаи тамғаи «Чанху», РҚД 0000 АМ 01 дар кӯчаи Н. Қарабоев ба самти кӯчаи Қосимов-ҷанубӣ, бо суръати тахминан 20 км/соат, бо се нафар мусофир ҳаракат менамуд. Ҳангоми ҳаракат талаботи бандҳои 10. 1 ва 9.9 ҚҲР-ро дағалона вайрон намуда, пиёдагард Б.Ф.Ш., ки машғули аз ақиб тела додани автомашинаи тамғаи Дайво-Сиело (бо сабабҳои техникӣ вайрон гардидаст) буд, аз пойи рост зарба мезанад, ки дар натиҷа ҷабрдида ҷароҳати ҷисмонӣ мебардорад. Ронанда Э.М.Ҳ. пас аз дарки ҳодиса, ба ҷабрдида ёрӣ нарасонида, ваъда медиҳад, ки мусофиронашро фароварда, ба ҷойи ҳодиса бармегардад. Бо ин кирдораш боз талаботи банди 2.5-и ҚҲР-ро дағалона вайрон мекунад. Мувофиқи хулосаи ташхиси тиббӣ – судӣ, тахти №8645 аз 18.11.2015 сол, ҷабрдида Б.Ф.Ш. ба саломатиаш зарари миёна бардоштааст. Дар натиҷа, суд кирдори судшаванда Э.М.Ҳ.-ро тибқи қ. 1 м. 212, қ. 1 м. 127 ва м. 72 КҶ ҶТ бандубаст кард[167].

Кирдори содиршуда ба қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ рост меояд. Ар рӯйи ҳодисаи бавуқуъомада маълум гардид, ки шаҳрванд Э.М.Ҳ. уҳдадориҳое, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, иҷро накарда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад. Судшаванда уҳдадор буд, ки ҳангоми бавуқуъ омадани садамаи нақлиётӣ ва заррар расонидан ба саломатии ҷабрдида ба ӯ ёрӣ мерасонид ва ё ҳадди ақал ба беморхонаи наздиктарин

[167] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-167/16 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.

мерасонид, вале ухдадорихояшро иҷро накарда, аз ҷойи ҳодиса ба самти номаълум ғайб мезанад.

Мавқеи асосиро дар ҳолатҳои зикргардида, яъне ҳангоми ба вуҷуд омадани садамаи нақлиётӣ, аз ҷониби ронанда иҷро накардани уҳдадориҳо нисбати шахсе, ки ба ёрӣ муҳтоҷ аст, ишғол мекунад. Агар аз тарафи шахсе, ки чунин уҳдадориҳоро иҷро намояд (ба ҷабрдида ёрӣ расонад), ҳангоми бандубасти парвандаи ҷиноятӣ бе дарназардошти диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Дар маҷмуъ, аз рӯйи ҳолати зикргардида, танҳо мутобиқи м. 212 КҶ ҶТ парванда оғоз карда мешавад.

Ба ин монанд, ҳодисаи дигаре, ки ба вуҷуд омадааст, мисол шуда метавонад. Шаҳрванд А.А.Д. 24.07.2015 сол, тахминан соати 19:30 дақиқа бе ҳуҷҷати ронандагӣ ва дар ҳолати мастӣ бо автомашинаи тамғаи «Деу-Леганза» РҚД ЕО 0000 РТ 01 дар кӯчаи 50-солагии Тоҷикистон аз тарафи кӯчаи Н. Қарабоев ба самти кӯчаи Соҳилӣ, бо се нафар мусофир, бо суръати тахминан 70-80 км/соат ҳаракат карда, талаботи бандҳои 2.7 қисми 1, 10.1, ва 10.2-и ҚҲР-ро дағалона вайрон намуда, пиёдагард М.Ш.Х. (соли таваллудаш 1971), ки аз тарафи чап ба тарафи рости роҳи мошингард ҳаракат мекард, бо қисми пеши тарафи чапи автомашинааш зада аз пой меафтонад. Дар натиҷа, пиёдагард М.Ш.Х. ҷароҳати сахти ҷисмонӣ бардошта, дар ММТ ҶТ ба ҳалокат мерасад. Ронанда А.А.Д. ба ҷабрдида ёрӣ нарасонида, аз ҷойи ҳодиса ба самти номаълум ғайб мезанад.

Мувофиқи хулосаи ташхиси тиббӣ-судӣ таҳти №141 аз 03.08.2015 сол, ҷабрдида М.Ш.Х., дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ҷароҳатҳое гирифтааст, ки ба дараҷаи зарари вазнин ба саломатии инсон мансуб буда, боиси марги ӯ гардидааст. Мақомоти судӣ нисбати кирдори судшаванда А.А.Д. бо м. 212, қ. 2 ва м. 127, қ. 2 КҶ ҶТ ҷазо татбиқ намуд[168].

Таҳлили парванда нишон дод, ки пас аз ҳодисаи фоҷиавӣ ронанда А.А.Д. дидаю дониста ба ҷабрдида М.Ш.Х., ки дар вазъияти барои ҳаёт

---

[168] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-481/15 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.

хавфнок қарор дошт ва аз сабаби оҷизии худ имкони андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надошт, вале бо вуҷуди ин, ӯро дар ҳолати барои ҳаёт хатарнок гузошта, ёрии аввалияи тиббӣ ё ба муассисаи табобати наздиктарин нарасонидааст. Ҳамчунин, оид ба ҳодисаи нақлиётии рухдода, кормандони милитсияро огоҳ накарда, аз ҷойи ҳодиса ба самти номаълум ғайб мезанад.

Тавре ки маълум гашт, судшаванда А.А.Д. аз уҳдадориҳое, ки дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, саркашӣ кардааст. Чунин амали зишти ҷинояткор сабаби аз ҳаёт маҳрум гаштани ҷабрдида гардид. Албатта, ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҳодисаи зикргардида мақсади ҷинояткор аз ҳаёт маҳрум сохтани ҷабрдида набуд, лекин новобаста аз мақсади доштаи субъекти ҷиноят, ӯ уҳдадор буд, ки ба шахси ба ёрӣ муштоҷ ва дар ҳолати оҷизӣ қарор дошта, кумак расонад.

Уҳдадории ёрӣ кардан ба шахси ба ёрӣ муҳтоҷ танҳо дар ҳолати ба вуҷуд омадани садамаи нақлиётӣ (пахш намудани ҷабрдида ва аз ҷойи ҳодиса ғайб задан) ба вуҷуд намеоянд. Чунин уҳдадориҳое, ки дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, дар дигар ҳолатҳо низ вуҷуд дошта метавонад. Масалан, шаҳрванд А.М.М. санаи 11.01.2012 сол дар таввалудхонаи №1 ш. Душанбе тифл (Ф) ба дунё оварда, уҳдадориҳо оид ба ноболиғ аз ҷониби модар, ки ин уҳдадориро қонун ба замимааш гузоштааст, иҷро накарда, нисбат ба кӯдаки ноболиғаш муносибати бераҳмона кардааст. Ӯ санаи 15.08.2012 сол, тахминан соати 18:00 дақиқа кӯдаки хурдсолашро дар хонаи ба иҷорагирифтааш, дар маҳаллаи Гулбуттаи ш. Душанбе бе парастору бе маводи ғизоӣ то санаи 17.08.2012 сол танҳо гузошта, ба фоҳишагӣ машғул шудааст, ки дар натиҷа, кӯдак вафот кардааст.

Хулосаи экспертии ташхиси тиббӣ-судӣ, таҳти №166 аз санаи 11.09.2012 сол сабаби марги кӯдаки хурдсоли шаҳрванд А.М.М.-ро бемории илтиҳоби шадиди ду тарафи шушҳо муайян кард.

Ҳамин тариқ, суд далелҳои мурофиаи судиро ба назар гирифта, нисбати кирдори судшаванда А.М.М. бо м. 174 ва қ. 2-и м. 127 КҶ ҶТ ҷазо таъйин кард[169].

Ҳодисаи мазкур, метавонад дигар тарзи уҳдадориро ба мо ошкор кунад. Дар кирдори содиркардаи судшаванда А.М.М. ҳолатҳое, ки диспозитсияи м. 127-и КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, бараъло дида мешавад. Мутаассифона, иддае аз падару модарон аз чунин уҳдадориҳои доштаашон хабардор нестанд. Аммо надонистани қонун шахсро аз ҷавобгарӣ озод намекунад. Дар ин замина, бояд вохӯриҳоро дар самти боз ҳам боло бурдани савияи дониши ҳуқуқии мардум зиёд кард, то аз чунин уҳдадориҳояшон бештар бохабар шаванд.

**Шумораи парвандаҳои таҳқиқшуда дар шаҳру навоҳии кишвар**




Дар таҳқиқи ҷинояти дар хатар монондан 109 парвандаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирфт. Натиҷаи омӯзиш нишон дод, ки бандубасти парвандаҳои мазкур дар бештар маврид ҳангоми ба вуҷуд омадани садамаи нақлиётӣ баррасӣ шудаанд.

Бояд гуфт, ки дар чунин ҳолат ҳаёт ва саломатии ҷабрдидаро дар хатар гузошта, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад. Масалан, шаҳрванд Ш.З.С. санаи 12.05.2012 сол, тахминан соати 15:30 дақиқа бо автомашинаи тамғаи «Опел-Астра», РКД 00-00 АМ 01, ки бо суръати тахминан 20 км/соат аз тарафи

[169] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии № 410/12 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.

кӯчаи Қаҳҳоров ба самти кӯчаи Коргар ҳаракат мекард, талаботи бандҳои 10.1 / қ.қ. 2 ва 9.9-и ҚҲР-ро дағалона вайрон мекунад. Ронанда Ш.З.С. зимни ҳаракат пиёдагарди ноболиғ А.С.Э. (соли таваллудаш 2006), ки дар канори роҳ машғули бозӣ буд, бо оинаи паҳлӯи рости автомашинааш пахш мекунад, ки дар натиҷа, ҷароҳатҳои ҷисмонӣ мебардорад. Пас аз ҳодиса, ронанда Ш.З.С. уҳдадориҳои ба зиммааш бударо иҷро накарда, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад.

Мувофиқи хулосаи ташхиси тиббӣ-судӣ, таҳти №2890, аз санаи 21.05.2012 сол ҷабрдидаи ноболиғ А.С.Э. дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ ҷароҳатҳое мегирад, ки ба дараҷаи зарари миёна ба саломатӣ мансуб мебошад. Ҳамин тариқ, судшаванда Ш.З.С. дар маҷмуъ, ҷиноятҳои дар м. 212 қ. 1 ва м. 127 қ. 1 КҶ ҶТ пешбинишударо содир намудааст, ки суд нисбати ӯ бо моддаҳои зикршуда ҷазо таъйин кард[170].

Аз ҳодисаи мазкур бармеояд, ки чунин беэҳтиётии ронандагон метавонанд ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдидагон зарар расонанд. Агар аз рӯйи ҷинояти дар хатар монондан ҳангоми садамаи нақлиётӣ назар афканем, ба монанди ҳодисаи зикргардида кам нестанд.

Масалан, шаҳрванд М.О.Ҷ. санаи 3.10.2011 сол, тахминан соати 23:30 дақиқа дар ҳолати мастӣ бо воситаи нақлиёти шахсии тамғаи «ДЭУ – Нексия», РҚД – 00-00 АА 02 РТ, дар чорроҳаи кӯчаҳои Гагарин – Фирдавсии ш. Хуҷанд ҳаракат намуда, бар хилофи талаботи бандҳои 2.1, 2.1.1, 2.3, 2.3.1, 2.5 ва 10.1 ҚҲР амал намудааст. Номбурда, зимни ҳаракат дучархарон Қ. С. М.-ро, ки муқобили роҳи мошингард ҳаракат мекард, бо қисми пеши автомашинааш пахш карда, хилофи талаботи диспозитсияи моддаҳои 212 ва 127 КҶ ҶТ амал мекунад.

Мувофиқи ташхиси тиббӣ-судӣ, таҳти №1755 аз санаи 5.10.2011 сол ҷароҳати бардоштаи ҷабрдида Қ.С.М. ҳамчун зарари вазнин ба саломатӣ дониста шуд. Аз ин рӯ, суд кирдори судшаванда М.О.Ҷ.-ро бо м.м. 212, қ. 2 ва

---

[170] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-168/16 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.

127, қ. 1 КҶ ҶТ бандубаст намуд. Зеро ӯ ҳамчун шахси идоракунандаи воситаи нақлиёти механикӣ ҚҲР вайрон намуда, аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин расонидааст.

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳқиқи маводи дастрас объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар мононданро ҷамъбаст намуда, ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Назари муҳаққиқон вобаста ба объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан якранг нест, зеро объекти ҷинояти мазкур гуногунҷабҳа буда, дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон ё зарар расонидан ба ҳаёт ва саломатии инсон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад;

2. Объекти умумии ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон буда, объекти хелии онро муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон алоқаманд, ташкил медиҳад;

3. Тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ содир мешавад. Дар хатар монондан дар маҷмуъ, ҳамчун кирдори беҳаракатона ба ҳисоб меравад ва ба ду навъи мустақил тақсим карда мешавад: беҳаракатие, ки метавонад бевосита боиси оқибатҳои муайяни зараровар гардад (беҳаракатона, ки хатари мушаххасро ба вуҷуд меорад) ва беҳаракатие, ки дахолат накардан ба оқибатҳои зараровare, ки бо сабабҳои беруна ба вуҷуд омадаанд;

4. Объекти бевоситаи дар хатар монондан муносибатҳои ёрии байниҳамдигарӣ эътироф карда мешавад.

### 2.2. Субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан

Мутобиқи қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дилхоҳ таркиби ҷиноят дар баробари аломатҳои объективӣ дорои аломатҳои субъективӣ (субъект ва тарафи субъективии ҷиноят) низ мебошад. Муайян нагардидани аломатҳои субъективии ҷиноят аз набудани таркиби ҷиноят дар маҷмуъ дарак медиҳад. Пас, дар ин ё он кирдори зиддиҳуқуқӣ мавҷудияти унсурҳои (элементҳо)-и номбаргардида, шарти ҳатмии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, чунки

он танҳо ҳангоми мавҷуд будани шахсе, ки ҷиноят содир кардааст ва тарафи субъективии он, дар шакли қасдона ё беэҳтиётона дар муносибат ба кирдори хеш ва оқибатҳои он имконпазир аст[171].

Ё ба таври дигар таркиби ҷиноят маҷмуи аломатҳои объективӣ ва субъективии бо қонун муқаррargardида мебошад, ки кирдори барои ҷамъият хавфнокро ҳамчун ҷиноят тавсиф мекунад. Дар ин бахш яке аз унсурҳои таркиби ҷиноят субъекти ҷиноят мебошад, ки онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Ба андешаи донишмандони ватанӣ, субъекти ҷиноят шахси воқеиест, ки кирдори ба ҷамъият хавфнокро содир карда, мувофиқи қонун метавонад ҷавобгарии ҷиноятиро таҳмил намояд[172]. Мувофиқи м. 11 КҶ ҶТ «Асоси ҷавобгари ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятӣ дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардида аст[173]. Мутобиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва андешаҳои донишмандони соҳа, субъекти ҷинояти дар хатар монондан шаҳрванди ҶТ, шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Аз таҳлилилу баррасии КҶ ҶТ бармеояд, ки дар он мафҳуми субъекти ҷиноят истифода нагардидааст. Ба ин маъно ибораҳои «шахсе, ки ҷиноят содир намудааст», «шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор эътироф шудааст», «маҳкумшуда», «гунаҳкор» ва монанди инҳо васеъ истифода шудааст.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳайси субъекти ҷиноят шахси ҷисмонии дорои қобилияти иҷро кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати содир кардани кирдори қасдона ё аз беэҳтиётии барои ҷамъият хавфнок муқаррар гардидааст[174].

---

171 Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 56.
172 Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафаров А.И., Саидов Ш.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ). Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2016. – С. 168.
173 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
174 Ниг.: Курс уголовного права. Т. 1. Общая часть: учение о преступлении / Под ред. Н.Ф. Кузнецовой и И.М. Тяжковой. – М.: Зерцало. – 1999. – 2002. – С. 256; Уголовное право РФ. Общая часть: учебник / Под

Дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ нишондоди бевосита вобаста ба нишонаҳое, ки субъекти ин ҷиноятро тавсиф диҳанд, дида намешавад. Ногуфта намонад, ки дар доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи субъекти ҷинояти дар хатар мондан ҳамчун масъалаи баҳснок боқӣ мондааст. Аз ин лиҳоз, меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар Қисми умумии КҶ ҶТ вобаста ба масъалаи субъекти ҷиноят инъикос шудаанд, барои ҷинояти дар хатар мондан низ ҳатмӣ мебошанд.

Дар як моддаи КҶ ҶТ ҷамъ овардани шартҳои ҷавобгарии ҷиноятие, ки ба субъекти ҷиноят тааллуқ доранд, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба воситаи он, мақомоти татбиқи ҳуқуқ имконияти кӯшиши муқаррар намудани ҳамаи ин шартҳоро пайдо мекунанд. Пешбинӣ шудани шартҳои умумии ҷавобгарӣ аз принсипи қонуният дар қ. 1 м. 4 КҶ ҶТ чунин тавсиф шудааст: «Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноят будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд»[175].

Қонунгузории ҷиноятии ҶТ шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар кардааст. Ба шартҳое, ки қонунгузории амалкунандаи ҶТ муқаррар намудааст, ягон шарти дигарро илова кардан ва ё тағйир додан мумкин нест. Дар мадди аввал, бояд субъекти ин ҷиноятро вобаста ба нишонаҳои тавсифдиҳандаи умумии субъекти ҷиноят баррасӣ намоем. Дар асоси қонунгузории ҷиноятии ҶТ таҳти мафҳуми субъекти умумӣ, ки ҷиноятро содир намудааст, шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки мукаллаф буда, ба синну соли муайян (тибқи муқаррароти КҶ ҶТ) расида бошад (м. 22 КҶ ҶТ)[176]. Дар меъёри мазкур қонуни ҷиноятӣ се аломати ҳатмие, ки субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳанд, ҷудо намудааст:

---

ред. А.И. Рарога. – М., 2005. – С. 187; Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 56.

[175] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

[176] Ҳамон ҷо.




Ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахси воқеӣ кашида мешавад. Шахси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, хоҷагӣ ва ғ.) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

Масъалаи ҷавобгарии ҷиноятии шахсони ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ баҳснок боқӣ мондааст. Айни ҳол, дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз кишварҳои узви ИДМ чунин институт амал мекунад. Инро метавон дар мисоли Ҷумҳурии Қирғизистон шарҳ дод. Дар қ. 4 м. 26 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон (аз соли 2017) вобаста ба ҷалби шахсони ҳуқуқӣ ҷиҳати татбиқ намудани чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар миёни кишварҳои узви ИДМ дигаргуниҳо ба назар мерасад. Ҳарчанд дар м. 26 КҶ Ҷумҳурии Қирғизистон шахси ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят эътироф нагаштааст, аммо нисбат ба он чунин чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ба монанди ҷарима, маҳдуд кардани ҳуқуқ, барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ва мусодираи молу мулки шахсӣ татбиқ карда мешавад, ки дар ҳуқуқи умумӣ, ин чораҳо ҳамчун ҷазо барои шахсони ҳуқуқӣ баромад мекунанд[177].

Тавре ки қаблан зикр кардем, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахси воқеӣ ҷалб карда мешавад. Таҳти мафҳуми шахси воқеӣ инсони дар қайди ҳаёт буда дохил мешавад. Аз рӯйи муқаррароти умумии қонунгузорӣ қобилияти

---

[177] Ниг.: Раҳмонзода М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 107.

ҳуқуқдорӣ (аломати асосии субъекти ҳуқуқ) дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ (аз ҷумла, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ) ҳангоми ба дунё омадани тифл пайдо гардида ва дар вақти аз олам чашм пӯшидани ӯ қатъ мегардад. Аз ҳамин лиҳоз, мафҳуми шахси воқеӣ умумӣ буда, се категорияи одамонро дар назар дорад: шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд. Ин масъала дар қ. 1 м. 17 КМ ҶТ ба таври возеҳу равшан инъикос гардидааст[178]. Шахси воқеӣ дар доираи ҷинояти мазкур нишонаи аввал ба ҳисоб меравад. Субъекти ҷинояти дар хатар монондан ба монанди дигар субъектони ҷиноятҳо дилхоҳ шахс шуда метавонад. Дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ шахси ҳуқуқӣ, шахси мансабдор ва ё кормандони ҳифзи ҳуқуқ, ҳамчун субъекти иловагӣ пешбинӣ нагардидааст. Ин ҳолат бевосита аз муқаррароти м. 22 КҶ ҶТ бармеояд, ки тибқи он, танҳо шахси воқеӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Тибқи қонунгузории ҷиноятӣ на ҳамаи шахсони воқеӣ субъекти ҷиноят шуда метавонанд. Шахсе, ки қобилияти дарки тарафи воқеӣ ва моҳияти иҷтимоии кирдори содиршуда ва идора кардани ҳаракатҳои худро дорад, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Шахси воқеӣ танҳо дар ҳамон ҳолат дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор эътироф мешавад, ки агар ӯ ба ҷамъият ва талаботҳои биологӣ мутобиқат намояд ва ҳамзамон мукаллаф бошад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мукаллафӣ нишонаи дуюм ва унсури ҳатмии субъекти ҷиноят дониста мешавад. Мукаллаф гуфта, шахсеро дар назар доранд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят дорои ақли солим буда, оқибати хавфнокии кирдорашро дарк менамояд ва онро идора карда метавонад. Солимии руҳӣ ва ақлӣ онро мефаҳмонад, ки шахси ҷиноятсодиркарда дорои ягон бемории доимии руҳӣ набуда, парешонии муваққатии руҳӣ низ надорад, инчунин ақли расоро соҳиб аст. Агар дар кирдори содиршуда нишонаҳои зикршуда набошанд, яъне шахс аз ҷиҳати руҳӣ ва ақлонӣ носолим бошад, пас ҷавобгарии ҷиноятӣ имконнопазир мегардад.

[178] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/upload/iblock/056/rb56ur1gdfsl7x9yllr9yjipovtq3h2q.pdf (санаи муроҷиат: 06.07.2023).

Масъалаи мазкурро С.С. Шарипов дар доираи м. 174 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (Иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияиноболиғ) мавриди муҳокима қарор дода, қайд намудааст, ки мукаллафӣ маънои қобилияти шахс ҷиҳати дарки хусусияти воқеии амалҳои худ ва идора кардани онҳоро дорад[179]. Қобилияти дарк кардани амалҳои худ ва идора кардани онҳо дар шахси аз ҷиҳати руҳӣ солим, на аз лаҳзаи таваллуд, балки баъди расидан ба синну соли муайян, ки ҳадди беҳтарини (муносиби) он – 16 солагӣ мебошад, пайдо мешавад. Шахсе, ки дорои чунин қобилият мебошад, мукаллаф ба ҳисоб меравад. Чун қоида, мушкилии тарафи объективии ҷиноят дар он ифода мегардад, ки аз гунаҳкор дониш, маҳорат ва малакаи зеҳнии муайян ва матинироdагиро тақозо мекунад. Ин маънои онро дорад, ки шахси номукаллаф уҳдадории ба зиммааш гузошташударо бинобар сабаби вуҷуд надоштан ё кам будани сифатҳои дар боло зикршуда амалан иҷро карда наметавонад. Шахси номукаллаф бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё ҳолати дигари бемории руҳӣ наметавонад, ки хусусияти кирдорҳои содирнамудаи худро дуруст дарк кунад ё онҳоро идора намояд. Қонунгузории ҷиноятии муосир шахсони номукаллафро ба сифати субъекти ҷиноят эътироф наменамояд, чунки чунин шахсон ҳангоми содирнамоии кирдори барои ҷамъият хавфнок қобилияти бошуурона ва иродавӣ амал карданро надоранд. Ҳамин тавр, чунин шахсон наметавонанд ҳамчун иштирокчии муносибатҳои муайян дида баромада шаванд, пас субъекти ҷиноят эътироф нагардида, ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд[180].

Дар м. 24 КҶ ҶТ мафҳуми «номукаллафӣ» пешбинӣ шудааст. Моддаи мазкур чунин муқаррар кардааст: «Шахсе, ки ҳангоми содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок дар ҳолати номукаллафӣ буд, яъне бар асари бемории руҳии доимӣ, парешонҳолии муваққатии руҳӣ, заъфи ақл ва ё

[179] Ниг.: Довголюк Н.В. Уголовно-правовая и криминологическая характеристика неисполнения обязанностей по воспитанию несовершеннолетнего: дис. … канд. юрид. наук. – Ставрополь, 2009. – С. 91.
[180] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 58.

ҳолати дигари бемории руҳӣ хусусияти воқеӣ ва хавфнокии ҷамъиятии ҳаракат ё беҳаракатии худро дарк ё идора карда наметавонад, номукаллаф эътироф гардида, ҳамзамон, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад»[181]. Агар шахси номукаллаф ҷиноят содир намояд, дар доираи қонунҳои амалкунанда нисбати он чораҳои дорои хусусияти маҷбурии тиббӣ таъйин менамоянд.

Аз низоми қонунгузории ҷиноятӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқон маълум мегардад, ки шахси номукаллаф ба ҳайси субъекти ҷиноят баромад карда наметавонад. Мукалафӣ шарти муҳимми эътирофи субъекти ҷиноят мебошад. Донишмандони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мукаллафиро тавассути ду меъёр ҳуқуқӣ ва тиббӣ тавсиф кардаанд, ки дар навбати худ онҳо низ дорои унсурҳо мебошанд. Унсурҳои меъёрии ҳуқуқи мукаллафӣ зеҳнӣ ва иродавӣ мебошанд. Унсури зеҳнӣ қобилияти кирдори худро дарк кардани субъекти ҷиноятро тавсиф медиҳад. Унсури иродавӣ қобилияти идора кардани кирдори худро мефаҳмонад[182].

Меъёри тиббии мукаллафӣ дараҷаи солимии руҳӣ дониста шуда, ба субъект имкон медиҳад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят бошуурона ва боирода амал намояд[183].

Мукаллафиро вобаста ба дараҷаи дарк намудану идора кардан, пурра ё маҳдуд шуморидаанд. Вобаста ба мафҳуми мукаллафии маҳдуд дар м. 25 КҶ ҶТ оварда шудааст, ки «шахси мукаллафе, ки дар вақти содир намудани ҷиноят бар асари парешонҳолии руҳӣ наметавонист комилан хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк намояд ё онро идора намояд, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки мукаллафиро истисно намекунад»[184].

---

[181] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).
[182] Ниг.: Власов Ю.А. Уголовная ответственность за оставление в опасности: дис. … канд. юрид. наук. – Омск, 2004. – С. 104.
[183] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н., Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). Курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2011. – С. 93.
[184] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.12.2021).

Вобаста ба масъалаи мазкур донишмандони тоҷик, аз ҷумла Т.Ш. Шарипов, З.А. Камолов, М. Раҳмонзода, Ш. Холиқзода ақида доранд, ки мафҳуми қонунгузории мукаллафии маҳдуд дорои ду меъёр мебошад: ҳуқуқӣ ва тиббӣ.

Ба назари онҳо, меъёри ҳуқуқӣ дараҷаи парешонҳолии шуур ва иродаи субъектро дар вақти содирнамоии ҷиноят тавсиф менамояд. Аломати зеҳнӣ дар қонун ҳамчун надоштани қобилияти комили хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро дарк карда тавонистан; аломати иродавӣ ҳамчун надоштани қобилияти пурра идора намудани он, яъне кирдори худ ифода гардидааст[185].

Меъёри тиббии мукаллафии маҳдуд бо ибораи «парешонҳолии дардмандонаи руҳӣ» дарҷ гаштааст. Ба парешонҳолие, ки мукаллафиро истисно намекунад, мутахассисон парешонҳолии руҳиву асаб, пеш аз ҳама шаклҳои гуногуни ҷунунӣ (ихтилоли равонӣ), ҳолатҳои ба девонагӣ монанд ва дараҷаҳои нисбатан пасти камақлӣ, инчунин дигар ҳолатҳои нодурустии инкишофи руҳиро дохил менамоянд[186].

Вобаста ба мафҳуми номукаллафӣ 4 унсури тиббиро бояд шарҳу тавзеҳ дод, ки ин барои муайяну натиҷагирӣ кардани субъекти ҷиноят муҳим мебошад:




[185] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2011. – С. 95.
[186] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Азимов Н.Б., Камолов З.А., Насриддинов М.Н., Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ) Курси мухтасари лексияҳо. – Душанбе, 2011. – С. 95.

а) бемориҳои доимии руҳӣ – бемориҳое мебошанд, ки табобатшаванда ё табобаташон мушкил аст, ба монанди эпилепсия, шизофрения, сифлиси майна, фалаҷи прогресивӣ ва ғ. Бемориҳои зикргардида муддати дароз давом ёбанд ҳам, вале дар баъзе ҳолатҳо (масалан, ҳангоми шизофрения) бемор мумкин аст, бо гузашти вақт шифо ёбад. Агар чунин шифоёбии муваққатӣ ба вақти содиршавии ҷиноят рост ояд, пас шахс ҳамчун мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

б) парешонҳолии муваққатии руҳӣ – бемории руҳиест, ки кӯтоҳмуддат ё гузаранда (худ аз худ соқитшаванда) мебошад, ба монанди бехудӣ (аффект) - и патологӣ, мастии патологӣ ва ғ.

в) заъфи ақл ё кӯтоҳақлӣ – вазъи носолими зеҳнии шахс буда, аз норасоии руҳия (психикаи) – и инсон шаҳодат медиҳад. Аз ҷиҳати зеҳнӣ рушд накардани одам ба қафомонии ақлӣ оварда мерасонад. Кӯтоҳақлӣ вобаста ба сатҳи қафомонии ақлӣ нишонаи номукаллафӣ мегардад. Масалан, яке аз шаклҳои кӯтоҳақлӣ – олигофренияи (камтавоноии зеҳнӣ) - модарзодӣ мебошад, ки он дорои якчанд сатҳ аст, дебилиятнокӣ (мураввани), имбесиалнокӣ, идиотия. Чунин кӯтоҳақлӣ дар сатҳи имбесиалнокӣ, доимо нишонаи номукаллафӣ буда, камақлии дебилятнокӣ дар шакли сабук на ҳама вақт ифодаи номукаллафӣ аст. Кӯтоҳақлии пиронсолӣ дар натиҷаи осеби инфексионии майнаи сар рух дода, аз ҷумлаи ифодаи номукаллафӣ мебошад.

г) дигар ҳолати бемории руҳӣ – шакли парешонҳолии руҳист, ки доимӣ ё муваққатӣ мешавад. Масалан, ҳазён (ба забони русӣ бред) ва таваҳҳум (галютсинятсия), ки чунин бемории руҳӣ дар натиҷаи бемории вазнини инфексионӣ пайдо мешавад, ҳамчунин, баъзе шаклҳои девонагӣ (психопатия) ва ғ.[187].

Барои муайян ва тасдиқ намудани номукаллафӣ мавҷуд будани ҳамаи унсурҳои зикргардидаи тиббӣ дар якҷоягӣ шарт ва зарур нест. Ҳадди ақал вуҷуд доштани яке аз ин бемориҳо асоси эътирофи номукаллафӣ мешавад.

[187] Ниг.: Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 58.

Шахсе, ки дорои нишонаҳои бемориҳои дар боло ишорашуда ё яке аз онҳоро дошта бошад, ба ҳайси субъекти ҷиноят, махсусан ҷинояти дар хатар монондан баромад карда наметавонад. Зеро чунин ашхос бо кирдори зиддиҷамъиятӣ метавонанд ҳаёт ва саломатии дигаронро зери хатар гузоранд. Масалан, шахси номукаллаф қобилияти дарки дар хатар монондони ҳаёт ва саломатии инсонро надорад.

Бояд гуфт, ки ҷавобгарии ҷиноятии шахсоне, ки дар ҳолати мастӣ ҷиноят содир намудаанд, бо хусусиятҳои мукаллафӣ робитаи зич дорад, зеро мастӣ мумкин аст оддӣ ва патологӣ бошад. Бо дарназардошти диспозитсияи м. 26 КҶ ҶТ «шахсе, ки дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи алкоголӣ, воситаҳои наъаовар, моддаҳои психотропӣ ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда ҷиноят содир кардааст, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад»[188].

Зери мафҳуми мастӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҶТ ду навъ: оддӣ ва физиологиро дар назар дорад, ки он мукаллафии субъекти ҷиноятро истисно намекунад, чунки дар дилхоҳ ҳолати мастии оддӣ ҳаракатҳои ба ҷамъият хавфноки кирдори худро ҳангоми содир намудани ҷиноят дарк карда, нигоҳ дошта метавонад.

Мастии патологӣ дар фарқият аз мастии физиологӣ, муваққатан парешонҳолии руҳиро ифода намуда, ҳангоми содир намудани ҷиноят, шахс комилан имконияти дарк ё идора кардани кирдори худро аз даст медиҳад. Шахсе, ки дар чунин ҳолат ҷиноят содир намудааст, номукаллаф эътироф гашта, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҳамин тавр, барои содир намудани ҷинояти дар хатар монондан ва дигар ҷиноятҳо шахси воқеӣ ва мукаллаф ҳамон вақт ба ҷавобгарӣ ҷалб карда мешавад, ки агар ба синну соли муайян расида бошад. Ҷиноят ҳодисаи воқеии ҳуқуқие мебошад, ки дар натиҷаи содиршавии он давлат шахси мукаллаф ва гунаҳкорро таҳти таъсиррасонии маҷбурӣ қарор медиҳад.

---

[188] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 27.11.2021).

Дигар нишонаи субъекти ҷиноят расидан ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад. Муайян намудани синну соли шахсе, ки ҷиноят содир кардааст, яке аз аломатҳои асосии субъекти ҷиноят аст. Ин талабот, аз қоидаҳои умумии субъекти ҳуқуқ бармеояд, чунки шахс ҳамон вақт субъекти ҳуқуқ эътироф мешавад, ки агар дар баробари қобилияти ҳуқуқдорӣ қобилияти амалкунӣ дошта бошад. Қобилияти амалкунӣ аз синну соли шахс низ вобастагӣ дорад. Синну соли ба ҷавобгарии ҷинятӣ кашидани шахс дар м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст[189].

Дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ синну соли субъекти ҷиноят муқаррар нашудааст. Аз рӯйи муқаррароти қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ субъекти ҷинояти дар хатар монондан ба синни 16-сола расида мебошад. Қонунгузор ҳадди ақали синну соли субъекти ҷиноятро ба таври қатъӣ ба расмият даровардааст, вале барои дақиқ кардани лаҳзаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан вобаста ба синну сол, муайян намудани саҳеҳии рӯз, моҳ ва соли таваллуд нақши муҳим мебозад.

Дар амалияи судӣ сол, моҳ ва рӯзи таваллуди шахси ҷинояткор дақиқ муайян карда мешавад. Агар синну соли ҷинояткор ба меъёри муқарраркардаи қонун рост наояд, дар ин сурат, тибқи м. 209 КМҶ ҶТ дақиқ кардани синну соли ноболиғ ба гуруҳи ҳолатҳое дохил мешаванд, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карда шуданашон ҳатмӣ аст[190]. Тавассути экспертизаи судӣ-тиббӣ аниқ намудани синну соли судшаванда рӯзи таваллуд, рӯзи охирини ҳамон соле, ки аз тарафи экспертҳо номбар шудааст, ҳисобида мешавад ва дар вақти муайян намудани синну сол бо адади камтарин ва баландтарин ба суд лозим аст, ки синни камтарини пешниҳодкардаи экспертҳоро ба назар гирад[191].

---

[189] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 20.10.2021).

[190] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми умумӣ ва пешбурди то судӣ) / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Кудратов Н.А. – Душанбе, 2013. – С. 259.

[191] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оиди ҷиноятҳои ноболиғон» аз 12 декабри соли 2002 // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С. 13-20.

Дар ин замина, бояд муайян кард, ки агарноболиғ дар рӯзи таваллудаш (чордаҳ ё шонздаҳсолагӣ) кирдори ба ҷамъият хавфноки аз рӯйи қонун пешбинишударо содир кунад, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад. Зеро дар ин ҳолат субъекти ҷиноят ба ҳисоб намеравад. Умуман, синну сол дар асоси ҳуҷҷатҳои маълум (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ғ.) муайян карда мешавад. Вале дар баъзе мавридҳо зарурияти боз ҳам аниқ кардани синни шахс ба миён меояд.

Бояд гуфт, ки мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ (аз 12 декабри соли 2002, таҳти №6) «Дар бораи таҷрибаи судии баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон»[192], аниқ муайян кардани синну соли ноболиғ ба гуруҳи ҳолатҳое дохил мешавад, ки доир ба парвандаҳои ноболиғон муайян карда шуданашон ҳатмист. Ҳангоми муайян намудани синну соли ноболиғ, бояд дар назар дошт, ки шахс ба синну соле, ки қонун муқаррар намудааст, на аз рӯзи таваллудаш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар, яъне шахс ба синни муайян расида аз соати 24:00 баъди рӯзи таввалуд ҳисоб мешавад[193].

Дар ин замина, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба м. 127 КҶ ҶТ танҳо шахсеро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудан мумкин аст, ки синни ӯ ба 16-солагӣ расидааст. Талаботи зикршуда ба субъекти умумии ҷиноят тааллуқ дорад ва ба ин назар, аксари олимони ватанӣ ҳамовозӣ доранд[194].

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 16 - солагӣ муқаррар карда шудааст. Мақомоти қонунгузор ва шахсони мансабдоре, ки меъёрҳои КҶ-ро татбиқ мекунанд, бояд ду ҳолатро муайян созанд:

1) вақти содиршавии ҷиноят;

2) вақти расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ.

Мутобиқи қ. 1 м. 23 КҶ ҶТ шахс дар он ҳолате ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят ба синни 16-солагӣ

---

192 Ҳамон ҷо. – С. 13-20.

193 Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. – Душанбе: Зинат, 2011. – С. 115.

194 Ниг.: Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Қудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2015. – С. 54.

расида бошад. Зери мафҳуми ҷинояти содиршуда, ҷинояти ба итмомрасида ва ҷинояти нотамом, яъне тайёрӣ ба ҷиноят ва сӯиқасди ҷиноят фаҳмида мешавад. Қонунгузории ҷиноятии ҶТ мафҳуми «вақти содиршавии ҷиноятро» аниқ менамояд. Мутобиқи қ. 2 м. 12 КҶ ҶТ «вақти содир намудани ҷиноят, вақти содир шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, сарфи назар аз вақти фаро расидани оқибатҳои он, эътироф карда мешавад»[195].

Тавре ки ишора гардид, муайян намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14 ва 16 - солагӣ ба он вобаста аст, ки ноболиғи ба синну соли бо қонунгузорӣ муайяншуда расидааст, қобилияти дарк намудани хусусияти хавфнокии кирдори худро дорад ва онро идора карда метавонад. Лекин ҳолатҳое, низ ҷой доранд, ки шахс ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расида бошад ҳам, аммо бо баъзе сабабҳо ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб наменамоянд. Чунин сабабҳо дар қ. 4 м. 23 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, яъне: 1) агар ноболиғ дар инкишофи руҳӣ ақиб монда бошад; 2) ин ақибмонӣ бо парешонҳолии руҳӣ алоқаманд набошад; 3) бино бар чунин ақибмонӣ, ӯ ба таври комил хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро фаҳмида ё онҳоро идора карда наметавонад. Дар чунин маврид, бо мақсади муайян кардани ҷой доштан ва ё надоштани ақибмонӣ дар инкишофи руҳӣ, экспертизаи комплексии руҳӣ-психиатрии судӣ таъйин карда мешавад. Масалан, агар шахс дар синни 15-солагӣ кирдореро содир намояд, ки ба ҷамъият хавфнок бошаду дар он аломатҳои ҷинояти дуздӣ мавҷуд бошад, аммо экспертизаи судӣ-психиатрӣ муайян кунад, ки ҳангоми инкишофи руҳии ӯ ақибмонии ҷиддӣ ба назар мерасад ва он, натиҷаи гирифтани ҷароҳати майнаи сар ҳангоми таввалуд, асфиксия ва норасо таввалуд шудааст ва ҳангоми ташхис маълум гардад, ки аз рӯйи дараҷаи умумии инкишофи руҳӣ, вай ба синну соли дар шиноснома нишондодашуда (яъне, ба 15-солагӣ) мувофиқ нест ва аз сабаби камтаҷрибагии шахсиву норасогии зеҳнӣ, нокифоягии қобилияти охирбинии ӯ ҳангоми содир

---

[195] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 20.10.2021).

намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок оқибати кирдорашро комилан дарк ва идора карда наметавонист, он гоҳ ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад.

Ҷиноятҳое, ки онҳоро шахсони аз 14 то 18-сола содир мекунанд, ҷиноятҳои аз ҷониби ноболиғон содиршуда ҳисобида мешаванд. Мутобиқи қ. 1 м. 86 КҶ ҶТ «шахсоне ноболиғ эътироф мегарданд, ки дар вақти содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур кардаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд». Ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон аз калонсолон тафовут дошта, хусусиятҳои хос дорад, ки аз принсипи адолат бармеояд.

Дар амалияи тафтишотӣ-судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки калонсолон ноболиғонро барои содир намудани ҷинояти дар хатар монондан ҷалб мекунанд. Агар ҷинояткори калонсол барои содир кардани ҷиноят ноболиғи ба синну соли мувофиқи м. 127 КҶ ҶТ (аз 16 сола поён) нарасидаро ҷалб карда бошад, дар ин сурат, калонсол бевосита ҳамчун иҷрокунандаи бевоситаи ҷиноят ҳисоб ёфта, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Дар як қатор ҳолатҳо, қонунгузор ба субъект аломатҳои махсус илова мекунад ва онҳоро ба сифати аломати асосии таркиби ҷиноят ё ба сифати намуди бандубасткунандаи (квалификатсионии) он мустаҳкам менамояд. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин шахсонро субъекти махсуси ҷиноят ном мебаранд. Субъекти махсуси ҷиноят – ин шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд. Дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ аломатҳои иловагӣ дар шакли мусбӣ (позитивӣ) (хизматчии ҳарбӣ, шахси мансабдор) ё дар шакли манфӣ (шахсе, ки маълумоти олии тиббии риштаи дахлдор надорад) муайян шудааст. Вобаста ба хусусияти мазмун аломати иловагӣ мумкин аст мушаххас (модари кӯдаки навзод) ё умумӣ (шахсе, ки вазифадор аст мутобиқи қонун ё қоидаҳои махсус ёрӣ расонад) ифода гашта бошад[196].

[196] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 59-60.

Дар аксарияти меъёрҳо аломати иловагӣ бевосита дар меъёрҳои дигар – бавосита нишон дода шудааст. Масалан, дар ҳолати содир намудани ҷиноят аз ҷониби падар ё модар субъекти махсус шахсе баромад менамояд, ки бо ҷабрдида риштаи хунӣ дорад. Дар ҳолати охирон, яъне ҳангоми бавосита ифода ёфтан, аломатҳои субъекти махсус бо роҳи маънидоднамоии меъёрҳои ҷиноятии ҳуқуқӣ муайян мешаванд. Ҳамин тавр, В.В. Устименко дуруст иброз менамояд, ки ба сифати субъекти махсуси ҷиноят шахсе баромад менамояд, ки ба ғайр аз аломатҳои ҳатмии субъект, бояд боз дорои аломатҳои иловагии махсусе бошад, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дигарро барои содир кардани ҷинояти муайян маҳдуд намояд[197].

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои мухталиф оид ба субъекти ҷинояти дар хатар монондан ҷой дорад. Як гуруҳи олимон бар он ақидаанд, ки субъекти ҷинояти дар хатар монондан ҳам умумӣ ва ҳам махсус буда метавонанд. Гуруҳи дигар, тарафдори онанд, ки субъекти ин ҷиноят танҳо махсус шуда метавонад[198]. Субъекти махсус шахсе дониста мешавад, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ (синну сол ва мукаллафӣ) дорои аломатҳои махсуси иловагӣ мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқон дар баробари субъекти махсус, дар таркиби чинояти дар хатар монондан субъекти умумиро мадди назар менамоянд. Зеро дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ субъекти ҷиноят ба таври мушаххас (субъекти махсус) муқаррар нашудааст. Вале мантиқан муайян кардан мумкин аст, ки агар шахсе ба ҷабрдида ёрӣ нарасонад, дар ҳоле вай барои расонидани ёрӣ уҳдадор буд, аммо аз чунин уҳдадорӣ даст кашад, субъекти ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ дониста мешавад. Дар чунин сурат, субъекти ҷинояти дар хатар монондан, ҳамчун субъекти махсус эътироф мегардад.

---

[197] Ниг.: Шарипов С.С. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани уҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2020. – С. 60; Устименко В.В. Специальный субъект преступления. – Харьков, 1989. – С. 8.

[198] Ниг.: Уголовное право. Особенная часть: Учебник / Под ред. Б.В. Здравомыслова. – М., 1995. – С. 302; Наумов А.В. Практика применения Уголовного кодекса Российской Федерации: комментарий судебной практики и доктринальное толкование. – М.: Волтерс Клувер, 2005. – С. 101.

Бояд гуфт, ки дар диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ низ сухан дар бораи субъекти махсуси ин ҷиноят меравад. Яке аз кирдорҳое, ки тарафи объективии м. 127 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳад, беҳаракатона, яъне нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки ба ёрӣ муҳтоҷ аст, мебошад. Дар чунин маврид, шахс на ҳамчун субъекти махсус, балки ҳамчун як фард, ки ҷиноятро содир намудааст, яъне субъекти умумӣ баромад мекунад.

Дар таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ кирдори дар хатар монондан бештар дар садамаҳои роҳу нақлиёт ба назар мерасад. Аксари субъектони ҷиноят пас аз ба вуқуъ пайвастани фалокат ҷабрдидаро дар ҳолати барои ҳаёташ хатарнок гузошта, ҷойи ҳодисаро тарк менамоянд. Ин масъала дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ (аз 18.12.2009 сол, таҳти №28) пешбинӣ гардидааст. Санади мазкур мафҳуми «дидаю диниста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатияш хавфнок қарор дорад», чунин тавсиф намудааст: «таҳти мафҳуми дидаю дониста нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қарор дорад, бояд он ҳолатҳое фаҳмида шаванд, ки ронандаи воситаи нақлиёт хавфи барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдидаро, ки имконияти мустақилона ба ёрии тиббӣ муроҷиат карданро аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё ин ки ҳолати оҷизонаи худ надорад, дарк намудааст (масалан, дар ҳолатҳое, ки агар ронанда аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст, ёрии таъҷилии тиббиро даъват накардааст, ҷабрдидаро ба муассисаи тиббии наздиктарин оварда нарасонидааст ва ғ.)»[199].

Тибқи диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ ва санади мазкур дар хатар монондан дорои унсурҳои зерин аст:

1. Ҷабрдида бояд дар вазъияти барои ҳаёт ва ё саломатияш хавфнок қарор дошта бошад;

2. Ҷабрдида бояд имконияти худмуҳофизаткуниро надошта бошад.

---

[199] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 18-уми декабри соли 2009 сол, таҳти №28 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://sud.tj/sanadho/karorhoi-plenumi-sudi-oli/?PAGEN_1=3 (санаи муроҷиат:12.11.2021).

Унсурҳои мазкур гувоҳи он аст, ки дар ҳолати ҷой доштани хатар ба ҳаёт ва саломатияш ҷабрдида имконияти мустақилона бо истифодаи қувва, маҳорат ва дониши худ хавфи ҷойдоштаро рафъ карда наметавонад[200].

Аз таҳлилу баррасии масъала бармеояд, ки аксари муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ба сифати субъекти ҷинояти дар хатар мононда шахсе баромад карда метавонад, ки барои расонидани ёрӣ уҳдадор буд, аммо, аз иҷрои онҳо саркашӣ кард. Чунин масъалагузорӣ номгӯи шахсонеро, ки бо ҷинояти дар хатар монондан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд зиёд мекунад. Бояд аломатҳои субъекти ҷинояти дар хатар мононданро вобаста ба он ки шахс аз кадом уҳдадориҳояш саркашӣ менамояд, муайян намуд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар таркиби ҷинояти дар хатар монондан ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати он на танҳо шахси воқеӣ, балки шахсони мукаллафи синну солашон ба муқаррароти қонунгузории ҷиноятии ҶТ расида бошанд (аз 16–сола боло), баромад мекунанд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирад, тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан мебошад. Тарафи субъективӣ гуфта, фаъолияти равонӣ (психикӣ) – шахсро дар назар доранд, ки бевосита бо содиршавии ҷиноят алоқаманд мебошад. Вай дар худ муносибати равонии шахсро фаро гирифта, нисбат ба кирдори ба ҷамъият хавфноки содирнамудааш, ба сифати гуноҳ, маром, ангеза ва ҳиссиёт зоҳир мешавад. Яъне тарафи субъективии ҷиноят мазмуни равонии ба ҷамъият хавфнокии кирдорро дорад, аз ин рӯ, он унсури дохилии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, қонунгузории ҷиноятии ҶТ тарафи субъективии ҷиноятро ҳамаи муносибатҳои равонии шахс нисбати зуҳуроти ҷиноятӣ тавсиф кардааст. Тарафи субъективии ҷиноят чун дар равони (психикаи) шахси ҷинояткор ҷараён меёбад, аз ин рӯ, узвҳои ҳискунандаи одамон бевосита қобилияти дарк намудани онро надоранд. Танҳо онро тавассути таҳлилу

[200] Ниг.: Нарзуллозода С.С. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт: дис. ... номз. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2021. – С. 142.

баҳодиҳии рафтори шахс ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят муайян кардан мумкин аст. Мазмуни тарафи субъективии ҷиноятро бо ёрии аломатҳои ҳуқуқӣ, ба монанди гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳиссиёт ошкор менамоянд. Аломатҳои ҳуқуқии мазкур аз ҷиҳати органикӣ миёни ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд[201].

Дар баробари ин, гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳиссиёт зуҳуроти мустақили равонӣ буда, онҳо наметавонанд якдигарро ба сифати қисми таркибӣ ба худ дохил кунанд. Аҳаммияти ҳуқуқии ҳар яке аз ин нишонаҳо низ гуногунанд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми тарафи субъективиро чунин шарҳ додаанд: тарафи субъективӣ (зеҳнӣ) – дар гуноҳ (чун ҳолати руҳии инсон) ифода меёбад; гуноҳ ду шакл дорад: қасдан ва беэҳтиётӣ, ҳуқуқвайронкунӣ қасдона содир мешавад, агар вайронкунандаи ҳуқуқ зиддиҳуқуқӣ будани кирдораш ва оқибатҳои вазнини имконпазири онро пешбинӣ намуда, онҳоро мехоҳад (қасди бевосита) ё бошуурона ба онҳо имкон медиҳад (қасди бавосита); ҳуқуқвайронкунӣ мумкин аст аз беэҳтиётӣ содир шавад, агар вайронкунандаи ҳуқуқ зиддиҳуқуқӣ будани кирдорашро дарк намуда, оқибатҳои онро пешбинӣ намояд, вале хунукназарона ба пешгирии онҳо бовар кунад (худбоваркунӣ) ё ин ки ба зиддиҳуқуқӣ будани кирдораш ҳисобот надода, оқибатҳои онро пешбинӣ накунад, вале метавонист ва мебоист онро пешбинӣ намояд (саҳв)[202].

Тавре маълум гардид, ҳангоми муайян намудани шакли гуноҳ назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ду намуди гуноҳро пешбинӣ мекунад. Аммо, бояд тазаккур дод, ки дар мавриди муайян намудани шакли гуноҳ ҳангоми содиршавии ҷинояти дар хатар мonондан андешаи ягона ва мустаҳкам вуҷуд надорад. Баъзе аз мутафаккирони илми ҳуқуқи ҷиноятӣ шакли гуноҳи ин ҷиноятро қасдона мешуморанд, гуруҳи дигар аз беэҳтиётӣ содиршуда меҳисобанд[203].

---

[201] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – С. 122.
[202] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ): китоби дарсӣ / Зери таҳрири Ғаффорова Н.А., Салимов Ҳ.С. – Душанбе: «Ирфон», 2011. – С. 122.
[203] Ниг.: Советское уголовное право (Часть Особенная): Учебник / Под ред. М.И. Ковалева. – М., 1983. – С. 159.

Гуноҳ ҳамчун шакли муайяни муносибати руҳии шахс нисбат ба ҷинояти содиркардааш маҳаки асосии тарафи субъективии ҷиноятро ташкил медиҳад. Гуноҳ аломати ҳатмии ҳама гуна ҷиноят мебошад. Аммо, вай ба он савол ҷавоб дода наметавонад, ки гунаҳкор чаро ва бо кадом сабаб ҷиноят содир кард. Ба ин суолҳо ангеза, азм ва мақсад, ки дар фарқият аз гуноҳ аломатҳои факултативии (иловагӣ, ғайриҳатмӣ) тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад, ҷавоб медиҳад.

Муайян намудани аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят, на танҳо барои бандубасти ҷиноят, балки барои тафриқагузории кирдори гунаҳкорона аз бегуноҳона аҳаммияти хосса дорад. Мафҳуми «муносибати руҳӣ» истилоҳи ҳуқуқӣ нест, он аз илми равоншиносӣ иқтибос шуда, хусусияти илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар инъикоси ин мафҳум ба ҷиноят зоҳир мегардад, яъне муносибати руҳӣ алоқаи байни субъект ва объекти кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад.

Дар баробари ин, гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳаяҷон ҳамчун аломатҳои умумӣ ва иловагии тарафи субъективии ҷиноят[204] – зуҳуроти мустақили равонӣ буда, ягонтои онҳо наметавонанд дигарашро ба сифати қисми таркибӣ ба худ дохил кунанд. Бино бар ин, таҳлили тарафи субъективии ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ вобаста ба ҳар як аломатҳои алоҳидаи он ба мақсади кор аст.

Ҳар як фаҳмиш моҳияти равонии ҷиноятро аз ҷанбаҳои гуногун тасниф менамояд. Гуноҳ дар муносибати равонии гунаҳкор ба кирдори хатарноки содиршаванда ва ё содирнамудааш инъикос меёбад (ҳаракат ва беҳаракатӣ), ки оқибаташ ба ҷамъият хавфнок мебошад. Вай метавонад қасдона ё аз беэҳтиётӣ содир шавад. Мақсади ҷиноят тасаввур намудани натиҷаи дилхоҳ, ки шахс барои расидан ба он кӯшиш менамояд.

Сифатҳои болозикр асосҳои субъективии ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил диҳанд ҳам, ҳамчун ҷавҳари ҳатмии объективии ҳаракат ва беҳаракатӣ ба

[204] Ниг.: Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқшиносӣ, професор Р.Ҳ. Раҳимзода ва доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор И. Бобоҷонзода. – Душанбе: Зинат, 2016. – С. 205.

ҳисоб мераванд. Ба эътибор нагирифтани аломатҳои ҷанбаи субъективӣ метавонад ба андешаи объективӣ оварда расонад, ки баъзан вақт боиси шахси бегуноҳро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мешавад. Ягон навъи расонидани зарар ҷиноят ҳисобида намешавад, агар гуноҳи шахси ҷиноятсодирнамуда вуҷуд надошта бошад. Зеро, принсипи гунаҳкорӣ яке аз принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Гуноҳ қисмат (компонент) - асосии тарафи субъективӣ ба ҳисоб рафта, он роҷеъ ба кирдори барои ҷамъият хавфнок ва ба оқибатҳои зарарнок, муносибати руҳии шахси ҷиноятсодиркунанда буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ ифода меёбад.

Принсипи гунаҳкорӣ танҳо барои кирдори гунаҳкорона содиршуда ҳамеша хосси ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад. Вале ҳамчун принсип аввалин маротиба дар м. 7 КҶ ҶТ соли 1998 инъикос шудааст. Дар ин модда гуфта мешавад: «Шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он тасдиқ шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад»[205].

Тарафи субъективии ҷинояти таҳқиқшаванда яке масалаҳои сербаҳстарин ба ҳисоб меравад, ки аксарияти муҳаққиқон ба як хулоса наомадаанд.

Қонунгузор дар диспозитсия м. 127 КҶ ҶТ аз муайян намудани шакли гуноҳ даст кашидаст. Дар дастурҳои Суди олии ҶТ доир ба ин масъала тафсири мушахас мавҷуд нест. Дар аксарияти маводи таълимӣ доир ба ҳуқуқи ҷиноятӣ тарафи субъективии дар хатар монондан, қасдан нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки ба ёрӣ муҳтоҷ аст, тафсир карда мешавад.

Воқеан, таркиби ин ҷиноят аз рӯйи КҶ ҶТ расмӣ буда, тасдиқ кардан мумкин аст, ки тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан бевосита дар шакли қасдона сурат мегирад.

---

[205] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 20.10.2022).

Ҷинояти дар хатар монондан метавонад аз беэҳтиётӣ низ содир гардад. Аммо, И.Я. Фойниский менависад, ки ҷинояти дар хатар монондан ҳамеша қасдан содир мегардад[206]. Баъзе аз олимон чунин ақида доранд, ки агар кирдори мазкур аз беэҳтиётӣ содир шуда бошад, он гоҳ ҷавобгарии ҷиноятиро ба бор намеорад. Ба андешаи онҳо, ҷинояти мазкур ҳамеша қасдан содир мешавад[207], яъне шахсе, ки қасдан, дидаю дониста ба ҷабрдида ёрӣ намерасонад.

Моҳияти ин ҳолат, бешубҳа, дар мутлақият ва аслияти дониши айбдоршаванда доир ба ҳолати веқеии кор дида мешавад. Дар ҳақиқат, дидаю дониста дар хатар монондани ҷабрдида ҳамчун унсури тарафи ақлонӣ, бевосита қасдона дониста мешавад, ки ин зинаи баландтарини дарки хатари ҷамъиятии беҳаракатии ҷинояткор мебошад.

Ҳамин таврик, шахсе, ки дидаю дониста ба ҷабрдида ёрӣ намерасонад, бояд донад: а) ҷабрдида дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатиаш хатарнок қарор дорад; б) ҷабрдида имконияти худмуҳофизатӣ баҳри нигоҳ доштани саломатӣ ва таъмини бехатарии худро надорад; в) айбдоршаванда уҳдадор буд, ки ба ҷабрдида ёрӣ расонад, аммо, ҷабрдидаро дар ҳолати барои ҳаёт ва саломатиаш хатарнок мондааст; г) айбдоршаванда имкони ёрӣ расонидан ба ҷабрдидаро дошт, аммо аз он даст кашид.

Аз нигоҳи мо, ҳангоми таснифи тарафи субъективии ҷиноят, бояд танҳо ба шарҳи муносибати шахс ба далели дар хатар монондан маҳдуд нашавем. Барои фаҳмидани аломатҳои таркиби ҷиноят, ки дар м. 127 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, таснифи дурусти кирдори содирнамуда ва ҷудо намудани он аз куштор, пеш аз ҳама, ба эътибор гирифтани ҳолати равонӣ ва муносибати субъект ба натиҷаи имконпазир, ки метавонад дар натиҷаи дар хатар монондан ба вуҷуд биёянд, баръало намудор мегардад. Натиҷаи дар хатар монондан оқибатҳои гуногунро ба бор меорад: аз ягон натиҷаи манфӣ то оқибати вазнин ё марги ҷабрдида.

---

[206] Ниг.: Фойницкий И.Я. Курс уголовного права. Часть особенная. Посягательства личные и имущественные. – СПб., 1916. – С. 12.
[207] Ниг.: Кузнецов А.В. Уголовное право и личность. – М., 1977. – С. 166.

Дар бештари таҳқиқотҳо доир ба ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи таъсири муносибати равонӣ ба ҳолатҳои болозикр ҳамаҷониба матраҳ нагардидаанд. Танҳо гуруҳе аз муҳаққиқон доир ба ин масъала баъзе таъкидҳо намудаанд. Масалан, Ю.А. Власов қайд менамояд, ки ҳангоми барқасдона дар хатар монондан танҳо бевосита вуҷуд доштани далел кифоя аст ва таҳлили натиҷаи фаъолияти субъект зарур нест[208]. Дар ҳолати ба амал омадани оқибатҳои зарарнок барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида иродаи айбдоршаванда ба таври абстрактӣ шарҳу тавзеҳ дода мешавад. Вай метавонад ҳамчун ҳолати табиӣ ба вуҷуд омада, дар муддати муайяни вақт оқибати манфиро ба бор орад. Ҳолати иродавии ҳангоми дар хатар монондан, ҳамчун хоҳиши нарасонидани ёрӣ ба ҷабрдида ва дарки ҳолати воқеӣ баҳо дода мешавад, ҳамчунин, имкон дорад, ки айбдоршаванда натиҷаи ёрӣ нарасонидани худро ба дурустӣ сарфаҳм наравад.

Воқеан, муносибати субъективӣ ба оқибатҳои имконпазир дар таркиби ҷинояти дар хатар монондан дар таҳқиқоти Е. В. Топилской ҳаматарафа ва аниқ инъикос гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқ, муносибати равонӣ баҳри расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида дар ин намуди ҷиноят метавонад дар ҳама гуна амалҳои барқасдона ва ё кӯтоҳандешона баръало намудор гардад[209].

Аввалан, таркиби ҷинояти таҳқиқшаванда метавонад моҳиятан ба шакли барқасдонаи гуноҳ ва ё дар намуди бевоситаи барқасдона баҳогузорӣ карда шавад, агар айбдоршаванда хатари ҷамъиятии беҳаракатии худро дарк намуда, баҳри амалӣ намудани он кӯшиш намояд. Аммо, чунин шакли гуноҳ дар он ҳолате мавқеъ пайдо мекунад, ки беҳаракатӣ ва дахолат накардани айбдоршаванда ба ҳолати ҷабрдида, ки ҳаёт ва саломатиашро дар хатар монондааст. Масалан, айбдоршаванда ба шахси ғарқшаванда барои душман ва ё рақиб буданаш ёрӣ намерасонад ва марги ӯро мехоҳад.

---

[208] Ниг.: Власов Ю.А. Субъективные признаки поставления в опасность / Ю.А. Власов // Законодательство и практика. – 2003. – №1. – С. 5-12.

[209] Ниг.: Топильская Е.В. Беспомощное состояние потерпевшего от преступления: дис. …канд. юрид. наук. – СПб., 1992. – С. 89.

Дигар ин ки барои таркиби ҷиноят метавонад гуноҳ (қасд) дар шакли бавосита содир шуда бошад: агар айбдоршаванда хатари ҷамъиятии беҳаракатии худро дарк карда бошаду оқибатҳои хатарҳои эҳтимолии натиҷаҳои фаъолияти баъдинаашро фикр намуда, бошуурона ба беҳаракатӣ даст занад ва ё умуман беэътиноӣ зоҳир намояд, дар ин ҳолат, таркиби ҷиноят аз рӯйи м. 127 КҶ ҶТ баррасӣ мегардад. Ҳамчунин, ҳангоми беҳаракатӣ ё дахолат накардан ба амали содиргардида, ки бо дар хатар монондан алоқаманд бошад ва ба шарте, ки ин кирдор дар натиҷаи беҳаракатӣ сурат гирифта бошад ҳам, мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ба сифати мисол парвандаи ҷиноятии шаҳрванд В.А.Б.-ро овардан мумкин аст. Шаҳрванд В.А.Б. дар мошини шахсиаш бо риояи талаботи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мерафт. Дар минтақае, ки гузаштани роҳгузар мумкин нест, нафаре пайдо гардид, ки роҳро бо суръати баланд убур мекард. Шаҳрванд В.А.Б. имконияти пешгирӣ намудани хатарро надошт ва тормози воситаи нақлиётро зер намуд, аммо кӯшишҳои ронанда бенатиҷа анҷом ёфт. Пас аз ҳолати садама, ҷабрдида аз зарбаи нақлиёт ба масофаи панҷ метр дуртар афтида, ба девори роҳ бархурд. Шаҳрванд В.А.Б. ба ҷабрдида ёрӣ нарасонида, роҳро давом медиҳад. Дар натиҷа, ҷабрдида аз сабаби ёрӣ нарасониданм ба ҳалокат мерасад. Шаҳрванд В.А.Б. мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд[210].

Ҳангоми вуҷуд доштани беҳаракатии қасдона, ки ҳаёт ва саломатии ҷабрдидаро дар ҳолати хатарнок гузораду шахси гунаҳкор марги онро интизор шавад ва ё бошуурона ин амалро иҷро намояд, пас ин ҷиноят аз рӯйи м. 127 КҶ ҶТ баррасӣ намегардад. Он ба одамкушӣ мансуб дониста мешавад ва аз рӯйи м. 104 КҶ ҶТ бандубаст мегардад. Ба ҳамин монанд, шаҳрван Қ. аз рӯйи м. 104 КҶ ҶТ барои куштори ваҳшиёнаи фарзанди ноболиғаш ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Вай фарзанди худро якчанд рӯз дар аробача бе нигоҳубин ва обу хӯрок маҳкам намудааст. Дар натиҷа ҷабрдида фавтид.

[210] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-633/18 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.

Гуноҳи Қ. ба марги фарзандаш дар асоси ташхиси тиббӣ-судӣ, нишондоди шоҳидон ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда қасдона собит гардид. Аз ғизо маҳрум гардонидани кӯдак боиси вайрон шудани кори система ва узвҳои зарурӣ гардид, ки онро ба марг оварда расонидааст.

Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки дар таркиби ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ метавонад худбоварӣ ё бепарвоиро ҳамчун шакли аз беэҳтиётӣ ба ҷиноят расонидан дида баромада шавад. Ҷинояти содиргардида дар он ҳолат аз рӯйи худбоварӣ ё бепарвоӣ тафсир карда мешавад, ки айбдоршаванда ҳолати хатарнок ба саломатӣ ва ҳаёти ҷабрдидаро дониста, аз рӯйи боварӣ ё бепарвоӣ даст ба корҳое мезанад, ки боиси зарари сахти ҷисмонию руҳӣ ё марги ҷабрдида мегардад. Чунин шакли гуноҳҳоро дар амалияи тафтишотӣ-судӣ аз рӯйи м. 127 КҶ ҶТ дар таҷрибаи судии Тоҷикистон бисёр вохӯрдан мумкин аст.

Мисоли равшанро дар парвандаи ҷиноятии шаҳрванд Ҷ.А.К. дидан мумкин аст. Номбурда 28-уми феврали соли 2019, тахминан соатҳои 10:00 ҳангоми дар хонаи шахсиаш ҳузур доштан вазифаи модарии худро, ки мувофиқи м. 34-и Конститутсияи ҶТ «Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон... масъул мебошанд[211] ва ё мутобиқи қ. 1 м. 63 КО ҶТ «Падару модар барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд. Падару модар дар тарбияи фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доранд»[212], инчунин қ. 2 м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»: «Вазифаи падару модар фароҳам овардани шароити моддӣ, молиявӣ, маънавӣ ва равонӣ дар таълиму

[211] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.09.1999, 22.05.2013 ва 22.05.2016 с.) // Адлия: Махзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии ҶТ. Шакли 7.0 / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2020.
[212] Кодекси Оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content/кодекси-оилаи-ҷумҳурии-тоҷикистон (санаи муроҷиат: 24.10.2022).

тарбияи дурусти фарзанд мебошад»[213], вайрон намудааст. Вай фарзанди ноболиғу маъюби худро дар аробача гузошта, бо ду кампал бор кардааст, ки ҳарорати хона баробари панҷ дараҷа гармиро ташкил медод. Дар чунин вазъ ноболиғро танҳо гузошта, аз соати 10:00 то соати 21:00 ба берун меравад. Модар метавонист дар ин ҳолат дигар хел рафтор намуда, ҳаёт ва саломатии ноболиғро дар хатар нагузорад, вале Ҷ.А.К. нисбати фарзандаш чунин рафтор намуд. Дар натиҷа, кӯдак вафот менамояд. Кирдори Ҷ.А.К.-ро суд аз рӯйи ду м. КҶ ҶТ, м 127 ва м. 108 бандубаст намуда, ҳукмашро баровардааст[214].

Ба андешаи мо, муносибати айбдоршаванда барои расонидан ба марг аз рӯйи худбоварӣ содир шудааст, вай намедонист чунин ҳарорат боиси марги кӯдак мегардад. Бовар дошт, ки ду кампал кӯдакро аз хунукӣ наҷот медиҳанд, аммо ҷабрдида аз сардӣ фавтидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки бепарвоӣ муносибати равонии дорои оқибати махсус шуда наметавонад, зеро мувофиқи м. 127 КҶ ҶТ аз рӯйи ин гуноҳ шахс оқибати кирдори беҳаракатии худро, ки ба ҷамъият хатар дорад, пешгӯӣ карда наметавонад. Дар чунин вазъ, субъекти ҷиноят имкон дорад, ки ҳангоми бодиққат буданаш амали нохушро пешгирӣ намояд. Агар, шахс дар ҳолати мушаххас оқибати хатари кирдори худро нисбати ҷабрдида, ки аз зарари вазнини ҷисмонӣ ва ё марг пешгӯӣ карда натавонад, ин маънои онро дорад, ки субъект дарки пурраи масъаларо қодир нест ва намедонад оқибати ҳолати ҷабрдида барои ҳаёт ва саломатиаш хеле хатарнок аст.

Тарафи субъективии м. 127 КҶ ҶТ дар шакли гуноҳи қасдона зоҳир мегардад. Дар баробари ин, намуди қасд вобаста ба тарафи объективии ҷиноят фарқ карда мешавад, зеро ба сифати аломати алтернативӣ ҳамчун оқибат дар м. 127 КҶ ҶТ расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатӣ пешбинӣ нашудааст.

---

[213] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/content (санаи муроҷиат 24.08.2021).
[214] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №15376 // Бойгонии суди ш. Бохтари вилояти Хатлон.

Вобаста ба муқаррароти м. 28 КҶ ҶТ ва м. 127 КҶ ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки тарафи субъективии ҷинояти таҳлилшаванда ҳам дар шакли қасди бевосита ва ҳам дар қасди бавосита зоҳир мегардад. Ҷинояткор дарк мекунад, ки ҳаёт ва саломатии ҷабрдидаро дар хатар монондааст дар ҳоле, ки вай уҳдадор буд ба ӯ ёрӣ расонад, оқибат ё ногузирии онро пешбинӣ намуда, хоҳони фаро расидани он мебошад (қасди бевосита) ё фаро расидани оқибатро нахоста, вале дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад ё ба онҳо хунукназарона муносибат мекунад (қасди бавосита).

Дар ҳамин замина, оид ба шакли қасди ҷинояти дар хатар монондан қайд намудани баъзе зиддиятҳоро зарур мешуморем. Дар адабиёти илмӣ назарияи илмие роиҷ аст, ки мутобиқи он дар таркибҳои моддӣ тарафи субъективии ҷиноят бо қасди бевосита ифода мегардад[215].

Барои муйаян намудани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи м. 127 КҶ ҶТ мақсади ҷинояткор ҳамчун беҳаракатӣ ҳангоми дар хатар монондани ҷабрдида моҳияташонро гум мекунад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур муносибати қасдона нисбати далели дар хатар монондан фаҳмида мешавад. Аниқтараш, шахсе, ки дидаю дониста ҷабрдидаро бе ёрӣ мегузорад. Илова бар ин, дарк менамояд, ки: 1) ҷабрдида дар ҳолати барои ба ҳаёт ва саломатиаш хатарнок қарор дорад; 2) вай бино бар сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ ва ё ҳолати оҷизӣ имконияти чора андешидан барои худнигоҳдориро надорад; 3) шахси гунаҳкор уҳдадор буд, ки ба ҷабрдида ёрӣ расонад, аммо онро иҷро накард ва ё махсус ӯро ба ҳолати барои ҳаёт ва саломатиаш хатарнок оварда расонид; 4) айбдоршаванда имконияти ёрӣ расониданро дошт, аммо ин амалро иҷро накард.

Муносибати равонӣ ба эҳтимоли расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида дар ин намуди ҷиноят метавонад дар ҳамаи шаклҳои барқасдона ва ё аз рӯйи расонидани зарар ворид шавад. Муйаян намудани муносибати

[215] Ниг.: Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ). – Душанбе, 2020. – С. 115.

равонӣ барои оқибатҳои ҷиноят ва махсусан, барои маҳдуд намудани доираи амали моддаҳои 105, 106 КҶ ҶТ ба марг оварда расонидан ва ё барқасдона зарари вазнин ба ҳаёт ва саломатӣ расонидан м. 110 КҶ ҶТ хело зарур аст.

Бояд гуфт, ки тарафи субъективии ҷиноят имкон медиҳад, ки ҷиноятҳоро аз рӯйи аломатҳои объективиашон аз якдигар ҷудо намоем. Аз ҷумла, ҷиноятҳое, ки дар м. 104 ва м. 108 КҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, танҳо аз рӯйи шакли гуноҳ тафовут доранд, аммо, худсарона тарк кардани қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизмат (м. 374 КҶ ) аз фирор (м. 375 КҶ ҶТ) танҳо аз рӯйи мазмуни мақсад тафовут доранд.

Мантиқан, ҷавобгарии ҷинояти дар хатар монондан барои даст кашидан аз уҳдадорӣ пешбинӣ гардидааст, на барои расонидани зарар. Тасаввур намудан душвор аст, ки шахс ҳангоми анҷом додани ҷинояти дар хатар монондан кирдори ба ҷамъият хавнокии худро дарк намуда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати онро дар намуди зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида пешбинӣ намуда, дидаву дониста ба ин оқибатҳо роҳ медиҳад ё ба онҳо беэътиноёна муносибат намояд.

Ақидаи мазкурро олимони дигар низ тарафдорӣ намудаанд. Масалан, Б.В.Ятселенко менависад, ки ҷинояти баррасишаванда вобаста ба тарафи субъективиаш дар гуноҳи қасдона тавсиф шуда, қасд танҳо бевосита метавонад бошад. Ба ақидаи Ю.А. Власов ҷинояти дар хатар монондан қасдона содир мешавад, яъне гунаҳкор ғайриқонунӣ, зиддиҳуқуқӣ будани хусусияти кирдори худро дарк менамояд ва ҳангоми тавсифи тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан менависад, ки он метавонад бо қасди бевосита содир шуда, гунаҳкор кирдори ба ҷамъият хавфнокии худро дарк намуда, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфноки онро пешбинӣ намуда, хоҳони ба вуқуъ пайвастанаш мебошад[216].

Таҳлилҳо нишон дод, ки ақидаҳои зикршуда хусусияти умумӣ дошта, масъалаҳои умумии тарафи субъективии ҷинояти дар хатар мононданро

[216] Ниг.: Власов Ю.А. Уголовная ответственность за оставление в опасности: автореф. дис. …канд. юрид. наук. – Омск, 2004. – С. 14.

тавсиф додаанд. Аммо моҳияти комили ҳамаи аломатҳои тарафи субъективии ҷиноятро намекушоянд. Бино бар ин, зарурияти ба таври васеъ таҳлили он ба миён меояд.

Тарафи субъективии кирдори ба ҷамъият хавфнок мумкин аст бо роҳи муайян кардани оқибати аз беэҳтиётӣ зарари расонидашуда муайян карда шавад. Махсусан, дар м. 212 КҶ ҶТ («вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт») нишон дода шудааст: «… аз беэҳтиётӣ боиси расонидани зарари миёна ба саломатии инсон гаштааст» (қ. 1). Нишондоди қонун дар муносибат ба оқибат низ шакли гуноҳро муайян менамояд.

Аз ин бармеояд, ки ҳангоми содир намудани кирдори зикргардида шахси гунаҳкор бояд дарк намояд, ки бо чунин кирдораш тартиботи муқаррарнамудаи ҳуқуқи ҷиноятиро вайрон намуда, натиҷаи рафтори ӯ хусусияти зиддиҳуқуқӣ дорад. Ҳолати мазкур, лаҳзаи зеҳнии қасдро ифода менамояд. Ин маънои онро дорад, ки шахси содиркунандаи ҷиноят хавфнокии кирдори худро ба ҷамъият дарк мекунад, ҳамчунин, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ менамояд. Гунаҳкор дарк мекунад, ки бо кирдори худ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳифзшаванда зарар мерасонад. Ҳангоми содир намудани ҷинояти дар хатар мононадан гунаҳкор бояд дарк намояд, ки кирдори ӯ бо қоидаҳои (шартҳои) муқарраршуда мувофиқат намекунад, ҳамчунин, ба ҷамъият хавнокии амали худро дарк намояд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзишу таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, таҳқиқоти соҳавӣ ва таҷрибаи судӣ доир ба субъект ва тарафи субъективии ҷинояти дар хатар мононадан хулосаҳои зерин бароварда шуд:

1. Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ дар фаҳмиш ва баррасии субъект ва тарафи субъекивии ҷинояти дар хатар монодан дар миёни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки ба сифати субъекти ҷинояти дар хатар мононадан шахсе баромад карда метавонад, ки барои расонидани ёрӣ уҳдадор буд, аммо аз иҷрои онҳо саркашӣ кард. Вале

таҷрибаи баррасии парвандаҳои ин навъи ҷиноят нишон медиҳад, ки чунин ақидаҳо номгӯи шахсонеро, ки бо ҷинояти дар хатар монондан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, васеъ мегардонанд. Аз ин рӯ, бояд аломатҳои субъекти ҷинояти дар хатар мононданро вобаста ба он ки шахс аз кадом уҳдадориҳояш саркашӣ намудааст, муайян намуд. Аниқтараш, шахсе, ки дидаю дониста ҷабрдидаро бе ёрӣ мегузорад. Илова бар ин, дарк менамояд, ки ҷабрдида дар ҳолати барои ба ҳаёт ва саломатиаш хатарнок қарор дорад; вай бино бар сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ ва ё ҳолати оҷизӣ имконияти чора андешидан барои худнигоҳдориро надорад; шахси гунаҳкор уҳдадор буд, ки ба ҷабрдида ёрӣ расонад, аммо онро иҷро накард ва ё махсус ӯро ба ҳолати барои ҳаёт ва саломатиаш хатарнок оварда расонид; айбдоршаванда имконияти ёрӣ расониданро дошт, аммо ин амалро иҷро накард.

2. Субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 127 КҶ ҶТ шахси воқеии мукаллафи ба синни муқаррарнамудаи қонун расидае мебошад, ки дидаю дониста ба шахси дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё оҷизӣ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад ё худ ӯро ба чунин ҳолат овардаасту ёрӣ намерасонад, эътироф мегардад;

3. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи «дар хатар монондан» ва «дар хатар гузоштан» баҳснок мебошад, ки барои муайян кардани таркиби м. 127 КҶ ҶТ гуногунандеширо ба миён овардааст. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар хатар монодан аз беэҳтиётии субъекти ҷиноят ба амал меояд. Аммо дар хатар гузоштан бошад, тавассути қасд содир шуда, ҷинояткор оқибати ин кирдорро мехост;

4. Тарафи субъективии ҷинояти дар хатар монондан, кирдори дар шакли қасдона содиргардида фаҳмида мешавад, яъне ҷинояткор оқибати кирдори зиддиҳуқуқиашро дарк менамояд ва барои ба вуқуъ пайвастани он кӯшиш намудааст. Ҳангоми содир намудани кирдори зикргардида шахси гунаҳкор бояд дарк намояд, ки бо чунин амалаш тартиботи муқаррарнамудаи ҳуқуқи

ҷиноятиро вайрон намудаааст. Ҳолати мазкур лаҳзаи зеҳнии қасдро ифода менамояд. Ин чунин маъно дорад, ки шахси содиркунандаи ҷиноят ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк мекунад, ҳамчунин, оқибатҳои ба ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ менамояд. Гунаҳкор дарк мекунад, ки бо кирдори худ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳифзшаванда зарар мерасонад. Ҳангоми содир кардани ҷинояти дар хатар монондан гунаҳкор бояд дарк намояд, ки фаъолияти ӯ бо қоидаҳои (шартҳои) муқарраршуда мувофиқат намекунад, ҳамчунин, ба ҷамъият хавнокии кирдори худро дарк мекунад.

## 2.3. Таҳлили аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан

Раванди бандубаст кардани ҷинояти дар хатар монондан бо сабаби ҳолатҳои гуногун доштанаш дар амалияи тафтишотиву судӣ хеле душвор аст. Ин матлаб, аз натиҷаҳои пурсиши кормандони тафтишотӣ-судӣ бар меояд, ки як қисми онҳо дар муайян намудани субъекти ҷиноят, масъулияти уҳдадорӣ доштани манбаъ, мафҳуми «имкониятҳо», «ҳолати барои ҳаёт хавфноки кирдор» ва ғ. ба душвориҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Пурсиши шифоҳии кормандони мақомоти тафтишотиву судӣ нишон дод, ки бо мушкилиҳои шарҳи қонун мувоҷеҳ мешаванд ва ба тафсири КҶ ҶТ рӯ меоранд, вале ин манбаъ на ҳамавақт ба саволҳои пайдошуда тавзеҳоти лозима ва ё комилро медиҳад. Аз ҷумла, дар тафсири м. 127 КҶ ҶТ ҳолати кирдор, ки ба марг оварда нарасонида бошад, бо қ. 1 ё боиси марги ҷабрдида, ба қ. 2 ва ё марги одамон ва дигар оқибатҳо гардида бошад, ба қ.3 ҳамин модда бандубаст мегардад. Ҳамаи ин аз рӯйи оқибатҳое, ки дар натиҷаи кирдори дар м. 111 КҶ ҶТ пешбинишуда ба миён меояд. Бино бар сабаби набудани сарчашмаҳои кофии шарҳи меъёри мазкур, аксари кормандони мақомоти тафтишотию судӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои баҳсноки бандубасти кирдори дар хатар монондан, шарҳи васеи аломатҳои таркиби ҷиноятро афзалтар медонанд.

Чунин мушкилот на танҳо дар низоми қонунгузории ҶТ, балки дар кишварҳои узви ИДМ низ дида мешавад[217].

Ҳангоми татбиқи м. 127 КҶ ҶТ ва дуруст бандубаст намудани кирдор дар маҷмуъ, бо дигар меъёрҳои қисми махсуси КҶ ҶТ мухолифат ҷой дорад. Таҳлили 109 адад парвандаи ҷиноятии аз ҷониби суди вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ ва шаҳри Душанбе баррасишуда, нишон дод, ки м. 127 КҶ ҶТ на ҳама вақт дуруст татбиқ мегардад ё баръакс дар ҳолате, ки лозим аст ба назар гирифта намешавад.

Яке аз мушкилоти дигари бандубаст намудани кирдори дар хатар монондан тафовути таркиби ҷинояти мазкур аз ҷинояти сӯиқасд ба ҳаёт бо роҳи беҳаракатӣ мебошад. Тафовути ҷинояти дар хатар монондан аз ҷинояти одамкушӣ бояд аз рӯйи унсурҳои таркиби ҷиноят муайян карда шавад. Дар хатар монондан – ҷиноят бо таркиби расмӣ ва одамкушӣ – ҷиноят бо таркиби моддӣ мебошад. Объекти ҷинояти дар хатар монондан бехатарии инсон буда, объекти ҷинояти одамкушӣ ҳаёти ӯ мебошад. Тарафи объективии дар хатар монондан беҳаракатии гунаҳкор аст, ки дар гузоштани ҷойи ҷабрдида ё нарасонидани ёрӣ ба ӯ ифода меёбад. Одамкушӣ бо роҳи беҳаракатӣ метавонад танҳо дар нарасонидани ёрӣ содир шавад. Аломатҳои одамкушӣ бо беҳаракатӣ дар ҳоле муайян мешавад, ки он ҷо мумкин буд ҳолатҳои объективона муқаррар кардани истифодабарии шароити ногувор барои дар хатар монондан пешбинӣ карда шавад. Масалан, шабона дар натиҷаи истифодаи нодурусти оташдон ҳуҷра бо ғубори ангишт пур шуд. Шахси уҳдадор ҳавои ҳуҷраро тоза накарда, ҷабрдидаро он ҷо гузошта меравад, ки дар натиҷа, ҷабрдида аз таъсири ғубори ангишт заҳролуд шуда, ба ҳалокат мерасад.

Дар ҳоле ки ҷабрдида бе иштироки субъект дар ҳолати хавфнок мононда мешавад, он гоҳ кирдори беҳаракатии ҷинояткорона дар сабабҳои бевоситаи ба марги ҷабрдида алоқаманд ҳисобида намешавад. Субъекте, ки дар

---

[217] Ниг.: Власов Ю.А. Уголовная ответственность за оставление в опасности: дис. … кан. юрид. наук. – Омск, 2004. – С. 116.

расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдид робита надорад, беҳаракатии ӯ дар ҷинояти одамкушӣ асос шуда наметавонад. Масалан, субъект кӯдаки хӯрдсолро дар манзили истиқоматии сард гузошта, ҳангоми паст шудани ҳарорати хона бехатарии ӯро таъмин намекунад. Дар чунин ҳолатҳо кирдори расонидани зарар ба саломатӣ ё ба ҳалокат расидани кӯдакро ҳамчун одамкушӣ ё ин ки сӯиқасд ба он бандубаст кардан мумкин нест.

Бино бар ин, агар объективона муайян кардани қонунияти истифодабарии ҳолатҳои ногувор барои содиршавии ҷинояти одамкушӣ душвор бошад, он гоҳ кирдор бояд ҳамчун кирдори дар хатар монондан баҳо дода шавад. Ҳангоми дар хатар монондан субъект дорои аломатҳои махсуси дар боло дарҷшуда мебошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ аз синни 16-солагӣ фаро мерасад. Субъекти ҷинояти одамкушӣ шахси мукаллафи ба синни 14 – сола расида мебошад.

Бештари фарқияти таркибҳои ҷинояти мазкур дар тарафи субъективии ҷиноят, пеш аз ҳама, аз рӯйи қасди равонашуда баҳо дода мешавад, аммо муқаррар кардани он, махсусан, ҳангоми ҷинояти одамкушӣ мураккаб аст. Зеро шахс баҳри ба даст овардани ҳадафи хеш қувваи табиатро, ки боиси ба ҳалокат расидани ҷабрдида мешавад, истифода мебарад.

Бояд гуфт, ки таҳти мафҳуми одамкушӣ қасди бо ирода дар кирдор барои ба даст овардани натиҷа фаҳмида мешавад. Масалан, ҳангоми ба амал омадани заминҷунбӣ, сел ё тармафаророӣ (ҳолатҳоии фавқулодда) субъекте, ки имкони таъмини бехатарии шахси дар хатар мононданро дорад ва уҳдадор буд нисбат ба он ғамхорӣ кунад, аммо ӯро ба ҳоли худ гузошта, худро наҷот медиҳад. Агарчи ҷабрдида алакай дар ҳолатҳои болозикр дучор шуда бошад ва шахси уҳдадор ба ҳалокат расидани ӯро аниқ пешбинӣ карда метавонист ва имкон дошт ёрӣ расонида, наҷот диҳад. Бино бар ин, беҳаракатии ӯ ҳамчун ҷинояти дар хатар монондан бандубаст карда мешавад. Ҳангоми одамкушӣ беҳаракатӣ мумкин аст бо қасди бевосита ё бавосита нисбат ба фаророрасии марг равона гардад. Қасди равонашударо аз эҳтимолияти

пешбинӣ кардани оқибат муайян кардан мумкин аст. Таҳқиқи вазъияти атроф инро метавонад объективона нишон диҳад.

Агар ҳолати содиршавии кирдор аниқ имкон диҳад, ки фаророрасии марги ҷабрдида пешбинӣ карда мешуд, чун қоида, кирдор ҳамчун куштор баҳогузорӣ карда мешавад, зеро дар ин ҷо объекти бевосита ҳаёт мебошад. Мисол, субъект имконият дорад, ки ҷабрдидаро наҷот диҳад, аммо қасдан ӯро дар бинои оташгирифта мегузорад. Агарчи эҳтимолияти оқибатҳои хатарнок ба таври абстрактӣ дида шаванду ҳамчун натиҷаи инкишофи равандҳои муйаян ошкор шавад, пас дар ин ҷо, дар хатар монондан вуҷуд дорад ва бехатарии инсон ҳамчун объект баромад карда метавонад. Масалан, субъект одами гирифтори бемории вазнинро гузошта меравад, дар ҳоле ки ӯ дарк менамуд баъд аз фосилаи номуайян эҳтимоли ба амал омадани марг ё таҳдиди дигар оқибатҳои вазнинро дорад, зеро ҷабрдида метавонад шифо ёбад ё ёрӣ дархост намояд.

Бештар вақт, кирдори одамкушӣ бо беҳаракатӣ ё сӯиқасд дар ҳоле баҳо дода мешавад, ки худи субъект ҷабрдидаро дидаву дониста дар ҳолати барои ҳаёт хатарнок мегузорад ва хоҳони марги ӯ аст ва ё ба ҳолати ӯ бетафовутона муносибат мекунад. Масалан, субъект ба сифати роҳбалад баромад намуда, қасдона ҷабрдидаро дар мушкилоте гирифтор мекунад, ки ӯ мустақилона имкони аз он баромаданро надорад. Дар чунин ҳолат гузоштани ҷабрдида имконият медиҳад, ки кирдори мазкур ҳамчун сӯиқасд ба одамкушӣ баррасӣ гардад. Дар хатар монондан бо қасди бевосита ё бавосита нисбат ба оқибат ҳамчун нияти қасдона барои ҳаёт ё саломатӣ бандубаст карда мешавад. Масалан, ҳангоми насби ноқилҳои барқӣ роҳбари дастаи таъмиргарон барқкорро ба насби ноқиле дастур медиҳад, ки дар он қувваи барқ мавҷуд аст. Ҳамчунин, ҳолатҳое, ки гунаҳкор шахсро қасдан дар вазъияти хатарнок гузошта, барои ба марг расонидани ӯ аз қувваи табиат истифода мебарад, ҳамчун одамкушӣ баҳо дода мешавад. Дар ин вазъ метавон гуфт, субъект шахсро ба ҷойи хатари тармафаро роҳнамоӣ карда, сипас, садо баланд

мекунад, ки дар натиҷаи таъсири мавҷи садо тарма канда шуда, ҷабрдидаро пахш мекунад. Ҳамин тариқ, таҳлили дақиқи ҳолатҳои содиршавии кирдор аз рӯйи унсурҳои таркиби ҷиноят имкон медиҳад, ки фарқи ҷинояти дар хатар монондан аз одамкушӣ, ки бо тариқи беҳаракатӣ содир шудааст, муайян гардад.

Мавриди зик аст, ки вобаста ба тафовути моддаҳои 127 ва 128 КҶ ҶТ мушкилиҳо ҷой доранд. Моддаи 128 КҶ ҶТ нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ махсус мебошад, зеро субъекти махсус – шахсе, ки тибқи қонун ё дигар қоидаҳои махсус уҳдадор аст ба бемор ёрӣ расонад, пешбинӣ гардидааст. Моддаи 128 КҶ ҶТ доираи маҳдуди шахсони уҳдадор, ки бояд ба бемор ёрӣ расонанд, дониста мешавад. Меъёрҳо, объектҳои якхелаи муҳофизат, яъне бехатарии мавҷудияти одамро доранд, аммо м. 128 КҶ ҶТ фақат як аломати ҷабрдида, яъне бемориро дошта, м. 127 КҶ ҶТ шумораи васеътарро дарбар мегирад. Дар он кирдор бо тартибҳои якхела содир мешавад. Ҳарчанд дар м. 128 КҶ ҶТ тарзи содиршавии кирдор дар ёрӣ нарасонидан ба бемор нишон дода шудааст, вале он метавонад дар шакли дар хатар монондани бемор ифода ёбад. Моддаи 128 КҶ ҶТ дорои таркиби моддие мебошад, ки оқибатҳоро дар шакли аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида пешбинӣ мекунад[218].

Ба назар гирифтан лозим аст, ки тасвияи носаҳеҳ дар диспозитсияи м. 128 КҶ ҶТ бо нишондодҳои расонидани оқибат алоқамандӣ дорад. Қайд кардан зарур аст, ки тасвияи носаҳеҳи диспозитсияи м. 128 КҶ ҶТ ба таъсири нишондодҳои натиҷаовар такя мекунад, аммо чи тавре дар боло зикр намудем, беҳаракатӣ таъсир расонида натавонад ҳам, боиси ба вуҷуд омадани оқибатҳои ногувор шуда метавонад. Агар дар м. 127 КҶ ҶТ таркиби моддӣ ба сифати ҳолатҳои бандубастшаванда пешбинӣ шуда бошад, пас м. 128 КҶ ҶТ моҳияти мустақилиашро гум мекунад. Сарфи назар аз шарҳи дурусти қонун, таҳти мафҳуми ёрӣ нарасонидан на фақат нарасонидани ёрии

[218] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 20.10.2022).

тиббӣ, балки дигар намудҳои ёрие, ки ба бемор қонун ва дигар қоидаҳои махсус пешбинӣ кардааст, фаҳмида мешавад. Тарафи субъективии м. 128 КҶ ҶТ низ қасдро нисбати беҳаракатии худ баён мекунад, яъне субъект дарк мекунад, ки беҳаракатии ӯ бехатарии ҳаёт ё саломатии одамро халалдор мекунад[219].

Дар адабиёти ҳуқуқи ҷиноятӣ субъекти м. 128 КҶ ҶТ чун қоида ба кормандони тиб алоқамандӣ дорад ва дар бештар ҳолатҳо чунин тавсиф мегардад. Аммо, қонуни ҷиноятӣ ё маҷмӯи қоидаҳо шахсони дигарро вазифадор кардааст, ки ба бемор ёрӣ расонанд, яъне гуруҳи васеи шахсонро пешбинӣ мекунад. Ба инҳо дохил мешаванд: шахсоне, ки тибқи вазифаҳои махсус ба бемор хизматрасон буда, дорои маълумоти тиббӣ нестанд. Чунин ҳайат аз дигар корманди тиб, ки дар назди бемор на аз рӯйи вазифаҳои хизматӣ қарор дошт ва ба бемор ёрии тиббӣ нарасонд, фарқ дорад. Баъзе аз муҳаққиқон уҳдадориро нисбатан васеъ шарҳ дода, чунин меҳисобанд, ки қонунгузории ҶТ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ кормандони тибро вазифадор кардааст, ки дар ҳама вақт ба савганди тиббӣ содиқ бошанд ва дар ҳама ҳолат ёрии аввалини тиббиро расонанд[220]. Мо инро на он қадар дуруст меҳисобем: якум, ягон санади меъёрие нест, ки ба таври императивӣ ҳар корманди тибро уҳдадор созад, ки ҳангоми ҳолатҳои дар боло зикршуда ба ҷабрдида ёрӣ расонад (ин амри виҷдон аст); дуюм, на ҳар корманди тиб тахассуси кофӣ ҷиҳати расонидани ёрии пурраи тиббӣ ба ҷабрдидаро дорад. Бино бар ин, м. 128 КҶ ҶТ танҳо ҳамон корманди тибро дар назар дорад, ки вазифадор аст ба шахси мушаххас аз рӯйи иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ё ин ки тибқи шартномаи қаблан басташуда ёрӣ расонад. Масалан, корманди тиб вазифаҳои хизматиро адо намуда, дар ҷойи кор ё ҳангоми амалӣ намудани хизмати муташаккилонаи тиббӣ бошад. Агар табиб ба бемор дар вақти ғайрихизматӣ

---

[219] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурoҷиат: 20.09.2023).
[220] Ниг.: Тафсир ба Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Муҳаррири масъул Ҳ.Ҳ. Шарипов. – Душанбе: Глобус, 2006. – С. 267.

ёрӣ нарасонад, дар ҷойи кор ҳозир набошад, он гоҳ бо м. 128 КҶ айбдор намудан танҳо аз рӯйи аломатҳои касбӣ мумкин нест. Барои айбдор намудан бо м. 128 КҶ ҶТ нисбат ба м. 127 КҶ ҶТ зарур аст, ки мавҷуд будани муносибатҳои ҳуқуқии бемор ва шахсе, ки вазифадор аст ёрӣ расонад, муайян карда шавад.

Дар таҷрибаи бандубасти кирдори қасдан дар ҳолати хатарнок монондани ҷабрдида, ки дар натиҷа ба саломатии ӯ зарар расидааст, мухолифат дида мешавад. Дар адабиёти илмӣ оид ба ин мушкилот ихтилофи назар мавҷуд дорад. Бархе аз муҳаққиқон бар он назаранд, ки чунин амал аз рӯйи маҷмуи моддаҳое, ки ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарар ба саломатӣ ва дар хатар монондан пешбинӣ мекунанд, бандубаст карда шаванд, зеро дар ин ҷо қасд бар зидди ду объект – саломатӣ ва ҳаёт равона шудааст[221]. Дигар муҳаққиқон бар он назаранд, ки ҷавобгарӣ барои дар хатар монондан асосан ҳангоми аз беэҳтиётӣ ва дар ҳолатҳои хело ками истисноӣ дар ҳолати қасдан (дар маҷмуъ бо дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва таҷовуз ба номус) фаро мерасад[222].

Иддае аз донишмандон бар ин назаранд, ки дар кирдорҳои бо ҳам монанд маҷмуи ҷиноятҳо дида намешавад[223]. Ба назари ин ҷониб, айбдоркунӣ бо м. 127 КҶ ҶТ ҳангоми қасдона расонидани зарар ба саломатӣ беасос мебошад, ки ин ҳолат дар амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ борҳо тасдиқи худро ёфтааст.

Дар амалияи тафтишотӣ-судӣ борҳо мушоҳида гардид, ки тибқи қонун барои дар хатар монондан дар натиҷаи нарасонидани ёрӣ ба шахсе, ки ҷинояткор аз кирдори беэҳтиётӣ ҷабрдидаро дар ҳолати хатарнок мондааст, ҷавобгарӣ ба миён меояд. Шахсе, ки қасдан ба саломатии ҷабрдида зарари вазнин расонидааст, наметавонад ҷавобгариро барои дар хатар монондан ба уҳда гирад.

---

[221] Ниг.: Коржанский Н.И. Правила квалификации преступлений с учетом признаков объекта / Н.И. Коржанский // Сов. государство и право. – 1985. – №5. – С. 84.
[222] Ниг.: Портнов И. Квалификация деяний, связанных с оставлением в опасности / И. Портнов // Сов. юстиция. – 1975. – №16. – С. 11-12.
[223] Ниг.: Шаргородский М.Д. Ответственность за преступления против личности. – Л., 1953. – С. 87.

Бино бар ин, ҳангоми баррасии парвандаҳо амалияи судӣ м. 127 КҶ ҶТ чун қоида аз айбдорӣ хориҷ карда мешавад. Таҳлили парвандаҳо нишон медиҳад, ки дар чандин ҳолат м. 127 КҶ ҶТ аз айбдорӣ дар рафти мурофиаи судӣ хориҷ карда шудааст. Барои ин, бештар аз ҷониби судшаванда ё шахси сеюм ба ҷабрдида расонидани ёрӣ ё ин ки моҳияти дар хатар мононданро надонистани судшаванда асос шудааст. Масалан, суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон нисбати судшавандаҳо У. ва Г., ки аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо банди «а» қ. 2 м. 237 ва м. 127 КҶ ҶТ, яъне авбошӣ бо расонидани зарари миёна ба саломатӣ ва аз ҷойи ҳодиса ғайб задан айбдор шуда буданд, кирдори бо м. 127 КҶ ҶТ эълоншударо аз айбдорӣ хориҷ намуд, зеро баъди содир шудани кирдори дар хатар монондан онҳо «ёрии таъҷилӣ»-ро даъват намуда буданд[224]. Дар чунин ҳолат бо м. 127 КҶ ҶТ айбдор намудан аз аввал беасос буд. Мисоли дигар, суди шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон нисбати судшавандаҳо А. ва Т., ки ҷабрдидаро қасдан бо роҳи зуроварӣ, тани бараҳна дар ҳавои сарди кӯча, дар ҳолати оҷизӣ мононда, барои ин аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳои бо м. 127 КҶ ҶТ ва бандҳои «а», «в» қ. 3 м. 110 КҶ ҶТ айбдор шуда буданд, м. 127 КҶ-ро аз айбдорӣ хориҷ намуд, зеро онҳо баъди содир намудани кирдор ба духтари ҷабрдида ҷойи буду боши ҷабрдидаро хабар дода буданд[225]. Ин ҷо низ нодурустии илова гардидани м. 127 КҶ ҶТ ба кирдори мазкур дида мешавад.

Суди ноҳияи Ҷайҳунии вилояти Хатлон нисбати судшаванда Т., ки аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳои дар моддаҳои 127 ва қ. 4 м. 110 КҶ ҶТ пешбинишуда, яъне барои кирдори ба ҷабрдида қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, дар натиҷа боиси марги ӯ гардидааст, айбдор шуда буд, м. 127 КҶ ҶТ-ро аз айбдорӣ хориҷ намуд. Суд хориҷкунии ин моддаро бо он асоснок кардааст, ки гунаҳкор аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ наметавонист дарк кунад, ки ҳолати ҷабрдида барои ҳаёт хавфнок аст. Дар ин ҳолат низ бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст шудани кирдор воқеан беасос аст.

---

[224] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-182/19 // Бойгонии суди ш. Бохтари вилояти Хатлон.
[225] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-160/17 // Бойгонии суди ш. Кӯлоби вилояти Хатлон.

Дар баъзе судҳо кирдори дар хатар мононданро бо асосҳои объективӣ айбдорӣ намеҳисобанд. Суди шаҳри Бохтари вилояти Хатлон м. 127 КҶ ҶТ-ро аз айбдорӣ нисбат ба судшавандаҳо К. ва Ч., ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо қ. 3 м. 237 банди «а», қ. 2 м. 108 ва м. 127 КҶ ҶТ, яъне барои қасдан расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида ҳангоми авбошӣ ва аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, ҷалб шуда буданд, асоснок хориҷ намудааст. Хориҷкунии м. 127 КҶ ҶТ-ро бо он асоснок намудааст, ки ҷабрдидаро дар ҳолатҳои барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок монондан, гуноҳи судшавандаро дар шакли беэҳтиётӣ нисбат ба марги ҷабрдида дар бар гирифта, ҷиҳати бо м. 127 КҶ ҶТ иловатан бандубаст намудани кирдорро талаб намекунад[226]. Дар вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ВМКБ чандин парвандаҳои ҷиноятии оғозшудаи ҳамин категорияи ҷиноятҳо бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдорро дар маҷмуъ бо таркиби ҷиноятҳое, ки ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарар ба саломатӣ пешбинӣ мекунанд, дар бар мегирад. Чунончи, бо ҳукми суди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд шаҳрванд М. бо қ. 1 м. 110 КҶ ҶТ ва м. 127 КҶ ҶТ барои қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатии ҳамсараш ва дар ҳолати хатарнок монондани ӯ маҳкум шудааст. Барои чунин кирдори монанд суди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд судшаванда Г.-ро бо қ. 1 м. 110 КҶ ва дар маҷмуъ бо м. 127 КҶ ҶТ маҳкум намудааст. Суди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд судшаванда К.-ро барои мунтазам расонидани азобу уқубати руҳиву ҷисмонӣ ва расонидани зарари вазнин ба саломатии кӯдаки ноболиғи худ аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳои дар банди «б» қ. 2 м. 110 КҶ ҶТ ва м. 127 КҶ ҶТ айбдор донистааст[227].

Моддаҳои 110 ва 111 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарари вазнин ва миёна ба саломатӣ пешбинӣ менамояд. Ғайр аз ин, б. «в» қ. 3 м. 110 КҶ ҶТ аломатҳои таснифкунандаи фарорасии марг аз беэҳтиётиро дар бар мегирад. Бино бар ин, агар дар натиҷаи қасдан расонидани зарари вазнин ё миёна ба саломатӣ, ки ҷабрдида дар ҳолати хатарнок мононда

[226] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-146/20 // Бойгонии суди ш. Бохтари вилояти Хатлон.
[227] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-149/20 // Бойгонии суди н. Исфараи вилояти Суғд.

бошад, он гоҳ кирдор дар алоқамандӣ аз оқибати фарорасида ва аз робитаи бевосита бо кирдори гунаҳкор – бо м. 110 ё 111 КҶ ҶТ ё ин ки дар ҳолати фаро расидани марг бо қ. 4 м. 110 КҶ ҶТ бояд бандубаст карда шавад.

Дар маҷмуъ, бандубаст намудани м. 127 КҶ ҶТ ва меъёре, ки ҷавобгариро барои қасдан расонидани зарар ба саломатӣ пешбинӣ мекунад, аз нодуруст маънидод кардани мафҳуми ҳуқуқэҷодкунии «дар хатар монондан» ба амал меояд.

Бояд гуфт, ки иддае аз кормандони мақомоти тафтишотиву судӣ чунин меҳисобанд, ки дар хатар монондан ҷинояти қасдан расонидани зарар ба саломатӣ мебошад.

Чунин фаҳмиши нодуруст маънои онро дорад, ки қонунгузор яке аз шартҳои фарорасии ҷавобгарии ҷиноятиро бо м. 127 КҶ ҶТ номбар карда, мафҳуми дар ҳолати хатарнок монондани ҷабрдидаро дақиқан шарҳ надодааст. Мо чунин меҳисобем, ки ҳангоми қасдан расонидани зарар ба саломатӣ, ки дар натиҷа ҷабрдида дар ҳолати хатарнок мондааст, амали шахс ҳамчун фарорасии оқибати кирдор дар дигар моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ба назар гирифта шудаанд ва бандубасти иловагӣ бо м. 127 КҶ ҶТ-ро тақозо намекунад. Барои аз байн бурдани гуногунандешӣ дар татбиқи м. 127 КҶ ҶТ лозим медонем то дар диспозитсияи модда дақиқ карда шавад, ки дар хатар монондан кирдореро амалӣ мекунад, ки ба расонидани зарар ба саломатӣ алоқамандӣ надорад.

Мавриди зикр аст, ки баъзе ҳолатҳо дар амалияи тафтишотӣ ва судӣ бандубаст кардани м. 127 КҶ ҶТ дар маҷмуъ бо м. 138 КҶ ҶТ, яъне ҳангоми таҷовуз ба номуси ҷабрдида ва ӯро қасдан ба ҳолати оҷизона оварда, дар вазъияти хатарнок монондан, ки оқибат боиси марги ӯ ё расидани зарар ба саломатиаш мегардад, дида мешавад. Масалан, санаи 9 июни соли 2020 суди шаҳри Душанбе нисбати судшаванда З.Ю.Р., ки барои содир кардани ҷинояти таҷовуз ба номуси духтарчаи сесола айбдор дониста мешуд, бо

дастрасии моддаҳои 138 қ.3, б «а», 139 қ. 4 б «а», ва 127 қ.1 ҷазо татбиқ кард[228].

Ҳамин тавр, кирдоре, ки ҷавобгарии ҷиноятиро дар алоқамандӣ барои таҷовуз ба номус ва қасдан аз ҳаёт маҳрум намудан пешбинӣ мекунанд, аз рӯйи маҷмуи моддаҳо айбдор дониста мешавад, сарфи назар аз он ки ҷабрдида аз ҳаракатҳои зӯроваронаи шахси гунаҳкор ба ҳолати оҷизона гирифтор ва баъд аз таҷовуз дар ҳолати барои ҳаёт хатарнок мононда шуд ва боиси марги ӯ гардид ё ин ки баъд аз таҷовуз шахси гунаҳкор барои дар ҳолати барои ҳаёт хатарнок монондани ӯ дидаву дониста чораҷӯӣ намудааст[229]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бандубасти ҷинояти дар хатар монодан аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 138 ва 139 КҶ ҶТ бо ҳамон асосҳое, ки барои маҷмуи моддаҳои 111 ва 127 КҶ ҶТ буданд, нодуруст муаррифӣ шудааст.

Мутобиқи м. 138 КҶ ҶТ бандубаст намудани ҷиноят аҳаммият надорад, ки ҷабрдидаро кӣ дар ҳолати оҷизона гирифтор намуд: худи субъект ё дигар сабабҳо; оё гунаҳкор ҳолати хавфнокро, ки ӯ баъди таҷовуз ҷабрдидаро он ҷо мононда буд, дарк карда метавонист, оё ба ягон ҳолатҳое, ки мумкин буд маргро пешгирӣ кунад, умед баста буд. Таҷовуз ба номус дар ҳама ҳолат бо бандҳои «а» ва «б» қ. 3 м. 138 КҶ ҶТ, ки ба сифати аломатҳои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ ё аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан бандубаст гардида, бо м. 127 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро талаб намекунад.

Агар субъект баъди таҷовуз амали қасдона ё беэҳтиётона содир кунад, ҷабрдидаро бо дарназардошти оҷизиаш дар ҳолати хатарнок гузорад, ки дар оянда боиси марги ӯ гардад, дар ин ҳолат, лозим аст, аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 138 ва қ. 1 м. 108 КҶ ҶТ айбдор карда шавад.

[228] Ниг.: Бойгонии Суди ш. Душанбе [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://dushanbe.sud.tj/press/ta-ovuzkori-duhtarchai-se-sola-ba-jakumra-az-ozod-ma-rum-sohtan-ma-kum-gardid/ (санаи муроҷиат: 20.09.2022).
[229] Ниг.: Андреева Л.А. Оставление в опасном для жизни состоянии (вопросы применения ст. 127 УК РСФСР) / Л.А. Андреева // Правоведение. – 1991. – №2. – С. 73.

Суд шаҳрванд Д.-ро аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 138, 110 ва 127 КҶ ҶТ айбдор намуд[230]. Аён аст, ки зарари ба саломатии ҷабрдида расонидашуда ба оқибати таҷовуз ба номус сабаби бевосита дорад. Дигар амалҳо барои расонидани зарар баъди хотима ёфтани ҷинояте, равона шудааст, ки Д. содир накардааст. Бино бар ин, ҳаракатҳои ӯ комилан аломатҳои ҷинояти дар м. 138 КҶ ҶТ пешбинишударо ба сифати оқибатҳои расонидани зарари вазнин ба саломатӣ дар бар мегирад.

Ҳолати дигаре, ки дар амалияи тафтишотӣ-судӣ ба назар мерасад, бандубасти ҷиноятҳои ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ мебошад. Ҷинояти мазкур дар м. 139 КҶ ҶТ мустаҳкам шудааст. Қисми 1. м. 139 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки «...ҳаракати дорои хусусияти шаҳвонидошта, ки бо истифодаи зуроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбати ҷабрдида ё дигар шахсони ба ӯ наздик ё истифодаи вазъияти оҷизонаи ҷабрдида»[231] ба амал омадааст. Агар то фаро расидани оқибати кирдори ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонидошта, ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хатар таҳдид кунад ё субъекти ҷиноят аз оҷизии ҷабрдида истифода барад, пас ҳангоми бандубасти парванда зарурати илова кардани м. 127 КҶ ҶТ нест. Аммо дар баъзе мавридҳо ошкор карда шуданд, ки баъд аз ба вуқуъ пайвастани оқибати ҷинояти дар м. 139 КҶ ҶТ пешбинишуда, субъекти ҷиноят боз ҷабрдидаро дар ҳолати ба ҳаёт ва саломатиаш хатарнок гузорад, ҷинояти мазкур дар алоқамандӣ ба м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Масалан, суди н. Синои шаҳри Душанбе парвандаи ҷиноятиеро бо ҳамин мазмун баррасӣ намуд. Санаи 23.09.2018 сол судшаванда С.Т. тахминан соати 19:30 дақиқа бо мақсади қонеъ намудани талаботи шаҳвонии худ ноболиғ Н.М. (санаи таввалудаш 2002)-ро, ки аз ин ҳолат огоҳӣ дошт, ба хонаи истиқоматиаш даъват намуда, то соати 21:00 ҳамроҳ машруботи спиртии навъи «коняк» менӯшанд. Пас аз ин ҳолат, ҷинояткор С.Т. аз ҳолати оҷизии

---

[230] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-199/20 // Бойгонии суди н. Исфараи вилояти Суғд.
[231] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 20.09.2023).

ҷабрдида Н.М., ки дар долони манзили истиқоматӣ зери таъсири маводи спиртӣ хобида буд, истифода карда, ба қонеъ намудани ҳолати шаҳвониаш даст мезанад. Дар ин ҳангом, ҷабрдида аз хоб бедор шуда, кӯшиши раҳо ёфтан мекунад, ки мувозинаташро гум карда, тавассути тиреза аз ошёнаи чаҳорум ба замин сарозер мешавад. Пас аз ин ҳолат, судшаванда ҷабрдидаро дар ҳолати зинда дарёфта, ба зери бинои истиқоматии №45 кӯчаи А. Навоӣ бурда, ҳаёт ва саломатиашро зери хатар гузошта, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад. Дар натиҷа, ҷабрдида ба ҳалокат мерасад. Суди н. Сино парвандаи ҷиноятии судшаванда С.Т.-ро бо б. «д» қ. 2 м. 139 ва қ. 2 м. 127 КҶ ҶТ бандубаст намуд[232].

Яке аз масъалаҳои баҳсноки бандубаст намудан айбдоркунӣ бо м. 127 КҶ ҶТ барои дар хатар монондан ҳангоми ҷой доштани ҳолатҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад, ба ҳисоб меравад. Баъзе аз ҳуқуқшиносон чунин меҳисобанд, ки агар шахс дар ҳолати мудофиаи зарурӣ шахси муқобилро дар ҳолати барои ҳаёт хавфнок гузорад, ӯ уҳдадор аст, ки то охирон лаҳза ёрӣ расонад. Дар акси ҳол, беҳаракатии ӯ барои кирдори дар хатар монондан бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад[233]. Ба назари ин ҷониб, ба ҳалокат расонидани шахси дигар дар ҳолатҳое, ки кирдори ҷиноятиро истисно мекунад, ҷазои ҷиноятӣ надорад. Аммо, агар дар натиҷаи чунин амал ба саломатӣ зарар расида ва ҳолатҳои мазкур бартараф шуда бошад, шахс барои ёрӣ расонидан ё хабар додан ба муассисаи дахлдор уҳдадор аст. Иҷро накардани чунин амалҳо ҳамчун қасди дар хатар монондани шахс баррасӣ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки мушкилиҳои муайян дар маҷмуъ, ҳангоми бандубаст намудани аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ ва дар хатар мононданро ба миён меорад.

Бархе аз донишмандони ин соҳа тасдиқ мекунанд, ки аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ ва дар хатар монондан, ба истиснои аз

[232] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-633/18 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.
[233] Ниг.: Кузнецов А.В. Уголовное право и личность. – М., 1977. – С. 124.

беэҳтиётӣ ба марг расонидан, аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст гардида, бо м. 127 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро талаб намекунад[234].

Моддаҳои КҶ ҶТ (108, 116) бо таркиби моддие, ки ҷавобгариро барои аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ва фаро расидани оқибатҳо дар намуди марг ё зарар ба саломатӣ пешбинӣ мекунад, таркиб ёфтааст. Аз назари мо, таркибҳои мазкурро бевосита оқибатҳои аз беэҳтиётӣ содир кардани кирдор дар бар мегирад.

Оқибатҳое, ки дар натиҷаи муддати зиёд нарасонидани ёрӣ фаро мерасанд, ҳарчанд ба амалҳои гунаҳкор алоқаи сababӣ надоранд, вале ба ҳар ҳол натиҷаи қасдан дар хатар монондан гардидааст, барои таъсири манфӣ расонидани қувваи сеюм имконияти мусоидат карданро доранд. Иддае аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чунин меҳисобанд, ки дар хатар монондан дар натиҷаи амали шахси гунаҳкор, ки аз беэҳтиётӣ зарар расонидааст, ба вуқуъ меояд. Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки танҳо аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, дар маҷмуъ бо кирдори дар хатар монондан, бандубаст мегардад[235].

**Таҳлили м. 127 дар алоқамандӣ бо дигар моддаҳои КҶ ҶТ**

[234] Ниг.: Топилъская Е.В. Спорные вопросы субъективной и объективной стороны состава оставления в опасности / Е.В. Топилъская // Вестн. Ленингр. ун-та. – 1987. – Сер. 6. – Вып. 1 – С. 110.

[235] Ниг.: Красиков Ю.А. Ответственность за преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности. – Ереван, 1990. – С. 73; Кондрашова Т.В. Проблемы уголовной ответственности за преступления против жизни, здоровья, половой свободы и половой неприкосновенности. – Екатеринбург, 2000. – С. 258-259; Ветров Н.И. Уголовное право: (Особенная часть): Учеб. для вузов. – М., 2000. – С. 68; Рошка К.И. Уголовная ответственность за преступления против жизни, здоровья, свободы и достоинства личности. – Кишинев, 1988. – С. 38; Потрнов И. Квалификация преступлений, связанных с оставлением в опасности / И. Потрнов // Сов. юстиция. – 1975. – №16. – С. 52; Андреева Л.А. Оставление в опасном для жизни состоянии (вопросы применения ст. 127 УК РСФСР) / Л.А. Андреева // Правоведение. – 1991. – №2. – С. 72.




Дар амалияи судӣ айбдоркунӣ бо м. 127 КҶ ҶТ дар маҷмуъ бо моддаҳои гуногуне, ки ҷавобгариро барои қасдан ё аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ пешбинӣ мекунанд, дида мешавад. Масалан, суди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд шаҳрванд Н.-ро барои ба ҷабрдида расонидани зарари сабук ба саломатӣ ва дар ҳолати хавфнок монондани ӯ, ки дар натиҷа аз беэҳтиётӣ ба саломатии ӯ зарари миёна расид, бо м. 111 КҶ ҶТ айбдор намудааст[236]. Дар ин ҳолат зарари миёнаи вазнин ба саломатӣ дар натиҷаи муддати дароз ёрӣ нарасонидан ба ҷабрдида, ки агар дар сурати саривақт ёрӣ расонидан чунин зарар пешгирӣ мешуд, расидааст. Ин оқибат аз таъсири манфии қувваи

[236] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-179/17 // Бойгонии суди н. Исфараи вилояти Суғд.

берунаи табиат ба ҷабрдида расидааст. Моддаи 127 КҶ ҶТ оқибатҳои воқеӣ барои саломатиро пешбинӣ намекунад, вале дар вазъияти мазкур байни амали субъектқасдан расонидани зарари сабук ба саломатӣ ва зарари миёна алоқаи сабабии бевосита нест. Онро амали қувваи сеюм (табиат) ба миён овард. Беҳаракатӣ имконият фароҳам овард, ки дараҷаи зарар шаклан инкишоф ёбад. Пажӯҳишҳои донишмандони хориҷӣ собит месозад, ки чунин бандубасти кирдор ва ҳуқуқэҷодкунӣ начандон дуруст аст[237].

Тавре дар боло баррасӣ гардид, ҳангоми қасдан расонидани зарар ба саломатӣ айбдоркунӣ бо м. 127 КҶ ҶТ беасос аст. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бандубасти ҷинояти мазкур танҳо бо м. 116 КҶ ҶТ тааллуқ дошта, зарари миёна аз доираи таркиб бино бар набудани сабабу оқибатҳои бевоситаи алоқаманд берун мемонад. Ба назари мо ҳангоми аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ, шахс хоҳиши ба амал омадани оқибати вазнинро надорад. Аммо алакай зарар расонида шудааст ва баъди ин субъект ҷабрдидаро дар ҳолати хавфнок мемононад, аз ин бармеояд, ки ӯ қасдан муносибати бехатарии мавҷудияти ҷабрдидаро вайрон кард, фикран эҳтимоли фаророрасии марг ё зарари нисбатан вазнин ба саломатии ӯро пешбинӣ карда метавонист, вале ба ин беаҳаммиятӣ зоҳир намуд. Яъне аз беаҳаммиятӣ таркиби кирдори хотимаёфтаро содир намуда, гунаҳкор ҷинояти қасдан дар хатар мононданро содир кард.

Ба ақидаи мо, агар шахс аз беэҳтиётӣ ба саломатии ҷабрдида зарар расонад, он гоҳ ӯ барои расонидани ёрӣ уҳдадор аст. Агар ҷабрдидаро дар ҳолати хатарнок гузорад, ки мумкин аст оқибатҳои нисбатан вазнин дошта бошад, ӯ нисбат ба бехатарии мавҷудияти ҷабрдида кирдори қасдона содир мекунад. Аз ин лиҳоз, кирдори аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ ва баъд ҷабрдидаро дар хатар монондан бояд аз рӯйи таркибе, ки ҷавобгариро барои аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ пешбинӣ мекунад, бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

[237] Ниг.: Потрнов И. Квалификация преступлений, связанных с оставлением в опасности / И. Потрнов // Сов. юстиция. – 1975. – №16. – С. 52.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ба вуқуъ пайвастани оқибатҳои нисбатан вазнин ё марг дар робитаи бевоситаи сабабӣ танҳо бо дар хатар монондан (расида натавонистан то ҷойи кумакрасонӣ, аз сардӣ вафот кардан, дасту пояшро сармо задан ва ғ.) диспозитсияи м. 127 КҶ ҶТ дар бар нагирифта, бо ин модда бандубаст намешавад.

Масъалаи баҳодиҳии м. 127 КҶ ҶТ ҳангоми аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба саломатӣ, ки дар натиҷаи муддати тӯлонӣ нарасонидани ёрӣ боиси марг мегардад, душвор аст. Аз як тараф, агар марги ҷабрдида якбора фаро нарасида, баъди фосилаи муайяни вақт ва бо амали беэҳтиётонаи гунаҳкор робитаи бевоситаи сабабӣ дошта бошад, пас он бояд пурра бо таркиби м. 108 КҶ ҶТ фаро гирифта шавад. Аз тарафи дигар, ҳангоми чунин ҳолатҳо марг метавонад фаро нарасад, агар ҷабрдида дар ҳолати хавфнок бе ёрӣ намонда бошад. Чунончӣ, суди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд шаҳрванд Л.-ро барои дар рафти ҷанҷол қасдан тела додани шаҳрванд К., ки сари ӯ дар кунҷи печи оҳанин зарб хурда, дар натиҷаи хунравии зиёд рӯзи дигар ба ҳалокат расид, аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 108 қ. 1 ва 127 КҶ ҶТ маҳкум кардааст. Шаҳрванд Л. бо вуҷуди он ки барои ёрии ҷабрдида, ки ҳанӯз зинда буд «ёрии таъҷилӣ»-ро даъват кардааст, бо м. 127 КҶ ҶТ айбдор дониста шудааст[238]. Дар ин ҳолат, сабаби фарорасии марг на танҳо аз беэҳтиётӣ расонидани зарар, ҳамчунин, муддати тӯлонӣ нарасонидани ёрӣ мебошад. Агар ба ҷабрдида саривақт ёрии тиббӣ расонида мешуд, мумкин буд марги ӯ фаро намерасид.

Ҳолати дигар бандубасти парвандаи ҷиноятии К.И. аз ҷониби суди н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе мебошад. К.И. санаи 24 июни соли 2020 тахминан соати $13^{\underline{00}}$ дақиқа бо мақсади шиноварӣ ба ҷӯйи воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Ҳ. Шерозӣ меравад. Тахминан соати $15\text{-}16^{\underline{00}}$ дақиқа шаҳрвандон М.К., Д.Р. ва Ш.Т. аз назди К.И. ҳамчун роҳгузар мегузаштанд, ки аз онҳо сигор дархост мекунад. Пас аз чанд муддат шаҳрвандони зикршуда боз ба назди К.И омада, оид ба маҳорати шиновариаш суол

[238] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №2-139/18 // Бойгонии суди н. Исфараи вилояти Суғд.

мекунанд, ки дар натиҷа миёни онҳо муноқиша сар мезанад. Дар натиҷа, К.И ба руйи М.К. зарба мезанад, ки ӯ ба ҷӯй афтода, ба ҳалокат мерасад. Мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ К.И. уҳдадор буд, ки пас аз расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида ва дар хатар мондани ҳаёт ва саломатиаш нисбати ӯ ғамхорӣ зоҳир менамуд. Аммо аз уҳдадорӣ даст кашидани К.И. ба марги ҷабрдида анҷом мепазирад. Пас аз ташхиси судӣ-тиббӣ сабаби марги М.К.-ро расонидани зарар ба саломатӣ ва сипас, ба ҷӯй афтидани ҷабрдида, ки боиси баста шудани роҳҳои нафас мегардад, муайян кард. Ҳамзамон, ташхиси судӣ-тиббӣ дар таркиби хуни ҷабрдида М.К. машруботи спирти этилии бо миқдори 0,65%-ро дарёфт намуд. Дар натиҷа, суди н. Исмоили Сомонӣ ҷинояти мазкурро мутобиқи қ.1 м. 108 ва қ.2 м. 127 КҶ ҶТ бандубаст кард[239].

Масъалаи дигаре, ки ҳангоми бандубасти парвандаҳои ҷиноятӣ дар алоқамандӣ бо м. 127 КҶ ҶТ дида мешавад, м. 212 КҶ ҶТ мебошад. Дар аксари маврид ронандагони воситаҳои нақлиётӣ пас аз ба амал омадани ҳолати садамавӣ уҳдадориҳои муайяншудаи қоидаҳои ҳаракат дар роҳро иҷро накарда, аз маҳалли садама ғайб мезананд. Агар пас аз аз ба вуқуъ пайвастани ҳолати садамавӣ ронандаи воситаи нақлиёт уҳдадориҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавиро иҷро намояд, аломатҳои бандубасти парвандаи ҷиноятӣ бо алоқамандии м.127 КҶ ҶТ беасос мегардад. Дар сурати саркашӣ ва ё беэътиноӣ нисбати уҳдадориҳо, ҳангоми бандубасти парвандаҳои ҷиноятии вобаста ба садамаҳои воситаҳои нақлиётӣ м. 127 ҚҶ ҶТ илова карда мешавад. Чунин ҳолатҳо дар амалияи тафтишотӣ-судӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Масалан, суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе муайян кард, ки Р. С. санаи 2-юми июни соли 2022, тахминан соати 17:20 дақиқа ба воситаи нақлиёти тамғаи «Мерседес-бенс» аз тарафи кӯчаи Варзишгарон ба самти кӯчаи Рудакӣ, бо қатори сеюми роҳ бе бор ва бе мусофир ҳаракат менамуд, талаботи бандҳои 132, 130 сархати 2, 131 ва 11

---

[239] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-109/21 // Бойгонии суди н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе.

зербанди у-и ҚХДР дағалона вайрон мекунад. Дар натиҷа, пиёдагарди ноболиғ М.Ш. (соли таваллуд 22 марти 2007)-ро, ки роҳи мошингард аз ҷойи номуайяншудаи роҳ, аз тарафи рост ба тарафи чапи қисми мошингарди роҳ мегузашт, бо қисмати кунҷи пеш ва паҳлуи тарафи рости автомобил зада аз пой меафтонад, ки номбурда ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ мебардорад. Ронанда Р.С. маҳалли ҳодисаро тарк мекунад. Ҷабрдидаи М.Ш. аз ҷониби шахсони роҳгузар ба беморхонаи ММТ ҶТ – МД «Шифобахш»-и ш. Душанбе расонида шуда ва аз ҷароҳатҳои бардоштааш ба ҳалокат мерасад. Мувофиқи хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ ҷабрдида зарари вазнин ба саломати бардоштааст. Суд парвандаи ҷиноятии Р.С.-ро бо моддаҳои 212 қ.2 ва 127 қ.2 КҶ ҶТ бандбаст кардааст[240].

**Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии м. 127 дар алоқамандӣ бо м.212 КҶ ҶТ**




Мавриди зикр аст, ки ба ҳамин монанд парвандаҳои ҷиноятӣ, тахти №1069, №2248, №2250[241], №1-485/20, №386[242] ва ғайра таҳлилу баррасӣ гардиданд.

Бояд гуфт, ки бандубасти м.127 КҶ ҶТ-ро дар маҷмуъ, бо м. 252 вохӯрдан мумкин аст. Дар таҷрибаи ҳаётӣ борҳо мушоҳида мегардад, ки

---

[240] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-350/22 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
[241] Ниг.: Парвандаҳои ҷиноятии №1069, №2248, №2250 // Бойгонии суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе.
[242] Ниг.: Парвандаҳои ҷиноятии №1-485/20; Ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд (оид ба парвандаи ҷиноятӣ), тахти №386 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.

шаҳрвандон воситаҳои нақлиётро бе иҷозати соҳибмулк, бе доштани ваколати нотариалӣ ва бидуни мақсади тасарруф истифода мебаранд. Дар аксар маврид бо ин кирдорашон қоидаҳои ҳаракат дар роҳро дағалона вайрон карда, боиси дар хатар гузоштани ҳаёт ва саломатии дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ мегарданд. Масалан, суди н. Шоҳмансури шаҳри Душанбе парвандаи ҷиноятии А.А.-ро баррасӣ намуда, мутобиқи қ. 1 м. 252, қ. 1 м. 212 ва қ. 1 м. 127 КҶ Т ҷазо дар намуди ҷарима таъйин кардааст. Судшаванда А.А. барои нигоҳубини воситаи нақлиёти тамғаи ВАЗ – 21099 мутаалиқ ба шаҳрванд Ш.А.-ро, ки дар бозори мошинҳо, воқеъ дар маҳаллаи Гипрозем вобаста гардида буд, санаи 07.02.2004 сол, соати 23:00 бе ҳуҷҷҷати ронандагӣ худсарона идора намудааст. Ҳангоми ҳаракат дар хиёбони Айнӣ ба корманди ШБДА М.А., ки вазифаи хизматиашро адо мекард, итоат накарда, пойи чапи ӯро тавассути воситаи нақлиёт зер карда, аз ҷойи ҳодиса фирор мекунад. Ташхиси судӣ-тиббӣ муайян кард, ки ҷабрдида ба ҳаёт ва саломатиаш зарари миёна гирифтааст[243].

Айнан ҳамин кирдор дар парвандаҳои ҷиноятии баррасишудаи суди н. Синои ш. Душанбе пайдо гардид. Судшаванда Ш.Р. воситаи нақлиёти Х.М.-ро бе мақсади тасарруф ва бе доштани ҳуҷҷатҳои ронандагӣ гирифта, дар кӯчаҳои ш. Душанбе гашту гузор менамояд. Дар назди маркази савдои Шукрона, воқеъ дар кӯчаи Ҷомии ш. Душанбе пиёдагард С. О. (с.т. 1995)-ро бо қисми пеши воситаи нақлиёт зада аз пой меафтонад, ки мувофиқи хулосаи ташхиси судӣ-тиббӣ ҷабрдида зарари вазнин ба саломатиаш мебардорад. Судшаванда бо дарки ҳолати воқеӣ ҷабрдидаро ёри нарасонида, маҳалли ҳодисаро тарк кардааст. Суд бо дастрасии қ. 1 м. 252, қ. 2 м. 212 ва қ. 1 м. 127 КҶ ҶТ парвандаи мазкурро бандубаст кардааст[244].

---

[243] Ниг.: Ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд (оид ба парвандаи ҷиноятӣ), таҳти №1049 // Бойгонии суди н. Фирдавсии ш. Душанбе.
[244] Ниг.: Парвандаи ҷиноятии №1-178/15 // Бойгонии суди н. Синои ш. Душанбе.

Чунин ҳолатҳоро суд ба назар гирифта, нисбати ҷинояткорон моддаҳои дахлдори КҶ ҶТ-ро дуруст татбиқ кардааст. Яъне дар таркиби ҷинояти мазкур се ҳолати мустақил дида мешавад.

Омӯзишу баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ муайян намуд, ки мақомоти судӣ мутобиқи м. 118 КҶ ҶТ дар алоқамандӣ бо м. 127 КҶ ҶТ барои ҷинояткорон ҷазо таъйин кардааст. Моддаи 118 КҶ ҶТ аз беэҳтиётӣ расонидни зарари вазнин ба саломатӣ мебошад, ки бандубасти он дар алоқамандӣ бо м. 127 КҶ ҶТ хеле душвор аст. Барои муайян кардани он бояд чанд паҳлуи масъаларо ба назар гирифт. Хусусан, агар аз беэҳтиётӣ ба ҳаёт ва саломатӣ зарари вазнин расонида шавад ва кирдори мазкур боиси марги ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса нагардад, дар ин сурат, шахс таркиби ҷинояти хотимаёфтаи м. 118 КҶ ҶТ-ро содир мекунад. Дар чунин ҳолат, зарурияти илова кардани м. 127 КҶ ҶТ ба парвандаи мазкур дида намешавад. Аммо, агар фаро расии марг дар алоқаи сабабии бевосита танҳо бо дар хатар монондан ҷой дошта бошад, он гоҳ субъект аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 118 ва 127 КҶ ҶТ айбдор дониста мешавад.

Агар аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ бо оқибати дар хатар монондан ҷой дошта бошад, пас бандубасти ҷинояти мазкур аз рӯйи маҷмӯи моддаҳои 118 ва 127 КҶ ҶТ сурат мегирад, зеро дар ин ҳолат ду ҷинояти мустақил содир мешавад.

Ба ҳамин монанд, суди н. Б. Ғафурови в. Суғд парвандаи ҷиноятӣ нисбати посбони гимназияи «Нур» П.Р. (с.т. 09.01. 1950)-ро бандубаст кардааст. Судшаванда П.Р ҳангоми бо велосипед аз кӯчаи Фахрии ҷамоати деҳоти Х. Усмонов ҳаракат доштанаш, бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин карда натавониста, пиёдагарди хурдсол Ш.А.-ро, ки дар канори роҳ қарор дошт, пахш кард. Дар натиҷа, ҷабрдида ҷароҳати ҷисмонӣ мебардорад, ки судшаванда ин ҳолатро дарк карда, ба ӯ ёрӣ намерасонад. Ҷинояти мазкурро

суд бо қ. 1 м. 118 ва қ. 1 м. 127 бо татбиқи ҷазо дар намуди ҷарима ҳукм кардааст[245].

Аз таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судӣ доир ба аломатҳои бандубастшаванда ва махсус бандубастшавандаи ҷинояти дар хатар монондан метавон хулосаи зерин баровард:

1. Ҷинояте, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида ва робитаи сабабӣ бо кирдори дар хатар монондан надошта бошад, он гоҳ субъекти ҷиноят мутобиқи м. 108 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

2. Ҳангоми аз беэҳтиётӣ расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки боиси марг дар ҷойи ҳодиса нагардида бошад, шахс таркиби ҷинояти хотимаёфтаи м. 118 КҶ ҶТ-ро содир мекунад. Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ба ӯ гузошташуда ҷиҳати расонидани ёрӣ, бандубасти кирдор таркиби мазкурро маҳдуд мекунад;

3. Агар субъекти ҷиноят пас аз расонидани зарар ба саломатӣ аз беэҳтиётӣ, ҷабрдидаи оҷизро дар ҳолати хатарнок гузорад, ки дар натиҷа шахс ба ҳалокат расад, дар ин ҳолат ҳаракатҳои ӯ (дар асоси сабаб) чунин бандубаст карда мешавад: а) бо м. 108 КҶ ҶТ, вақте сабаби бевоситаи фарорасии марг на муддати тӯлонӣ ёрӣ нарасонидан, балки аз беэҳтиётӣ расонидани зарар бошад; б) аз рӯйи маҷмуи моддаҳои 108 ва 127 КҶ ҶТ, агар дар марги ҷабрдида аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ва дар муддати дароз нарасонидани ёрӣ ҳамчун робитаи бевоситаи сабабӣ мавҷуд бошад.

4. Агар сабабҳои асосии марги ҷабрдида муддати дароз нарасонидани ёрӣ бошад (аз беморӣ ё аз сармо фавтида, бо расонидани зарар вобастагӣ надошта бошад ва ғ.) ва аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан алоқамандӣ надошта бошад, дар ин маврид, кирдор аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳое, ки ҷавобгариро барои аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардидааст, пешбинӣ мекунанд ва бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст мегардад;

5. Ҳангоми тасодуфан дар хатар монондан ва баъдан аз уҳдадориҳои

[245] Ниг.: Ҳукми ба қувваи қонунӣ даромадаи суд (оид ба парвандаи ҷиноятӣ), таҳти №195/11 // Бойгонии суди н. Бобоҷон Ғафурови в. Суғд.

муқарраркардаи ин модда даст кашидани субъект, кирдор бояд бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

6. Вобаста ба бандубасти кирдори дар моддаҳои 127 ва 212 КҶ ҶТ пешбинишуда саволҳои зиёде ба миён меояд. Таҳлили амалияи тафтишотӣ ва судӣ собит месозад, ки маҷмуи ин моддаҳо хеле зуд-зуд истифода бурда мешавад;

7. Ҳангоми ҷойи садамаро тарк намудани ронандае, ки дар садама гуноҳ надорад, аммо шахсро дар ҳолати хавфнок мондааст, бо м. 127 КҶ ҶТ айбдор мешавад;

8. Яке аз масъалаҳои душвори бандубаст намудани кирдори дар хатар монондан бе ёрӣ монондани ҷабрдидае мебошад, ки ӯ наҷот намеёбад. Ба ақидаи берхе аз муаллифон, дар чунин мавридҳо бояд ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шавад, зеро саркашӣ намудан аз расонидани ёрӣ ба шахсе, ки дар ҳолати хавфнок қарор дорад, боиси ҷалб намудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад. Мо чунин меҳисобем, ки агар шахс ҳоло зинда аст, пас дар худи ҳамон ҷо муайян кардан душвор аст, ки вай зинда мемонад ё не, дар чунин ҳолат монандани ҷабрдида, субъекти ҷиноят мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шавад. Агар шахс ҷабрдидаро дар ҳолати хавфнок гузошта, тасаввур кунад, ки ҷабрдида фавтидааст, вале объективона ба ин бовар накарда, ҷойи ҳодисаро тарк кунад, он гоҳ бояд ҷавобгарӣ барои дар хатар монондан ба миён ояд. Танҳо дар ҳолати объективона муайян кардани марги ҷабрдида дар хатар монондан дониста намешавад. Агар субъект шахсро на қасдан дар хатар мононда бошад, вале ӯро фавтида дониста, кӯшиши пинҳон намудани «ҷасад»-ро карда, ӯро ба ҳалокат расонад, кирдори ӯ бо м. 108 КҶ ҶТ ё дар маҷмуъ, ҳангоми мавҷуд будани таркиби ҷинояти аз беэҳтиётӣ ба марг расонидан, бандубаст карда мешавад.

9. Ҳангоми ба амал омадани ҳолати хавфнок барои ҷабрдида, ки субекти м. 127 КҶ ҶТ боис нашудааст, дар хатар монондан сарфи назар аз фаровасии оқибат бо м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад;

10. Ҳангоми қасди бевосита ё бавосита барои ба вуҷуд овардани оқибат

ва баъдан дар хатар монондан, кирдор бо моддаҳои 104, 110, 111, 112 КҶ ҶТ бандубаст гардида, бо м. 127 КҶ ҶТ бандубасти иловагиро талаб намекунад;

Итминон дорем, ки чунин муносибат бо бандубасти кирдори дар хатар монондан имкон медиҳад, то мухолифатҳо дар амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ бартараф гардида, дар баррасии босифати парвандаҳои категорияи мазкур мусоидат мекунад.

# ХУЛОСАҲО

Ҳамин тариқ, ҷамъбасти таҳлилу таҳқиқи сарчашмаҳо, асару мақолаҳои илмӣ перомуни ҷинояти дар хатар монондан ба мо имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Ҷинояти дар хатар монондан яке аз ҷиноятҳое ба ҳисоб меравад, ки хатари он доимо ба шаҳрвандон таҳдид мекунад. Барои аз байн бурдани чунин категорияҳои ҷиноят, ки ба ҳаёту саломатии инсон хатар дорад, бояд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар байни шаҳрвандон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад. Ҳамчунин, корҳои фаҳмондадиҳӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, колеҷҳо, литсейҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ миёнаи умумӣ ва корхонаҳои давлатӣ гузаронида шавад;

2. Дар аксар маврид истифодабарандагони маводи спиртӣ, нашъаовар психотропӣ новобаста аз пиру ҷавон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахсони бешаҳрванд, беморону маъюбон, ки асоси дар хатар мондани худ ва дигарон мегарданд, кирдори онҳо (масалан, намояндаи қонунии нобино, майзада ҳангоми убури роҳ, ки ҳолати садамавиро ба вуҷуд меоранд) бар асоси ин модда пешбинӣ шавад **[8-М]**;

3. Масъалаи дигаре, ки дар КҶ ҶТ ба танзими ҳуқуқӣ ниёз дорад, шахсони масъули ноболиғ мебошанд, ки уҳдадориҳои худро иҷро намекунанд ва дар натиҷа, таҳдиди расидани зарар ба ҳаёт ва саломатии онҳо вуҷуд дорад. Дар ин асос, мутобиқи ин модда ба ҷавобгарӣ кашида шаванд **[2-М]**;

4. Кирдори дигар, ба вуҷуд овардани ҳолатҳои садамавӣ аз ҷониби иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ ва фирор кардан аз ҷойи ҳодиса мебошад, ки ба ҳаёту саломатии худ ва дигарон хатари расидани зарар вуҷуд дорад. Зарур аст, ки чунин кирдорҳо мутобиқи м. 127 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд **[7-М]**;

5. Дар КҶ ҶТ асоси криминализатсия намудани ҷинояти дар хатар монондан қабул гардидани КМҶ ИДМ гаштааст. Яке аз таркибҳои (объект)

ҷинояти дар хатар монондан сабаб гардидааст, ки онро дар КМҶ ИДМ алоҳида мавриди танзим қарор диҳанд. Дар мадди аввал, ҷинояти дар хатар монондан чун падидаи нав ҳанӯз комилан инкишоф наёфта, зери таъсири гуруҳҳои ҷиноятӣ қарор гирифта буд. Бо гузашти вақт, ҷинояти дар хатар монондан чун соҳаи алоҳида, дорои заминаҳои ҳуқуқӣ гардида, ба таври дахлдор мавриди танзим қарор гирифт. Маҳз чунин ҳолатҳоро ба назар гирифта, КМҶ ИДМ ин кирдорро чун ҷинояти алоҳида муқаррар намудааст **[5-М]**;

6. Аз таҳлилу баррасии қонунгузории ҷиноятии кишварҳои аъзои ИДМ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷинояти дар хатар монондан ба гуруҳи гуногуни ҷиноятҳо, аз ҷумла «ҳуқуқвайронкунии ҷиноятӣ муқобили шахсият» (КҶ Қазоқистон), «ҷиноятҳои дар хатар гузоштани ҳаёт ва саломатии инсон» (КҶ Қирғизистон), «ҷиноятҳои барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок» (КҶ Ӯзбекистон), «кирдорҳои ҷиноятӣ ба муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият» (КҶ Украина), «ҷиноятҳо бар муқобили ҳаёт ва саломатӣ» (КҶ Арманистон), «ҷиноятҳо бар муқобили ҳаёт ва саломатии шахсият» (КҶ Молдовия) дохил мешавад. Дар ҳамаи онҳо ба ҳайси объекти ҷинояти дар хатар монондан ҳаёт ва саломатии инсон баромад мекунад **[4-М]**;

7. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ дар илми ҳуқушиносӣ, хусусан дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон ва пешгирии ҷиноятҳое, ки ба кирдори дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон алоқамандanд, аҳаммияти хос дорад. Бо истифода аз таҷрибаи қонунгузории давлатҳои мутараққии дунё, ки рӯ ба инкишофанд ва дар онҳо сатҳи ҷинояткорӣ вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон дар сатҳи паст қарор дорад, метавонад қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва дигар қонунҳои амалкунандаро дар ин самт мукаммал намоем **[4-М]**;

8. Вобаста ба баррасиҳои зикргардида муайян карда шуд, ки иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оиди ҳифзи ҳаёт ва саломатии ноболиғон дар

қонунгузории ҷиноятии ҶТ оварда нашудааст. Аз ин сабаб, кирдори ба ин монанд, ки ҳамчун ҷиноят шумурда мешавад, дар КҶ ҶТ ҷой дода шавад;

9. Назари муҳаққиқон вобаста ба объект ва тарафи объективии ҷинояти дар хатар монондан якранг нест, зеро объекти ҷинояти мазкур гуногунҷабҳа буда, дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон ё зарар расонидан ба ҳаёт ва саломатии инсон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад **[3-М]**;

10. Объекти умумии ҷинояти м. 127 КҶ ҶТ дар хатар монондани ҳаёт ва саломатии инсон буда, объекти хелии онро муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон алоқаманд, ташкил медиҳад **[1-М].**;

11. Тарафи объективии м. 127 КҶ ҶТ дар шакли ҳаракат ё беҳаракатӣ фаҳмида мешавад. Дар хатар монондан дар маҷмуъ ҳамчун кирдори беҳаракатона ба ҳисоб меравад ва ба ду навъи мустақил тақсим карда мешавад: беҳаракатона, ки метавонад бевосита боиси оқибатҳои муайяни зараровар гардад (беҳаракатона, ки хатари мушаххасро ба вуҷуд меорад) ва беҳаракатона, яъне дахолат накардан ба оқибатҳои зарароваре, ки бо сабабҳои беруна ба вуҷуд омадаанд **[1-М].**;

12. Объекти бевоситаи дар хатар монондан муносибатҳои ёрии байниҳамдигарӣ эътироф карда мешавад, ки мутобиқи зарурати объективии таъмини бехатарии ҳаёти шахси дар ҳолати ба ёрӣ ниёздошта, дониста мешавад **[1-М].**;

13. Субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 127 КҶ ҶТ махсус, яъне шахси воқеии мукаллафи ба синни муқаррарнамудаи қонун расидае мебошад, ки дидаю дониста ба шахси дар вазъияти барои ҳаёт ва саломатиаш хавфнок қарор дорад ва аз сабаби хурдсолӣ, пиронсолӣ, беморӣ ё оҷизӣ имконияти андешидани чораҳои худмуҳофизатиро надорад ё худ ӯро ба чунин ҳолат овардаасту ёрӣ намерасонад, эътироф мегардад **[8-М]**;

14. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи «дар хатар монондан» ва «дар хатар гузоштан» баҳснок мебошад, ки барои муайян кардани объекти м. 127 КҶ ҶТ гуногунандеширо ба миён овардааст. Барои бартараф кардани

мушкилот ва дақиқ намудани субъекти ҷинояти дар хатар монондан бояд қонунгузории миллӣ таҷдиди назар шавад;

15. Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки ба сифати субъекти ҷинояти дар хатар монондан шахсе баромад карда метавонад, ки барои расонидани ёрӣ уҳдадор буд, аммо аз иҷрои онҳо саркашӣ кард. Вале таҷрибаи баррасии парвандаҳои ин навъи ҷиноят нишон медиҳанд, ки чунин ақидаҳо номгӯйи шахсоне, ки бо ҷинояти дар хатар монондан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, беасос васеъ мегарданд. Аз ин рӯ, бояд аломатҳои субъекти ҷинояти дар хатар мононданро вобаста ба он, ки шахс аз кадом уҳдадориҳо саркашӣ намудааст, муайян намуд;

16. Муайян намудани синни ҷавобгарии ҷиноятӣ аз 14 ва 16-солагӣ ба он вобаста аст, ки ноболиғи ба синну соли қонун муқаррарнамуда расидаасту қобилияти дарк намудани хусусияти хавфнокии кирдори худро дорад ва онро идора карда метавонад. Новобаста аз ин, ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахс ба синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ расидааст аммо бо баъзе сабабҳо ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Чунин сабабҳо дар қ. 4 м. 23 КҶ ҶТ ба таври зерин пешбинӣ гардидааст: агар ноболиғ дар инкишофи руҳӣ ақиб монда бошад; ин ақибмонӣ бо парешонҳолии руҳӣ алоқаманд набошад; бинобар чунин ақибмонӣ, ӯ ба таври пурра хусусияти воқеӣ ва хавфи ҷамъиятии ҳаракати (беҳаракатии) худро фаҳмида ё онҳоро идора карда наметавонад. Дар чунин маврид, бо мақсади муайян ҷой доштан ва ё надоштани ақибмонӣ дар инкишофи руҳӣ, санҷиши комплексии руҳӣ-психиатрии судӣ таъйин карда мешавад. Масалан, агар шахс дар синни 15-солагӣ кирдоре содир намояд, ки ба ҷамъият хавфнок бошаду дар он аломатҳои ҷинояти дуздӣ мавҷуд бошад, аммо санҷиши судӣ-психиатрӣ муайян кунад, ки ҳангоми инкишофи руҳии ӯ ақибмонии ҷиддӣ ба назар мерасад ва он натиҷаи гирифтани ҷароҳати майнаи сар ҳангоми таваллуд, асфиксия ва норасо таввалуд шудааст ва ҳангоми ташхис маълум гардад, ки аз рӯйи дараҷаи умумии инкишофи руҳӣ вай ба синну соли дар шиноснома

нишондодашуда (яъне, ба 15-сола) мувофиқ нест ва аз сабаби камтаҷрибагии шахсиву норасогии зеҳнӣ, нокифоягии қобилияти охирбинӣ ӯ ҳангоми содир намудани кирдори ба ҷамъият хавфнок оқибати кирдорашро пурра дарк ва идора карда наметавонист, он гоҳ ӯ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад. Аз ин рӯ, муайян намудан мумкин аст, ки агар ноболиғ дар рӯзи таваллудаш (чордаҳ ё шонздаҳсолагиаш) кирдори ба ҷамъият хавфноки аз рӯйи қонун пешбинишударо содир кунад, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад, чунки ӯ субъекти ҷиноят ба ҳисоб намеравад. Умуман, синну сол дар асоси ҳуҷҷатҳои маълум (шиноснома, шаҳодатнома дар бораи таваллуд ва ғ.) муайян карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани синну соли ноболиғ, бояд дар назар дошт, ки шахс ба синну соле, ки қонун муқаррар намудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, на аз рӯзи таваллудаш, балки аз соати сифри шабонарӯзи дигар, яъне шахс ба синни муайян расида, аз соати 24:00 баъди рӯзи таваллуд ҳисоб мешавад **[3-М]**;

17. Кирдоре, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ҷабрдида гардида ва робитаи сабабӣ надошта бошад, он гоҳ субъекти ҷиноят мутобиқи м. 108 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад;

